Кумитаи шахрвандии начоти гаравгонхо ва зиндониёни сиёсии Точикистон // The National Committee for the Release of Political Hostages and Prisoners of Tajikistan // Гражданский Комитет по защите политических заложников и узников в Таджикистане

Contacts: Email: Freetajikpp@gmail.com // Phone number: +48 514 343 609 // Site: https://zindoniyon.com/



# Фехристи матолиб

*Раиси КШНГЗС: “Ҳатто дар солҳои 1930-1937 чунин зулме воқеъ нашудааст!”..........2*

*Муҳиддин Кабирӣ: “Сабаби асосии лашкаркашии Раҳмон ба Бадахшон, ин мардуми озодандеш ва озодманиши ин минтақа буд”....4*

*Наслкушӣ дар рӯзи равшан..........7*

*Рӯйхати шаҳидон..........19*

*Чаро ҳукумат дар бораи марги Маҳмадбоқир дурӯғ мебофад?..........22*

*Вокуниши ҷаҳонӣ ба рӯйдодҳои Бадахшон..........23*

*“Ҳукмҳои сангин нишонаи нафрати Раҳмон ба бадахшониҳост”......27*

*Раҳмон: “Ман фармони тирпаррониро додам!”..........30*

*Чаро дар Бадахшон қатлу хунрезӣ ҷорӣ шуд?..........34*

*Боздошти ҷавонони зодаи Бадахшон.......... 37*

*Боздошт ва зиндонӣ кардани аъзои “Комиссияи 44”..........40*

*Вақте афроди сулҳталаб дар ин кишвар боздошт ва зиндонӣ мешаванд..........43*

*Генерал Холбаш Холбашев кист?..........46*

*Меҳмоншоҳ Шарифзода: “Фатво” додаанд, ки “кушташудаҳо ҷинояткор буданд ва куштани онҳо воҷиб буд”..........49*

*Боздошти рӯзноманигор ва афсари собиқи КДАМ, Муҳаммад Султон..........55*

*Ман помириям!..........59*

*Замин аз даст рафт ё ҳақ ба “ҳақдор” расид? ..........64*

*Муносибат бо язғуломиён дар тӯли 30 соли раҳбарии Раҳмон аз назари Шоҳнаими Карим..........69*

*Чаро ҳукумат аз мухторияти Бадахшон метарсад?..........73*

*Мулоҳизае дар бораи қатъи интернет дар ВМКБ..........75*

*Халифаи сарбаланд..........78*

*Имрӯз ва фардои Бадахшон..........80*

*Умед охирон мемирад..........83*

*Хроникаи воқеаҳои Бадахшон..........88*



# “Ҳатто дар солҳои 1930-1937 чунин зулме воқеъ нашудааст”

**Абдусаттор Бобоев, раиси Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсии Тоҷикистон (КШНГЗС), бо ишора ба зулму таҷовузҳое, ки режими Раҳмон дар Бадахшон муртакиб мешавад, тасреҳ кард: “Дӯстони бадахшонии мо аз падару бобоҳояшон нақл мекунанд, ки ҳатто дар солҳои 1930-1937 яъне дар замони репрессияи болшавекӣ, чунин зулме воқеъ нашуда буд.”**

*Дар зайл гуфтугӯи сайти Зиндониён бо раиси КШНГЗС -ро бихонед:*

**Зиндониён**: ***Дар соли ҷорӣ ҳамаи тоҷикистониён шоҳиди лашкаркашии Эмомалӣ Раҳмон ба Бадахшон шуданд. Дар ин ҳамла, даҳҳо бегуноҳ шаҳид ва садҳо тан захмӣ гардиданд ва писарон бе падар ва падарон бе писар ва бонувон бе шавҳар шуданд. Ба назари шумо, чаро Раҳмон як дафъа чунин тасмими носанҷида гирифт?***

**Абдусаттор Бобоев**: Ба номи Худои бахшандаву меҳрубон. Воқеан ҳам мусибате, ки имсол режими Раҳмон ба сари мардуми шарифи Бадахшон овард, дар тӯли садсолаҳо ин мардум чунин зулму ваҳшониятро надида буданд. Дӯстони бадахшонии мо аз падару бобоҳояшон нақл мекунанд, ки ҳатто дар солҳои 1930-1937 яъне дар замони репрессияи болшавекӣ, чунин зулме воқеъ нашуда буд.

**Имрӯз дар Бадахшон хонаводае нест, ки аз дасти ин режими хонаводагӣ азият надида бошад. Баъзеҳоро ваҳшиёна ба шаҳодат расониданд, баъзе дигарро бе ягон ҷурм шиканҷа карда равонаи зиндон карданд.**

Имрӯз дар Бадахшон хонаводае нест, ки аз дасти ин режими хонаводагӣ азият надида бошад. Баъзеҳоро ваҳшиёна ба шаҳодат расониданд, баъзе дигарро бе ягон ҷурм шиканҷа карда равонаи зиндон кардаанд. Ҳатто дар кишвари Русия нафарони бадахшоние, ки каме шӯҳрат ва обурӯ доранд, бо ҳамкории режими кишвар боздошт ва ба Тоҷикистон истирдод шуданд. Ва мақомоти қудратии кишвар баъди шиканҷа кардан, онҳоро ба солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон карданд, ҳатто кор ба ҷое расид, ки чаҳор нафар аз ҷавонон баъд аз боздошти мақомот озод ва муддати чанд рӯз бо касе сӯҳбат накарда, худкушӣ карданд, ки бино бар хабарҳои ба мо расида, онҳо дар боздоштгоҳҳо аз тарафи кормандони мақомоти қудратӣ мавриди таҷовузи ҷинсӣ қарор гирифтаанд.

Муддати 30 соле, ки режими Раҳмон дар кишвар ҳукумат мекунад, ҳама навъ озодиҳои мардумро аз онҳо гирифтанд, кишварро ба як конслагер табдил доданд. Мардуми ба нангу ба номуси Бадахшон дар ин муддат ҳеҷ вақт ин

режимро қабул накарда ва зери бори зулми ин вахшиҳо нарафтанд. Раҳмон ва атрофиёнаш солҳо боз интизори чунин вақте буданд, ки аз ин мардум интиқом бигиранд ва аз нобасомониҳои минтақа, ба хусус аз вазъи ба вуқӯъ омада байни кишвари Русия ва Украина истифода карда, ин мардуми озодихоҳ ва озодандешро мавриди чабру зулм қарор доданд. Даҳҳо нафар кушта ва садаҳо нафарони дигар мавриди шиканҷа ва боздошт қарор гирифта истодаанд, ки ҷузъиёташ дар матлабҳои омодашудаи ин маҷалла ба нашр расидааст.



Хулоса, дар ҳама давру замон диктаторҳо аз мардуми мубориз ва озодандеш дар ҳаросанд ва сабаби ба Бадахшон лашкаркашии Раҳмон ҳам тарси ӯ аз ин мардуми бономус аст.

**Зиндониён: *Оё КШН-ГЗС дар заминаи огоҳ кардани ҷаҳониён ба ин зулму таҷовузи Раҳмон, ғайр аз иттилоърасонӣ кори дигаре ҳам кардааст?***

**Абдусаттор Бобоев**: Бале, кори аз ҳама муҳимме, ки аъзоёни Кумита анҷом доданд, омода кардани ин маҷалла аст, ки “*Наслкушӣ дар Бадахшон*” номгузорӣ шуда. Ин маҷалла иборат аст аз матолиби мустанаде, ки ҳамаи қатлу куштор, чабру зулм ва вахшонияти режими Раҳмонро дарбар дошта ва бо факту санадҳои қавӣ оварда шудаанд ва ба забонҳои мухталиф низ рӯи чоп хоҳад омад ва тамоми ҷаҳониён аз ҷиноёти ин режим бештар огоҳ хоҳанд шуд.

Раҳмон ва дору дастааш бояд сари ақл биёянд. Ва агар онҳо аз ин ҷиноят ва чабру зулми мардуми мазлум ва бегуноҳи Бадахшон ва дигар мардуми кишвар даст барнадоранд, Кумита ҳеч вақт ором нахоҳад нишаст ва дар асоси қонун ва инсоният бо инҳо муомила хоҳад кард ва ба ҳар роҳе, ки бошад мо кӯшиши худро бо роҳҳои қонунӣ ба харҷ хоҳем дод, то золимон аз озори мардуми бегуноҳ дар кишвар ва хориҷи кишвар даст бикашанд.

Ман ҳамчун масъули ин созмони ҳуқуқӣ аз ҳама кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба хусус аз СММ, даъват мекунам, ки Тоҷикистонро водор кунанд, ки он ӯҳдадориҳоеро, ки дар ростои озодиҳои инсон дар Тоҷикистон ба ӯҳда гирифтааст, тибқи он амал кунад ва аз ҳамаи мардуми шарафманди кишвар хоҳиш мекунам, дар муқобили ин золимон ором набошанд ва барои бошарафона зиндагӣ кардани худ ва наслҳои оянда мубориза баранд, ба қавли шоир:

*Қафас бишкан, ба парвоз ову мастӣ кун,*

*Ки мар озодагонро доғи асорат сахт нагин аст.*

**Зиндониён: *Саломат бошед!***



## “Сабаби асосии лашкаркашии Раҳмон ба Бадахшон, ин мардуми озодандеш ва озодманиши ин минтақа буд”

**Муҳиддин Кабирӣ, раҳбари Паймони Миллии Тоҷикистон (ПМТ), бо баёни ин ки набояд хуҷумҳои пайвастаи Эмомалӣ Раҳмон ба Бадахшонро ба ҷойгоҳи геополитикии он рабт дод, тасреҳ кард: “Агар Раҳмон аҳаммияти стратегии ин минтақа барои Тоҷикистонро дарк мекард, як ваҷаб заминро ҳам намедод ба касе”. Вай афзуд: “Он чизе, ки барои ӯ муҳим аст ва сабаби асосии лашкаркашии ӯст, ин мардуми озодандеш ва озодманише аст, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд. Муҳим ин аст, ки мардуми Бадахшон мисли дигар манотиқ хомӯш ва лаббайкгӯ бошанд.”**

*Матни пурраи мусоҳибаи сайти Зиёдониён бо Муҳиддин Кабирӣ ба шарҳи зерин аст:*

**Зиндониён**: ***Ассалому алайкум. Дар соли ҷорӣ мутаассифона шоҳиди лашкаркашии Эмомалӣ Раҳмон ба Бадахшон будем, ки дар натиҷаи он, даҳҳо шаҳрвандони бегуноҳ кушта ва даҳҳои дигар захмӣ шуданд. Суоли аввалам ин аст, ки каме барои хонанда дар бораи ин минтақа аз назари геополитикӣ мегуфтед. Минтақаи хеле ҳассос аст.***

**Кабирӣ**: Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон. Шакке нест, ки минтақаи Бадахшон аз лиҳози геополитикӣ хеле муҳим ва ҳассос аст. Чун минтақаи пайвасти 4 кишвар: Тоҷикистон, Афғонистон, Чин ва Покистон аст, ки метавонад ҳам чолиш дар худ дошта бошад, ҳам фурсат. Беҳуда Россияи подшоҳӣ ҳанӯз дар асри 19 нерӯҳои худро ончо мустақар накарда буд. Ҳанӯз ҳам байни коршиносони рус ин сухан маъруф аст, ки “*Ҳар ки Боми ҷаҳонро дорад, нисфи ҷаҳонро дорад*”. Аммо мо набояд хуҷумҳои пайвастаи Эмомалӣ Раҳмон ба ин минтақаро зиёд ба ҷойгоҳи муҳимми геополитикии он рабт

> **Он чизе, ки барои Раҳмон муҳим аст ва сабаби асосии лашкаркашии ӯст, ин мардуми озодандеш ва озодманише аст, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд.**

бидиҳем. Зеро, Раҳмон на фаҳмиши васеъи геополитикӣ дораду на бозингари қавӣ ва мустақил дар масоили геополитикии ҷаҳон аст. Агар аҳаммияти стратегии ин минтақа барои Тоҷикистонро дарк мекард, як ваҷаб заминро ҳам намедод ба касе. Ҳамоне, ки наздики якуним дар сад аз замини кишварро

дар минтақа дод, маънии онро дорад, ки на ин минтақа барояш аҳаммият дораду на кишвар.

Он чизе, ки барои ӯ муҳим аст ва сабаби асосии лашкаркашии ӯст, ин мардуми озодандеш ва озодманише аст, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд. Муҳим ин аст, ки мардуми Бадахшон мисли дигар манотиқ хомӯш ва лаббайкгӯ бошанд. Раҳмонро ин чиз ҳамеша нороҳат мекард, ки чаро ин минтақаи кишварро то ҳол натавонистааст тобеъи “хостаҳои пешво”, яъне худ кунад. Аз нигоҳи ӯ, ҳатто агар як инсони мустақил ва озодандеш дар кишвар боқӣ бимонад, ки ҷуръати “не” гуфтанро дошта бошад, мақоми “пешвогии” ӯ хадшадор ва нокомил мемонад. Ҳамин аст, ки ӯ чунин инсонҳоро пеш аз ҳама ҳадаф қарор медиҳад ва онҳоро нобуд мекунад. Фарқ надорад, ки ин инсон дар Бадахшон аст ё Кӯлоб ё Суғд. Аммо чун дар дигар манотиқ чунин инсонҳо пароканда ва инфиродӣ амал мекунанд, Раҳмон ниёз ба лашкаркашӣ дар онҷоҳо надорад, балки бо зиндонӣ ё нобуд кардан масъаларо ҳал мекунад. Чун дар минтақаи Бадахшон инсонҳои озодманиш бештаранд ва одатан дастаҷамъона амал мекунанд, Раҳмон маҷбур аст, лашкар бикашад ва як ду нафарро не, балки даҳҳоро бикушад.



Бинобар ин, ман нақши инсонро аз нақши аҳаммияти геополитикии минтақа дар лашкаркашиҳои Раҳмон бештар мебинам.

**Зиндониён**: ***Чаро Русия, ки таърихан аз Бадахшон ва мардуми он ҳимоят мекард ва ин маъруф аст, дар фоҷеаи ахир сукутро ихтиёр кард ва чизе нагуфт? Ва балки болотар аз он, ҳамкорӣ ҳам бо режими Раҳмон дар қатлу куштore, ки дар ин минтақа роҳ андохт намуд. Ин ки афроди бонуфузи помирӣ, ки бештар дар Русия кору зиндагӣ мекарданд ва ҳатто шаҳрвандии Русияро доштанд, аз Русия ба Тоҷикистон оварда шуданд, ки қатъан нерӯҳои амниятӣ ва интизомии Русия дар ин кор саҳм доранд.***

**Кабирӣ**: Намедонам ин афсона чаро дар зеҳни мардум ҷо шудааст, ки гӯё Русия аз мардуми Бадахшон ҳимоят мекарда бошад?! Агар як замоне Бадахшон барои Русия аҳаммият дошт, барои манфиатҳои худаш аҳаммият дошт, на барои манфиатҳои мардуми Бадахшон. Ҳоло манфиати Русия, ҳадди ақал аз нигоҳи ҳокимони имрӯзааш, дар пуштибонии Раҳмон аст ва инҷо бояд нуқта гузошт, ки албатта, аз нигоҳи ман як иштибоҳи бузурги мақомоти Русия ҳам дар ҳамин аст. Аммо ин сиёсат дарояндаи наздик тағйир нахоҳад кард, зеро Русия аз Раҳмон дида роҳбаре муттаҳамтар дар Тоҷикситон пайдо нахоҳад кард. Чунин роҳбари “хонашери майдонғариб” барои ҳар қудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ муфид аст, чун роҳат хостаҳои худро таҳмил хоҳанд кард.

Оне, ки бархе аз фаъолони бадахшонӣ бо партофтани шиъорҳои пайвастан ба Русия ва умед кардан аз пуштибонии Москва худро дар ин варта андохтанд, баёнгари хомӣ ва нафаҳмидани формулаҳои асосии сиёсати

калон аст. Ман метарсам, ки ҳанӯз ҳам бархе то пояи дор ин умедро аз даст нахоҳанд дод. Иттифоқан, на танҳо аз Русия, балки аз бархе дигар кишварҳо ҳам дақиқан ҳамин умедро доранд. Як қисме фиреби шаҳрвандии Русияро хӯрданд, бехабар аз он, ки вақте дар як кишвар худи инсон арзише надошта бошад, як порча варақ чӣ арзиш дорад? Умед дорам ин вазъият чашми хелеҳоро боз карда бошад, аммо мо тоҷикон барои расидан ба ин фаҳмиш нархи хеле гарон дода истодаем. Беҳтарин шермардони миллат қурбонии ана ҳамин ормонгароӣ ва мифҳо гаштанд ва метарсам, ки боз мешаванд. Агар баъди ин ҳама қурбонӣ фаҳмида бошем, ки танҳо ба худ бояд такя кард ва бозии касеро набояд хӯрд, ин ҳам давлати калон аст.

**Зиндониён**: ***Назаратон дар бораи иттиҳомоте, ки режими Раҳмон кард мабнӣ бар ин ки гӯё мухолифон дар он нооромиҳо даст доштаанд, чист? Ва ҳатто исми муовини ПМТ яъне Алим Шерзамонов бурда шуд***.

**Кабирӣ:** Хушбахтона ё мутаассифона мо дар ин ҳодисаҳо на танҳо даст, балки таъсири зиёд ҳам надоштем. Манзурам дар сар задани ҳодисаҳо. Ҳамчуноне, ки дар солҳои қаблӣ ҳам ҳеч таъсири берунае дар ҳодисаҳои Бадахшон набуд. Кори расонаӣ ва равшангарӣ байни мардум ва дар сатҳи ҷаҳониро анҷом додем ва ин дигар як масъулияти инсонӣ ва сиёсӣ аст. Аммо осонтарин роҳ барои ҳар як ҳукумати диктаторӣ, ин партофтани айб ҳамеша ба "қувваҳои хориҷӣ" мебошад. Аммо, вақте ҳодисаҳо сар шуданд, дигар ин вазифаи ҳар нерӯи сиёсӣ аст, ки аз мардум дифоъ кунад, ба хусус пуштибонии расонаӣ, маънавӣ ва сиёсӣ. Агар ҳамин корро як нерӯи сиёсӣ ва он ҳам мухолиф накунад, ба чӣ дард мехӯрад? Кӯмаки молӣ ва роҳбарӣ кардани мардум ин як афсонае беш нест, ки арзиши шарҳро ҳам надорад.

Фардо агар дар ҳар гӯшаи Тоҷикистон чунин ҳодиса такрор шавад, вазифаи инсонӣ ва сиёсии мо аст, ки аз мардум дифоъ кунем ва хоҳем кард. Ва бештар аз ин, вазифаи мо аз ҳокимият дур кардани ин афроди ҷинояткор аст, чӣ расад ба он ки мардумро аз ин ҷинояткорон ҳимоят кунем.

**Зиндониён:** ***Дар охир мехостам, чанд ҷумла дар бораи КШНГЗС мегуфтед.***

**Кабирӣ**: Ин созмонро ман як созмони мардумӣ мешиносам, ки дар вақти дуруст ва дар ҷои дуруст ба майдон омад. Ва воқеан мардумӣ аст. Онро наметавон як созмони сирф сиёсӣ ё ҳуқуқибашарӣ ё иҷтимоӣ номид. Чун дар қолаби ҳеч кадоме аз инҳо намегунҷад ва зарур ҳам нест, ки бигунҷад. Муҳим, ки кораш байни мардум то инҷо таъсир дошт ва умедворам оянда ҳам чунин мардумӣ бимонад. Чун мардумӣ аст ва бар он мардум ҳам хидмат мекунад, дар он афроди гуногун аз касбу кор ва ҷараёну созмонҳои гуногун ҳамкорӣ мекунанд, ки ин худ як падидаи хеле ҳам нодир аст. Ба хусус, тарҳҳои ахир дар ошно кардани казияи зиндониҳои сиёсӣ ва шахсияти онҳо ба мардум хеле муассир ва муфид буданд, ки иҷозат намедиҳад миллат фарзандони беҳтарини худро фаромӯш кунад. Барои Шумо ва ҳама ҳамкоронатон аз Парвардигор тавфиқ ва тансиҳатӣ мехоҳам!

**Зиндониён**: ***Ташаккури бепоён!***



# Наслкушӣ дар рӯзи равшан



*Мавҷуда Соҳибназарова, рӯзноманигор, муовини раиси КШНГЗС*

Тазоҳуроти осоиштаи мардуми ноҳияи Рӯшонро - ки ҳодисае хунин ва нангин дар корномаи 30-солаи ҳукмронии Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад – режим “бархӯрди мусаллаҳона зидди ҳамлаи террористӣ” унвон кард. Албатта, барои худсафедкунӣ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Ҳанӯз дар соли 2014 Раҳмон дар яке аз вохӯриҳояш дар Бадахшон, ба роҳбарони мақомоти кудратӣ муроҷиат карда гуфта буд: “*Чор ҷинояткорро безарар гардонда наметавонед? Агар аз ӯҳдаи вазифа набароед, ҷойро холӣ кунед.*”

Аз ин сӯҳбат тақрибан 8 сол гузашт. Ва дар тӯли ин ҳама 8 сол, бо баҳонаи ин “чор ҷинояткор”, ки онҳо аслан вуҷуд надоштанд, ҳукумат тавтеаҳое гуногунеро дар Бадахшон роҳ андохт, то ҷомеаи байналмалӣ Тоҷикистонро рӯ ба рӯ бо хатари терроризм эътироф ва барои мубориза бо ин падида, ба Тоҷикистон маблағҳои зиёд ихтисос диҳанд. Ва ин ҳам боиси нигаронист, ки маҳз бо ин маблағҳо ва кӯмакҳо, режими Раҳмон ба наслкушӣ дар Бадахшон идома медиҳад.

**Ҳодисаи 17-18 майи соли 2022 дар ноҳияи Рӯшон, ки ҳукумат онро “амалиёти махсус” меҳисобад, дар воқеъ пахши як тазоҳуроти мусолиматемез ва осоиштаи мардумӣ буд.**

Ҳодисаи 17-18 майи соли 2022 дар ноҳияи Рӯшон, ки ҳукумат онро “амалиёти махсус” меҳисобад, дар воқеъ пахши як тазоҳуроти мусолиматомез ва осоиштаи мардумӣ буд. Дар ин таърих, рӯшониён дар доираи қонун, ба тазоҳурот баромаданд ва аз сарбозон хостанд, ба Хоруғ барои рехтани хуни ноҳақ нараванд ва

пасгарданд. Аммо мутаассифона бо дастури Раҳмон – ки ба он тасреҳ намуд – тазоҳургарон қатли омм шуданд. Бидуни шак, ин як наслкушӣ буд. Ҳатто иҷозат надоданд, захмиён аз майдон берун бароварда шаванд, то ба онҳо кӯмаки тиббӣ расонда шавад.

Инак, бо истинод ба ахбори мувассақ ва гуфтаҳои шоҳидони айнии ин ҳодисаи хунин, гӯшае аз иттифоқотеро нақл мекунем, ки бисёр ғамангез ва андӯҳбор аст:

**1) Исмат Шарифов (1984-2022)**




Исмат дар он рӯзи шум бисёр сахт захмӣ шуд. Бо ишораи даст аз ҳамшираи шавқати бемористони ноҳия кӯмак хост. Ҳамшира хост, ӯро аз майдон, ки борони тир ба рӯи тазоҳургарон меборид, берун кашад. Аммо ин аз чашми низомиён дур намонд. Онҳо иҷоза надоданд, ки ба ӯ кӯмак расонида шавад. Исмати сангтарош ва устои чирадаст, ки умре дар хидмати мардум буд ва барои мазор санг метарошид, он лаҳза ба кӯмак ниёз дошт. Ӯро наҷот додан мумкин буд, лекин низомиён монеъ шуданд. Ҳамин тавр ӯ шаҳид гардид. Раҳмон ва қотилони ӯ се фарзанди хурдсоли ӯро аз навозиши падар маҳрум сохтанд. Фарзанди хурдияш тоза ҳафтмоҳа шуда буд;

**2) Ардашер Муносибов (1996-2022)**

Ардашер аз ноҳияи пояш сахт захмӣ гардид. Дар он рӯзи шум мехост худро ба назди модараш расонад, вале ба дасти низомиён афтод. Низомиён метавонистанд барояш кӯмаки тиббӣ расонанд. Аммо ба ҷойи ин, ба ӯ либоси афғонӣ пӯшонданд, азобу шиканҷа карданд. Дасту пояшро шикастанд, шикамашро чок карданд ва аз даҳонаш парронданд.




Ардашер дар 7 октябри соли 1996 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Соли 2003 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил ва дар соли 2014 онро бомуваффақият хатм намудааст. Вай соли 2015 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 онро сарбаландона ба итмом расонд. Ардашер аз кӯдакӣ миёни ҳамсолон бо ахлоқи




намунавиаш фарқ мекард. Табиатан шахси ором ва шӯх буд. Барои шӯхтабиатӣ ҳама ӯро дӯст медоштанд. Дар тими волейболбозони деҳа яке аз бозигарони калидӣ маҳсуб меёфт. Падараш дар шаҳри Москва ба ҳайси ронандаи автобус кор мекард ва Ардашер, ки писари ягона буд, дар деҳа асосан ба деҳқонӣ машғул буд. Дар вақтҳои холигӣ ба самти маркази

ноҳия ё шаҳри Хоруғ бо мошини шахсиаш таксиронӣ менамуд ё ҳосили ҷамънамудаи меваю сабзавоти худу ҳамсояҳоро ба бозорҳои Рӯшону Хоруғ мебурд.

**3) Алихон Назокатов (1997-2022)**

Алихон вакте дид, сарбозон ба тарафи эътирозгарони бесилоҳ тир холӣ мекарданд ва чархболҳо аз болои сари онҳо тир




мекушоданд, шурӯъ ба наворгирӣ кард. Ӯ ба захмиён низ кӯмак мерасонд.  Аммо ӯро боздошт ва куштанд. Ҷасади ӯро бо шиками чок пайдо намуданд. Мақомдорон боздоштшудаҳоро на фақат шиканҷа мекарданду мекуштанд, балки ба ҷисмашон низ ҳар гуна таҳқирро раво медиданд.

**4) Мунаввар Ғуломшоев (1986-2022)**




Мунаввар сокини ноҳияи Рӯшон буд. Мунаввар барои ба дунё омадани фарзанди нахустинаш рӯз мешумурд. Баъди як моҳ ҳамсараш бояд таваллуд мекард. Мунаввар низ мисли аксари ҷавонони шаҳраки Вомар бекор буд. Ҳамарӯза бо дӯстонаш дар назди кӯпруки деҳа ҷамъ шуда, сӯҳбат мекарданд, рӯзашон бо ҳамин мегузашт. Дар он рӯзи шум, ӯ талош мекард, ба захмиён кӯмак расонад. Мунаввар ба ҳамсараш ваъда карда буд, ки хеле зуд бармегардад, аммо... Ӯро аз даҳонаш парронда буданд. Ҷасади Мунавварро бо устухонҳои шикаста ёфтанд. Вай аз ин ки шиканҷаи зиёд шуда буд, наздиконаш ӯро базӯр шинохтанд.

**5) Шӯҳрат Рuштов (1978-2022)**




Шӯҳратро дар рӯзи 19.05.2022 ба идораи амният бурда, бидуни додгоҳ ва тафтишот, ба кӯча баровар да парронданд.

**6) Ҷуманазар Баёзов (1967-2022)**

Ҷумаъназар Баёзови 55-сола мисли дигар сокинони Бадахшон солҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошт. Ин ҷавони панҷ панҷааш ҳунар ва бо тану тӯш, ки ҷисми паҳлавониаш аз чашми мақомдорон пинҳон намонд, чанд моҳ пеш аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашта буд.




Он рӯзи шум ӯ баъди гусели ҳамсараш то ҷойи кораш ба хона баргашт. Баъди чанд соати дигар мақомдорон дари хонаи ӯро кӯфтанд ва ӯро бо худ бурданд. Ҷисми бечони ӯро аз

бемористони ноҳия пайдо намуданд. Се фарзанди ятиммондаи Ҷумаъназар то ҳол интизори ин посух ҳастанд, ки чаро падарашон кушта шуд?

**7) Алишер Қиматшоев (1975-2022)**

Алишер Қиматшоеви 47-сола дар рӯзи 17 май хеле шитоб дошт. Ингор ба пешвози марг мерафт. Вай чанд сол боз ба мусофиркашонӣ машғул буду ризқи кӯдаконашро аз роҳи душвори солҳо таъмирнадидаи Душанбе-Хоруғ меёфт. Он сафар ҳам ӯ ба писари




нӯҳсолааш ваъда дода буд, ки зуд бармегардад ва рӯзҳои истироҳат ба кӯҳ хоҳанд рафт. Мақомот Алишерро, дар ҳоле, ки ӯ аз ҳама чиз бехабар, субҳи барвақт бо баҳонаи санҷидани телефон, аз хона бурданд. Ӯ ба писари нӯҳсолааш менигарист. Чашмонаш ба писараш мегуфтанд, зуд бармегардам, чун ба бегуноҳии худ бовар дошт. Аммо ҳайот писар ҳанӯз ҳам бовар надорад, ки падараш дигар намеояд.

**8) Аслиддин Хурсандов (1993-2022)**




Аслиддин, сокини шаҳраки Вамар, парастор (медбрат) буд. Барои хотирмон гузаштани тӯи арӯсияш нақша мекашид, ки қотилони режими хуношом орзуҳояшро ба хок бурданд. Ӯро дар он рӯзи шум ваҳшиёна куштанд.

**9) Муҳиддин Қурбонасенов (1987-2022)**




Муҳиддин Қурбонасенов низ аз шаҳраки Вамар буд. Вай ҳамроҳ бо Аслиддин Хурсандов аз ваҳшонияте, ки навкарони Раҳмон дар шаҳрак эҷод карда буданд, ба кӯҳҳо паноҳ бурда буданд, аммо чархболе, ки пайваста ба сари тазоҳургарон тир холӣ мекард, онҳоро низ ёфт ва сипас сарбозон куштандшон;

**10) Алишер Почоев (1976-2022)**




Алишер, ки дар тарбияи худ чор фарзанди ноболиғ дошту онҳоро бе модар калон мекард, дар шароити душвори иқтисодӣ қарор дошт. Ӯ тамоми вақту қувваашро барои тарбияи фарзандон сарф мекард. Тарбияи дурусти Алишер буд, ки духтараш дар мактаб бо баҳои аъло мехонд ва имтиёз барои шомил шудан ба

дилхоҳ мактаби олии кишварро дошт. Алишерро куштанд, фарзандонаш ятим монданд ва ҳатто имтиёзи духтарашро барои донишҷӯ шудан аз ӯ гирифтанд. Алишер солҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошт.

### 11) Ёдгор Ғуломҳайдаров (1974-2022)




Дар он рӯзи шум, ки то абад аз ёди мардуми минтақа ва балки кулли кишвар намеравад, Ёдгорро бисёр ваҳшиёна куштанд. Ғуломайдаров Ёдгор дар ноябри соли 1974 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон ба дунё омадааст. Вай дар соли 1981 ба мактаби миёнаи рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил шуда, соли 1992 онро бомуваффақият хатм намудааст. Пас аз итмоми мактаби миёна, ба хидмати ҳарбӣ меравад. Ӯ солҳои 1995-1997 адои хидмат кардааст. Даврони хидмати ӯ ба замони ҷанги шаҳрвандӣ рост омад. Ёдгор бо чанд тан аз ҳамдеҳагонаш маҳз дар нуқтаи асосии ҷанг - ноҳияи Тавилдара қарор доштанд. Замони хидмат ӯ аз дӯстони наздиктарин, писари амакаш Саидалиро аз даст дод. Саидалӣ дар пеши чашмаш қатл гардид. Пас аз итмоми мӯҳлати хидмат, ба хона баргашт. Муддате дар деҳа истода ба Федератсияи Русия ба мардикорӣ меравад. Зиёда аз 10 сол дар муҳоҷират қарор дошт. Соли 2012 ба ватан омад. Хост, ки оиладор шавад, аммо ҳодисаҳои дар Бадахшон рухдода ӯро ором нагузошанд. Ҳамеша зери назорати кормандони КДАМ буд. Ҳарчанд доиман мегуфт, ки аъзои ягон гурӯҳи ҷиноӣ несту мехоҳад зиндагии оромона дошта бошад, аммо кӯшиши сиёҳкунӣ ва аз ин тариқ дастгиркунии ӯ зуд-зуд мушоҳида мегардид. Вай бино бар инсони росткору ростқавлу ростгӯй буданаш, ҳамвора аз "домашон" раҳо меёфт.

Ёдгор маҳбуби дилҳои ҳамагон буд. Аз хурд то бузург, зану мард, пиру ҷавон ӯро дӯст медоштанд. На танҳо дар кӯчаю деҳа, балки дар тамоми ноҳия ва вилоят ӯро иззату эҳтиром мекарданд ва аз инсонигарию ҷавонмардиаш ҳарф мезаданд. Шахси басо




хоксор буд. Аз даҳонаш ягон ҳарфи дағалу зиёдатӣ шунида намешуд. Танҳо табассум мекарду бас. Ҳар мушкилот, нофаҳмӣ ё проблемае, ки дар деҳа ё ноҳия мешуд, маҳз аз ӯ маслиҳат мепурсиданд ва ӯ онро бе ягон ҷанҷолу нофаҳмӣ ҳал мекард. Ҳатто аз душмани худ ҳам сухани бад намегуфт.

### 12) Ҳабиб Мавлододов (1987-2022)

Баъди чанд рӯзи он ҳодисаи шум, дар шабакаҳои иҷтимоӣ видеое пахш шуд, ки дар



назди ҷасадҳои беҷони Алишер Почоев, Ҳабиб Мавлододов, Ҷонибек Шехбуров ва Дохунда Паллаев яроқ мегузоштанд. Яъне нақшаи сохтаи низомиён, ки мехостанд инҳоро “гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ” унвон кунанд, ба дурбини касе афтида буд.




Мавлододов Ҳабиб Феткаевич 6 марти соли 1987 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Соли 1994 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил шуда, соли 2005 онро бомуваффақият хатм намуд. Соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба факултаи таърих ва ҳуқуқ ҳуҷҷатҳояшро супорид. Соли 2010 донишгоҳро бо сарбаландӣ ба итмом расонд.

Пас аз хатми донишгоҳ, мисли дигар шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия рафту пас аз чанд муддате ба ватан баргашт.




Ҳабиб аз хурдӣ бачаи ҷасуру нотарс ва меҳнаткаш буд. Бо ҳақгӯӣ ва ҳақҷӯияш миёни ҳамсолон фарқ мекард. Гапро дар рӯи одам мегуфту аз пушти кас ғайбат намекард. Кору гапи ноҳақро тоқати дидану шунидан надошт. Новобаста аз синну сол, бо ҳама якхел муносибат дошт. Ӯ рӯзу шаб ба меҳнати ҳалол кор мекарду аз ин ҳисоб ризқи ҳалол мехӯрд. Дар ҳамаи корҳои дастаҷамъона ва ҳашарҳои деҳа ва ноҳия дар саффи пеш буд. Гоҳҳо чунон машғули кор мешуд, ки ҳамроҳонаш аз хастагӣ тоқат накарда, бо ҳар баҳона мегурехтанд. Чанд соли охир дар деҳаи Дерзуд нуқтаи қабули бор аз Русияро кушоду бо қабул ва тақсимкунии ашёи фиристодаи муҳоҷирон машғул буд. Ҳамзамон барои зимистонгузаронӣ ҳамасола бо мошини боркаш аз ноҳияи Айнии вилояти Суғд ангишт меоварду бо нархи дастрас барои сокинон мефурӯхт.

Ҳабиб оиладор ва соҳиби ду писар буд. Писарчаи хурдиаш Адиб бемории қалб дорад. Нияти аҳли хонавода буд, ки ҳуҷҷатҳои зарурии ин кӯдаки беморро ҷамъ намуда, тобистон ба шаҳри Москваи Федератсияи Русия барои табобат баранд. Як рӯз пеш аз оғози ҳодисаҳои Рӯшон Ҳабиб барои ин ҳуҷҷатҳо ба табобатхонаи марказии вилоят рафта буд, то ҳарчи зудтар ӯро ба Москва баранд.

## 13) Ҷонибек Шехбуров (1996-2022)

Ҷонибек, ин ҷавони ғурамарг, ки солҳои ҷанги




шаҳрвандӣ ба дунё омада буд, умри кӯтоҳи

худро дар ғарибӣ пушти сар карда буд. Вақтҳои охир дар Лаҳистон кору зиндагӣ мекард ва ба Тоҷикистон барои хонадоршавӣ рафта буд. Дар вақти шаҳид шуданаш, ҳамсараш ҳомиладор буд. Афсӯс, ки дидори тифл ба ӯ муясар нашуд.

**14) Дохунда Паллаев (1969-2022)**




Палаев Дохундаи 53-сола, ки сокини деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшони ВМКБ буд, яке дигар аз шаҳидони он рӯзи шум аст, ки пайвандонаш ҳанӯз намедонанд, ки чаро ин мардро бо он ваҳшоният куштанд.

**15) Ризвон Каримов (1967-2022)**




Ризвон Каримов, сокини деҳаи Баррӯшонро фишор оварданд, ки ҷойи пинҳоншудаи тазоҳургаронро нишон диҳад. Ризвон медонист, ки ба дасти мақомот афтидани ҳамдеҳагонаш чӣ оқибатҳоеро ба сарашон хоҳад овард. Ӯ чашмони хунталаби низомиёнро дар чанд соати бозпурсӣ дида буд. Ризвон маргро авло донист.

**16) Хушбахт Хушачинов (1964-2022)**

Хушбахт Хушачинови 58-сола, сокини шаҳраки Вомар, ки коре ба сиёсат надошт ва ба зиндагии рӯзмарраи худ машғул буд, пас аз он ҳодисаи шум ӯро барои "бозпурсӣ" бурданд. Ӯ ҳатто намедонист чаро ӯро мебаранд. Бо ӯ муносибати бисёр ваҳшиёна сурат гирифт, ки қалам аз баёнаш шармсор аст. Хушбахт он ҳама таҳқиру фишори мақомотро таҳаммул карда натавонист ва мурданро авло донист. Ва дар натиҷа ӯ худкушӣ кард.




Бояд ёдовар шуд, ки сокини дигари шаҳраки Вомар, Алиёр Шоназмиев низ баъди бозпурсӣ, дигар зистан нахост ва кӯшиши худкушӣ намуд. Хушбахтона, ӯро наҷот доданд. Гуфтанист, мақомот кӯшиши ӯро ношӣ аз як касалии руҳӣ қаламдод карданд. Лозим ба зикр аст, ки як ё ду нафар агар даст ба худкушӣ мезаданд, инро ба ҳолати равонии онҳо рабт додан мумкин аст, аммо дар ин ҳодисаи хунбор, баъди бозпурсии мақомот, нафарони зиёде таҳти фишори равонӣ ва ҷисмонӣ, талош ба худкушӣ намуданд.

Тааҷҷубовараш ин аст, ки ҳеҷ як нафари ба қатлрасида ё даст ба худкушӣ зада, аз экспертизаи тиббӣ судӣ нагузаштаанд.

**17) Амонҷон Содиқов (1974-2022)**

Амонҷон Содиқонви 48-сола, сокини деҳаи Вамар, маркази маъмурии ноҳияи Рӯшони




ВМКБ, як устои хонасоз буд, ки соҳиби ду духтар буд. Амонҷон барои мардум хона месохту барои сохтани хонаи худаш омодагӣ медид. Ӯро дар он рӯзи шум ваҳшиёна куштанд. Хонаи худаш нимсохта монд. Ҳамсояааш қисса кард, ки гӯё кушта шуданашро медонист. Вай пеш аз ба тазоҳурот рафтан, асбобҳои дуредгариашро назди хонавода гузошта гуфтааст, ки ин лавозимҳо барои дӯстам аз ман як ёдгор. Ҳамдеҳаҳо ҳоло бо ҳам ба сохтани хонаи нотамомаш шурӯъ кардаанд. Хамдеҳаҳо мегӯянд, ки ин ҷавон – ки режим ба доштани ярок муттаҳамаш кардааст - шояд ярокро фақат ҳангоми хидмати сарбозӣ дида бошад. Он рӯз, ки ба тазоҳурот мерафтанд, касе ярок надошт.

**18) Шогун Назриев (1967-2022)**




Яке аз шаҳидони он рӯзи наҳс Шогун Назриев аз маҳаллаи “Санговак” аст. Ӯ дар он рӯз ба маҳаллаи “Пичов” барои аёдати дӯсташ мерафт. Ба нақли писараш, он вақт тирпаронӣ шурӯъ шуд ва ӯ аз ду пояш тир хӯрд. Дигар на ҳаракат карда метавонист ва на роҳ рафта. Хун фаввора мезад. Низомиён намегузоштанд, ки мардум ба захмиён кӯмак кунанд. Шогун бо заҳмат худро ба назди хонаи наздикбуда расонд. Соҳибони хона захмҳояшро бастанд, аммо пеши роҳи хунравиро гирифта натавонистанд. Ба шӯъбаи ёрии таъҷилӣ занг заданд, аммо низомиён мошини ба кӯмак омадаро нагузоштанд, ки гузарад. Шогун аз хунравии зиёд ҷон дод. Нафаре, ки дар тазоҳурот иштирок надошт ва ба гуфти наздикон, боре ярок надоштаву ҳатто корд ба даст намегирифт, ки мурғ кушад, фардои он рӯз тавассути телевизионӣ марказӣ “террорист” эълон шуд.

**19) Ховар Гулобшоев (1977-2022)**

Гулобшоев Ховар Дилбарович 1 июни соли 1977 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон ба дунё




омадааст. Вай ҳанӯз аз даврони мактабӣ ба варзиш шавқу рағбати зиёд дошт ва вақти худро бештар дар толори варзишгоҳи деҳа мегузаронд. Ӯ дар байни сокинони ноҳия, хусусан, ҷавонон соҳиби иззату эҳтироми хосса буд. Ба тарбия ва кору рафтори насли наврас диққати ҷиддӣ медод. Ҳамеша кӯшиш мекард, ки наврасонро ҳар чӣ бештар ба варзиш ва омӯзиш ҷалб гардонаду аз корҳои ношоиста дурашон намояд. Яке аз чунин

корҳои ибратомӯзи ӯ ин буд, ки вай дар назди хонаи падарӣ, дар пайи сохтани майдони бокс барои кӯдакону наврасон буд. Ҳамарӯза дар ин майдон шумораи зиёде аз хурду бузург тамрин менамуданд ва дар мусобиқоти деҳа ва ноҳия иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегардиданд.

Пас аз хидмати ҳарбӣ чанд соли дигар дар деҳа истода, чун дигар ҷавонони кишвар барои таъмини рӯзгори хонавода ба Федератсияи




Русия ба муҳоҷират рафт. Минбаъд зиндагии ӯ асосан дар муҳоҷират мегузашт. Ховар дар шаҳри Москва оиладор шуда, соҳиби ду фарзанд гардид.

Зимистони соли 2021 аз Федератсияи Русия ба ватан баргашт. Дар деҳаи Дерзуд ӯ ба таъмири хонаи навбунёдаш, ки имсол бояд бо аҳли оилааш ба онҷо кӯч мекарданд, машғул буд. Аз саҳар то бегоҳ тоқаву танҳо хонаро таъмир мекард, ба умеди он, ки тобистон зану фарзандонашро аз шаҳри Москва ва деҳаи Барсеми ноҳияи Шуғнон оварда, пас аз солҳои дарози бехонагӣ ва дабадарӣ, якҷоя зиндагӣ намоянд. Аммо афсӯс, сад афсӯс, ки ин орзу ва умеди ягонаи Ховар ҳамроҳаш ба хок рафт. Ӯро куштанд.

### 20) Эҳсон Қувватбеков (1977-2022)

Қувватбеков Эҳсон Шикарбекович дар таърихи 16 сентябри соли 1997 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Соли 2004 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил шуда, соли 2015 онро бомуваффақият хатм намуд. Дар мактаб аз шогирдони намуна ба ҳисоб мерафт. Аз фанни забони олмонӣ дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ сазовори




ҷойҳои ифтихорӣ гардида буд. Дастовардҳои варзишии ӯ низ шоистаи таҳсин буданд. Дар гӯштини миллӣ, ҷудо ва самбо яке аз беҳтарин паҳлавонони ноҳия буд. Барои ҳунари волои гӯштинаш, ӯро ба ҷои номаш “паҳлавон” гуфта ишора мекарданд. Ӯ чандинкарата чемпиони мусобиқаҳои гӯштини ноҳиявӣ ва вилоятӣ гардида буд.




Пас аз хатми мактаби миёна, Эҳсон ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон барои давоми таҳсил сафар кард. Дар шаҳри Бишкек дар яке аз донишгоҳҳои ин кишвар дохил гардид. Пас аз як сол бо сабабҳои оилавӣ натавонист таҳсилро идома диҳад. Бинобар ин, ба ватан баргашта, сипас ба шаҳри Санк-Петербурги Федератсияи Русия мисли дигар шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳоҷират рафт.

Падару модари ӯ низ дар ин шаҳр муҳоҷир буданд. Баъди чанд соли ғарибӣ, Эҳсон ба Тоҷикистон баргашт. Орзуи ҳамешагии ӯ давоми таҳсил дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ буд. Ният дошт, моҳи сентябр дар донишкадаи мазкур ҳуҷҷатҳояшро супорад. Худ, ки гӯштингир буд, мехост ба кӯдакон ва наврасон низ ин риштаи варзишро омӯзаду онҳоро ба тарзи ҳаёти солим роҳандозӣ намояд, аммо умр вафо накард. Ӯро куштанд.

### 21) Мунир Мируллоев (1996-2022)




Мируллоев Мунир Насруллоевич дар 26 январи соли 1996 дар деҳаи Барзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Соли 2003 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил шуда, соли 2014 онро бомуваффақият хатм намуд. Аз соли 2014 то соли 2018 дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш адои хидмати ҳарбӣ намуд. Пас аз хидмати ҳарбӣ ба деҳа баргашту бино бар вазнин будани шароити зиндагӣ, ба Федератсияи Русия ба муҳоҷират рафт. Тирамоҳи соли 2021 Мунир барои оиладор шудан ба ватан баргашт. Худи ҳамин тирамоҳ дар деҳа тӯйро бо як шодию хурсандӣ гузарониданд. Аммо ҳайҳот! Ӯро куштанд.

### 22) Нусрат Завқибеков (1984-2022)

Завқибеков Нусрат Қувватбекович дар соли 1984 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд шудааст. Соли 1991 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи мазкур дохил шуда, соли 2002 онро бомуваффақият хатм намуд. Баъди итмоми




мактаби миёна ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, факултаи "Сохтмони роҳ" дохил шуда, соли 2007 онро сарбаландона хатм кард. Баъди гирифтани диплом, аз рӯи ихтисоси худ дар шаҳри Душанбе ба кор даромада, чанд сол фаъолият намуд. Сипас ӯро ҳамчун мутахассиси ҷавон ва боистеъдод ба зодгоҳаш ноҳияи Рӯшон фиристоданд. Ӯ дар зодгоҳ фаъолияташро давом дода, сипас дар маркази вилоят, шаҳри Хоруғ низ муддате кор кард. Солҳои охир Нусрат кори давлатро як сӯ гузошта, ба нигоҳубини модари пираш машғул буд. Ҳамзамон, барои таъмини рӯзгор ба деҳқонӣ банд буд. Тобистони ҳамин сол бо хоҳиши модари пираш бояд оиладор мешуд. Барои туй тайёрӣ низ дида буданд. Аммо сад афсӯс! Ӯро бераҳмона куштанд.

### 23) Салим Ширинбеков (1980-2022)



Ширинбеков Салими 42-сола, сокини деҳаи Вамар, маркази маъмурии ноҳияи Рӯшони ВМКБ буд. Ӯро низ дар он рӯзи наҳс ба тариқи бисёр ваҳшиёна ба қатл расонданд.

Номбаршудагон танҳо баъзе аз шуҳадои он рӯзи шум ба шумор мераванд, ки ба тариқи бисёр ваҳшатнок аз сӯи навкарони Раҳмон бо дастури мустақими вай – ки дар як воҳӯрӣ бо мардум дар Хатлон тасреҳ кард – кушта шуданд. Мо натавонистем шарҳи ҳоли ҳамаи шуҳадоро инҷо биёварем. Дар оянда ният дорем ин корро бикунем. Бинобар ин, аз огоҳон хоҳиш мешавад, моро кӯмак кунанд, то ёду хотири шуҳадои Тоҷикистон ба фаромӯшӣ супурда нашавад.




Оре, ваҳшонияте, ки низомиён ба дастури мустақими Эмомалӣ Раҳмон дар охири моҳи май дар Рӯшон карданд, тамоми марзҳои инсониро убур карда буд.

Бо ин ҳол, оё метавон дам аз волоияти қонун зад? Ин волоияти қонун аст вақте низомиён ба ҷойи пароканда кардани тазоҳурот ё бо онҳо гуфтушунид кардану ҳарфи онҳоро шунидан, қатлу шиканҷа мекунанд ва ин амалашон беҷазо мемонад? Ин аст волияти қонун? Пинҳон мондани чеҳраҳои низомиён дар Бадахшон ба қатлу куштор машғул буда, далолат бар ин мекунад, ки онҳо пешакӣ иҷозаи ин ҳама ваҳшоният ва ваъдаи ба ҷавобгарӣ накашиданро гирифтаанд. Ин буд, ки ҳар чӣ мехостанд бо мардуми бегуноҳ карданд.

* * *

Шумори боздоштшудаҳо ва дастгиршудаҳои ин ҳодиса бештар аз шуҳадои он аст ва мо ҳанӯз натавонистем омори дақике аз боздоштшудаҳо ба даст оварем, ба хотири пинҳонкориҳое, ки ҳукумат мекунад. Фақат ба унвони намуна аз дастгирии ду нафар ном мебарем:

1) Фарҳодбеков Аъзамҷон Ширинбекович, зодаи деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон, ки барои 10 сол равонаи зиндон карда шуд, гуноҳаш фақат ин будааст, ки дар соли 2020




дар тазоҳуроти Рӯшон иштирок намуда. Ва ҳарчанд он сол чизе нагуфта буданд, баъди тазоҳуроти моҳи майии Рӯшон ҳукумат иштирокчиёни тазоҳуроти чанд сол пешро ҳам ба рӯйхати сиёҳ ворид намуд. Яъне рӯйхати аз соли 2012 то 2020-ро низ боло кашид. Бо кадом модда суд шудани Фармонбеков маълум нест, аммо ҳукми сангини 10-сол, ки ҳатто баъзан қотилон ин қадар солро намегиранд, аз идомаи наслкушии мақомот дар Бадахшон хабар медиҳад. Падару модари солманд ва маъюби Аъзамҷон, ки писарашон ягона нonовари хонадон буд, намедонанд, ки ба кадом дар сар зананду аз бегуноҳии писарашон гӯянд. Онҳо имрӯз ягона гуноҳи писарашонро дар он

медонад, ки он ҳам бадахшонӣ будан ва дар Рӯшон таваллуд шуданаш аст.

2) Ҳамчун шоҳиди ҳама қонуншиканиҳои охир дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва бидуни ҳеҷ гуна асос ва ҳимояи ҳуқуқӣ зиндон шудани яке аз ҷабрдидаҳо Ҳамза Паҳлавонов, соли таваллудаш 1983-ро



Ҳамза Паҳлавонов

метавон ном бурд. Ҳамза Паҳлавонов сокини шаҳри Хоруғ, микрорайони Бойне, бо моддаи 187 ба иштирок дар созмони террористӣ ва экстремистӣ муттаҳам мешавад. Ӯро мақомот барои мусоҳиба даъват карданд ва ваъда доданд, ки пас аз пурсиши 3-соата озод хоҳанд кард. Пас аз ин дигар наздиконаш ӯро надиданд, танҳо баъд аз муддате ӯро як бор дар СИЗО-и шаҳри Хоруғ дар ҳолати хеле вазнин бар асари шиканҷа диданд. Баъди шиканҷаи сахт ҳарду пои Ҳамза сахт захмӣ шуда буданд. Ӯ ҳатто ба вакили мудофеъ дастрасӣ надошт, мурофиа бидуни ҳузури хешовандон сурат гирифт, хешовандон ҳатто дар бораи он, ки дар мурофиа чӣ рух додааст ва ба куҷо фиристода шуд, маълумот надоштанд. Пас аз даҳ рӯз аз тариқи чанд манбаъ маълумоте пайдо шуд, ки Ҳамза Паҳлавонов Музофирович ба 10 соли зиндон маҳкум шуда, ба Душанбе фиристода шудааст. Вай оиладор ва соҳиби ду фарзанд мебошад.














Шаҳидоне, ки номашон оварда мешавад, як рӯихати умумӣ аст, чӣ шуҳадои Рӯшон ва чӣ ғайри он ва ҳатто касоне, ки дар солҳои пеш шаҳид шудаанд.

Шуҳадои Рӯшон ба хилофи иддаои мақомот, ҳеч яроқу аслиҳа надоштанд; нафароне буданд, ки соҳиби касбу кори гуногун буданд. Аммо аз сабаби набудани ҷойи кор дар Рӯшон ва умуман дар Бадахшон, рӯзгори худро ба сахтӣ пеш мебурданд. Бархеашон ба деҳқонӣ машғул ва баъзеи дигар тоза аз муҳоҷирати корӣ аз Русия баргашта буданд. Рӯзгор дар ин нуқтаи пур аз сарвати табиӣ ба сахтӣ пеш мерафт.

Дар он рӯзи наҳс ин мардум ба он хотир роҳи Рӯшон-Хоруғ - роҳи ҳарбиёни ба сӯи Хоруғ равандаро банд карданд, ки дар як гӯшаи сарзаминашон садои тир шунида нашавад. Агар ин мардум яроқ медошт ва хоҳони номромӣ мебуд, магар дар кӯҳу пушта камин намегирифт? Ин мардум бо умеди адолат, бо умеде, ки дар як кишвари демократӣ ва ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунанд, ба кӯча баромаданд, то пеши роҳи ноадолатиро бигиранд, лекин Раҳмон ҳамаи онҳоро ба рагбор баст ва кушт.

Ҳукумати Раҳмон 30 сол зидди ин мардум дандон тез мекард ва аз соли 2012 бештар дар дил кина мепарваронд, бинобар ин тазоҳуроти онҳоро як фурсати муносиб барои тасфия ҳисоб дид. Оне, ки Раҳмон мегӯяд, "ман фармони тирпаррониро додам", мақсадаш пароканда кардани тазоҳургарон набуд. Мақсади ӯ наслкушии мардуми Бадахшон ва дузду авбошро ҳоким кардан дар ин сарзамин буд.

Тамоми ҷомеаи байналмилалӣ медонад, ки ҳукумати Раҳмон дар Рӯшон хуни ноҳақ рехт ва имрӯз не фардо омилони ин қатлу хунрезӣ ҷавоб хоҳанд гуфт. Ҳарчанд рӯихати шаҳидон пинҳон дошта мешавад, он тавассути хешу табор, ҳамсояву ҳамдеҳа руй хоҳад зад ва қиссаи чӣ гуна кушта шудани рӯшониён аз забон ба забон хоҳад гузашт, чуноне, ки ин рӯихатро ҷамъ карданд.

Албатта дар ин рӯихат чӣ гуна кушта шудани бархе аз қурбониён то ҳол маълум нест, чунки ҳоло мардум дар ҳолати шокӣ ва тарсу ҳарос қарор доранд, аммо баъдан он ҳам ошкор хоҳад шуд.

| № | Ному насаб | Соли таваллуд | Маҳалли истиқомат | Соли шаҳодат |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Абдулназаров Алишер | 1982 | Хоруғ | 2012 |
| 2 | Бахтоваршоев Фарид | 1992 | Хоруғ | 2012 |
| 3 | Бахтӯҷамолов Тошбек | 1948 | Хоруғ | 2012 |
| 4 | Шодмонбеков Воҳид | 1990 | Хоруғ | 2012 |
| 5 | Зоҳирбеков Зоҳирбек | 1959 | Хоруғ | 2012 |
| 6 | Имомназаров Султонназар | 1968 | Хоруғ | 2012 |
| 7 | Карамхудоев Бахтибек | 1946 | Хоруғ | 2012 |
| 8 | Шодмонбеков Рашид | 1985 | Хоруғ | 2012 |
| 9 | Шодмонбеков Рашид | 1985 | Хоруғ | 2012 |
| 10 | Мамадризоев Сабзалӣ | 1980 | Хоруғ | 2012 |
| 11 | Имомназаров Имомназар | 1964 | Хоруғ | 2012 |
| 12 | Мамаддодов Собир | 1978 | Хоруғ | 2012 |
| 13 | Мирзоҳасанов Писарҷон | 1985 | Хоруғ | 2012 |
| 14 | Мамадиброимов Ёрмамад | 1963 | Хоруғ | 2012 |
| 15 | Низомиддинов Ҷалолиддин | 1972 | Хоруғ | 2012 |
| 16 | Назаров Чоршанбе | 1976 | Хоруғ | 2012 |
| 17 | Пулодов Абдул | 1993 | Хоруғ | 2012 |
| 18 | Раисов Раис | 1989 | Хоруғ | 2012 |
| 19 | Султонназаров Сафарбек | 1973 | Хоруғ | 2012 |
| 20 | Садоншоев Эраҷ | 1971 | Хоруғ | 2012 |
| 21 | Ширинбеков Зокир | 1987 | Хоруғ | 2012 |
| 22 | Шакармамадов Рустам | 1979 | Хоруғ | 2012 |
| 23 | Шаробов Дороб | 1955 | Хоруғ | 2012 |
| 24 | Ғаёсиев Сураҷ | 1974 | Хоруғ | 2012 |
| 25 | Абдурасулов Фаридун | 1974 | Хоруғ | 2014 |
| 26 | Давлатбеков Азамат | 1993 | Хоруғ | 2014 |
| 27 | Файзулобеков Собир | 1976 | Хоруғ | 2014 |
| 28 | Ашӯров Иброҳим | 1995 | Хоруғ | 2014 |
| 29 | Хушдилов Далер | 1988 | Хоруғ | 2014 |
| 30 | Охунқадамов Сайёд | 1988 | Хоруғ | 2014 |
| 31 | Зиёбеков Гулбиддин | 1992 | Роштқалъа | 2021 |
| 32 | Амиршоев Тутишо | 1998 | Роштқалъа | 2021 |
| 33 | Муродбеков Гулназар | 1977 | Роштқалъа | 2021 |
| 34 | Ширинбеков Салим | 1980 | Рӯшон | 2022 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 35 | Шарипов Исмат | 1979 | Рӯшон | 2022 |
| 36 | Содиқов Амонҷон | 1974 | Рӯшон | 2022 |
| 37 | Назриев Шогунбек | 1967 | Рӯшон | 2022 |
| 38 | Қиматшоев Алишер | 1975 | Рӯшон | 2022 |
| 39 | Руштов Шӯҳрат | 1978 | Рӯшон | 2022 |
| 40 | Абуторобов Руслан | 1992 | Рӯшон | 2022 |
| 41 | Ғуломшоев Мунаввар | 1987 | Рӯшон | 2022 |
| 42 | Назокатов Алихон | 1997 | Рӯшон | 2022 |
| 43 | Баёзов Ҷумъаназар | 1967 | Рӯшон | 2022 |
| 44 | Гулобшоев Ховар | 1977 | Рӯшон | 2022 |
| 45 | Қурбонмамад Қурбонмамад | 1981 | Рӯшон | 2022 |
| 46 | Озодмамадов Далер | 1984 | Рӯшон | 2022 |
| 47 | Завқибеков Нусрат | 1985 | Рӯшон | 2022 |
| 48 | Мизробов Эҳсон | 1997 | Рӯшон | 2022 |
| 49 | Назарбеков Тоҷиддин | 1999 | Рӯшон | 2022 |
| 50 | Муносибов Ардашер | 1996 | Рӯшон | 2022 |
| 51 | Мируллоев Мунир | 1996 | Рӯшон | 2022 |
| 52 | Ғуломҳайдаров Ёдгор | 1974 | Рӯшон | 2022 |
| 53 | Шехбуров Ҷангибек | 1992 | Рӯшон | 2022 |
| 54 | Мавлододов Ҳабиб | 1987 | Рӯшон | 2022 |
| 55 | Паллаев Дохунда | 1969 | Рӯшон | 2022 |
| 56 | Мамадназаров Никқадам | 1969 | Рӯшон | 2022 |
| 57 | Қурбонасенов Муҳиддин | 1987 | Рӯшон | 2022 |
| 58 | Амрихудоев Ёдгор | 1987 | Рӯшон | 2022 |
| 59 | Хурсандов Аслиддин | 1992 | Рӯшон | 2022 |
| 60 | Нурмамадов Умед | 1989 | Рӯшон | 2022 |
| 61 | Хушачинов Хушбахт | 1964 | Рӯшон | 2022 |
| 62 | Каримов Ризвон | 1967 | Рӯшон | 2022 |
| 63 | Назаршоев Замир | 1992 | Хоруғ | 2022 |
| 64 | Мамадбоқиров Мамадбоқир | 1963 | Хоруғ | 2022 |
| 65 | Давлатмамадов Хурсанд | 1987 | Хоруғ | 2022 |
| 66 | Мазоров Хурсанд | 1972 | Хоруғ | 2022 |
| 67 | Раҷабов Зоҳир | 1972 | Хоруғ | 2022 |
| 68 | Паллаев Сафдарқул | 1968 | Рӯшон | 2022 |
| 69 | Почоев Алишер | 1976 | Рӯшон | 2022 |



# Чаро ҳукумат дар бораи марги Маҳмадбоқир дурӯғ мебофад?



*Рустами Ҷонӣ, рӯзноманигор*

Мақомот исрор доранд, ки бигӯянд, Маҳмадбоқирро “ҳамаслаконаш” куштаанд. Ба ҳар васила мехоҳанд вонамуд кунанд, ки ҳукумат ӯро қатл накардааст.



Зиёда аз 7 моҳ мерганҳои ҳукумат фурсати муносиб меҷустанд, ки ӯро ҳадафи тир карор диҳанд. Дар гирди хонааш камин гирифта буданд.

Ҳоло иддаои онҳо, қотил каси дигар асту на онҳо!

Муҳаммадбоқир чанд маротиба гуфт, ки ҳукумат ӯро куштанист. Бо гуфтор ва рафтораш нишон дод, ки ҷон медиҳаду аз роҳаш намегардад.

Чаро мақомот дар бораи марги Маҳмадбоқир дурӯғ мегӯянд ва фарзия мебофанд?

Воқеият ин аст, ки:

Инҳо ҳамеша ҷиноятҳои худро пӯшонданд. Аз ҳамон рӯзе, ки ба сари қудрат омаданд, хун рехтанду мардумро маҷбур карданд доғи онро шӯяд.

Ҳеч гоҳ бар аъмоли худ ҷавоб нагуфтанд, чунки давлатро ба “хоҳишхона”-и худ табдил доданд. Ҳар чизе хоҳанд мекунанд, ҳар чизе хоҳанд мегӯянд.

Мардумро даҳани возе тасаввур кардаанд, ки ҳарчӣ дар он андозанд, фурӯ мебарад.

Аз нафрат ва шӯри мардум кайҳо боз наметарсанд. Чунки ваҳдатро аз онҳо гирифтанд ва дар ҳар яки онҳо хувиятро куштанд.

Як давлате сохтанд, ки дар он ғар, қотил, беномус, дурӯғгӯ ва разил будан “шоиста” аст.

Аввал арзишҳоро тағйир доданд ва баъдан бо ин васила имону инсонро дар мардум маҳв сохтанд.

Касоне, ки гоҳе амсоли Муҳаммадбоқир сар барафрохтанд, сар буриданд!

Аммо…

Ин поёни кор нест…



# Вокуниши ҷаҳонӣ ба рӯйдодҳои Бадахшон

Рӯйдодҳои охир дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва фишори шадиди мақомот ба сокинони ин вилоят, сабаби мавқеъгирии баъзе аз созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ шудааст.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон охири моҳи ноябри солии2021 ва моҳи майи солии2023 мавриди амалиёти хунин мақомоти қудратии Тоҷикистон қарор гирифт, ки ингуна иқдомот, аз ҷониби мақомот "амалиёти зидди террористӣ" ва аз ҷониби сокинон "фишори мақомот ба мардум" ва наслкушӣ дониста шуд ва вокунишҳои баъзе созмонҳо ва ниҳодҳои ҷаҳониро дар пай дошт, ки ба баъзе онҳо ишора мешавад:

1) Anti-Discrimination Centre Memorial (Маркази зидди табъизи "Мемориал"), қароргоҳаш дар Брюссел, 14-уми январ дар баёнияе гуфт: "*Ақаллияти қавмӣ ва мазҳабии помириҳо*" пас аз эътирози моҳи ноябр даврони душвореро паси сар мекунанд. Созмон набудани Интернету алоқаи мобилӣ ва ҳузури афзояндаи низомиёнро дар минтақа номбар кардааст.[1]

"*Мақомоти Тоҷикистон бояд ҳарчи зуд алоқаи мобилиро барқарор карда, дар тамоми минтақаҳои Бадахшон дастрасии босифати*

1 https://adcmemorial.org/en/news/adc-memorial-informed-the-un-human-rights-council-structures-about-the-situation-in-the-gbao-of-tajikistan/

*интернетро таъмин кунанд. Бояд миёни мақомот ва мардум гуфтушунид шуда, тафтишоти шаффоф ва сариваќтии мавридҳои марги одамон дар ҷараёни амалиёти низомӣ ва эътирозҳо таъмин карда шавад,*” -- омадааст дар баёнияи созмон.

2) Намояндаи Кумитаи норвежии Ҳелсинкӣ аз мақомоти Тоҷикистон хостааст, эътирозҳои сулҳомезро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон саркӯб накунанд.


Marius Fossum
@Marius_Fossum · Follow

Authorities in #Tajikistan must respect the right to peaceful assembly and guarantee the safety of all peaceful protesters in #GBAO Khorog, and immediately cease heavy-handed crackdown on peaceful protest movement.

2:10 PM · May 17, 2022

64 Reply Share this Tweet

**Мариус Фассум** рӯзи 17-уми май дар саҳифааш дар Твиттер навишт: “*Мақомот дар Тоҷикистон бояд ҳуқуқ ба гирдиҳамоии осоиштаро эҳтиром карда, амнияти тазоҳургарони осоиштаро дар Хоруғ замонат бидиҳанд ва саркӯби шадиди ҳаракати эътирозии осоиштаро фавран қатъ кунанд*.”[2]

3) Панҷ созмони ҳуқуқибашарӣ ба ҳаводиси Бадахшон вокуниш карда ва бо нашри баёнияе аз мақомоти Тоҷикистон хостанд, то роҳро ба Рӯшон боз, интернетрасониро таъмин ва Улфатхоним Мамадшоеваро озод кунанд.

Ин созмонҳо, ки шомили Мудофеони ҳуқуқи маданӣ, Бунёди Ҳелсинкӣ барои дифоъ аз ҳуқуқи инсон, Ҳамкории Байнулмилалӣ барои ҳимоят аз ҳуқуқи башар, Кумитаи Норвежии Ҳелсинкӣ ва Созмони Ҷаҳонии зидди шиканҷа ҳастанд, аз мақомоти Тоҷикистон хостанд “*роҳҳоро ба Рӯшон ва минтақаҳои дигар боз карда, аҳолиро бо ёрии тиббиву маҳсулот ва боздоштшудаҳоро бо вакилони дифоъ таъмин кунанд*.”[3]

4) Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид аз гузоришҳо дар бораи афзоиши ташаннуҷ ва хушунат, аз ҷумла талафоти ҷонӣ, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, изҳори ташвиш кардааст.

Дар ин бора **Стефан Дуярич**, сухангӯи Созмони Милал, рӯзи 19-уми май дар нишасти матбуотӣ хабар дод. Ӯ гуфтааст, ки дабири кул тарафҳоро ба хештандорӣ даъват карда, хостааст, тамоми кӯшишро барои ба таври осоишта ҳал кардани вазъияти ҳозира ба кор баранд. Вай афзудааст: “*Созмони Милали Муттаҳид вазъро бодиққат пайгирӣ хоҳад кард*.”




5) Дабири кулли Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) хонум Ҳелга Мария Шмит аз кушта шудани мардуми осоишта дар Вилояти Мухтори Бадахшон изҳори нигаронӣ кардааст.

Хонум **Ҳелга Мария Шмит** бо нашри паёме дар ҳисоби твиттераш навишта, ки “*хушунат ҳаргиз роҳи ҳал нест*”. Ӯ ҳамчунин аз ҳама тарафҳои даргир даъват кардааст, ки

---

[2] https://www.ozodi.org/a/31855145.html

[3] https://payom.net/voknuishi-5-sozmoni-u-u-ibashar-ba-avodisi-badahshon/

“*таахҳудот бояд тавассути ҳама тарафҳо риоят шаванд*”.




Аммо мушаххас нест, ки манзури дабири кулли САҲА аз “таахҳудот” чист? Ба гуфтаи коршиносон, эҳтимолан хонум Ҳелга Мария Шмит таахҳудоти Тоҷикистон дар чорчӯби САҲА-ро дар назар дорад.

6) Рӯзи 18-уми май, намояндагии Иттиҳоди Аврупо, сафоратҳои Фаронса, Олмон, Британиё ва Амрико дар Душанбе бо вобаста ба воқеаҳои ахири Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон изҳороти муштарака нашр карданд.



Намояндагони кишварҳои ғарбӣ дар Тоҷикистон бо нашри изҳороти муштарак воқеаҳои охири Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)-ро “даргирии хушунатомези дохилӣ” номида, аз тарафҳо хостаанд, барои поин овардани шиддати вазъ “*қуввату ғайрати худро дареғ надоранд, таҳаммул пеша намоянд*”.

Инчунин дар изҳорот ба мақомоти Тоҷикистон гуфта шудааст, ки “*ҳатто дар ҳолатҳои бӯҳронии вобаста ба амният, волояти қонуну эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон таъмин карда шавад*.”

Сафирони ғарбӣ таъкид карданд: “*Таҳдид ва таъқиби шаҳрвандон, рӯзноманигорон ва маҳдудияти васеи дастрасӣ ба иттилоот дурнамои коҳиши шиддати вазъ ва бозгашт ба низоми муқаррариро халалдор мекунад*.”

7) Созмони Дидбони ҳуқуқи башар ё Human Rights Watch бо нашри баёнияе аз рӯйдодҳои ахир дар ВМКБ ибрози нигаронӣ карда, аз мақомот хостааст, иллати хушунат дар эътирозҳои ахирро баррасӣ кунад ва масъулони онро мавриди пурсуҷӯ қарор диҳад.

8) **Шоҳзода Карим Оқохон** (Оғохон)-и чаҳор, пешвои исмоилиёни ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, гуфтааст, аз такрори нооромиҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон “сахт нигарон аст”. Вай рӯзи 18-уми май дар паёме аз пайравонаш дар вилоят хост, “*ихтилофҳоро бо муколама ва дар рӯҳияи эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ ҳал кунанд*.”




9) **Мария Захорова**, сухангӯи Вазорати хориҷа Русия ҳам дар нишасти хабарии худ эълом кард, Русия аз ҳаводиси рӯзҳои ахир дар вилояти Бадахшони Тоҷикистон нигарон аст.

Вай таъкид кард, мақомоти Тоҷикистон ваъда доданд, назму амният дар ин минтақаро фароҳам кунанд, то афроди ғайри низомӣ аз ҷумла ба атбоӣ Русия осебе нарасад.[4]

10) Гузоришгари вижаи СММ дар умури ақаллиятҳо **Фернан де Варен**, рӯзи 20 майи



соли 2022 аз Тоҷикистон даъват кард, ки ба саркӯби маргбор алайҳи ақаллиятҳои помирӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) хотима бахшад ва ҳушдор дод, ки истифода аз амалиёти зиддитеррористӣ барои пахши эътирозҳо метавонад боиси ҳодисаҳои аз ин ҳам бузургтар ва хушунатбортар шавад.

Коршинос "нигарони"-и худро аз ҳалокати сокинони Бадахшон дар натиҷаи амалиёти "зиддитеррористӣ" мақомоти Тоҷикистон изҳор дошта, инчунин бо таассуф таъкид кард, ки ҳушдорҳои қаблии ҳайати коршиносони СММ, аз ҷумла худи ӯ барои ҷилавгирӣ аз авҷ гирифтани авзоъ аз ҷониби ҳукумат ба инобат гирифта нашуд.

"*Мутаассифона, ҳукумати Тоҷикистон ба номаи мо посух надод ва ташаннуҷе, ки дар ВМКБ дар моҳи ноябри соли 2021 сар зад, дар миқёси васеътару хатарноктар идома дорад*",[5] - гуфт ӯ.

***Таҳияи Салмон Султонзода***




[4] https://surush.net/%D0%B1%D0%B0%D0%B4%D0%B0%D1%85%D1%88%D0%BE%D0%BD-%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D1%84%D0%B8%D1%88%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%88%D0%B0%D0%B4%D0%B8%D0%B4%D0%B8-%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BC%D0%BE%D1%82-%D0%B2%D0%BE/

[5] https://www.ohchr.org/ru/press-releases/2022/05/tajikistan-un-expert-fears-crackdown-against-pamiri-minority-could-spiral



# “Ҳукмҳои сангин нишонаи нафрати Раҳмон ба бадахшониҳост”

**Муҳаммадиқболи Садриддин, фаъоли сиёсӣ, муассис ва мудири пойгоҳи навиштори ва видоии “Ислоҳ”, дар як гуфтугӯи ихтисосӣ бо сайти “Зиндониён”, бо ишора ба аҳкоми саросемавори Раҳмон роҷеъ ба шаҳрвандони бадахшонӣ гуфт: “Ин ҳукмҳо аз уқда ва кинаи дарунии Раҳмонов ба мардуми помирӣ маншаъ ва сарчашма мегирад, ки солҳо дар синааш нуҳуфта ва табдил ба аждаҳо шуда ва акнун, ки ҳариф ва душманро ба зер овардааст, бояд тавре ҷазо бидиҳад, ки ҳам дили худаш тар шавад ва ҳам сабақе барои амсолуҳум гардад. Раҳмон ҳеҷ гоҳ танаффурашро нисбат ба помириҳо пинҳон надоштааст.”**

*Мусоҳиба бо Муҳаммадиқболи Садриддин ба шарҳи зерин аст:*

**Зиндониён:** ***Чаро ҳукумат дар хусуси Бадахшон саросемавор ҳукм баровард? Дар ҳоле, ки мардум ва “Комиссияи 44” дархости пайдо намудани омилони қатли Гулбиддин ва ба додгоҳ кашидани онҳоро карданд, ҳукумат бо гузашти қариб як сол, “тафтишот идома дорад” гӯён, корро қафо кашид, аммо дар ин муддат мардуми зиёдеро боздошт ва барои мӯҳлатҳои тӯлонӣ равонаи зиндон намуд. Назари шумо чист?***

**Ҳамаи ин ҳаводис ифодакунанда ва баёнгари шиддати хашму нафрати шахси Эмомалӣ Раҳмонов, раиси ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мардуми Бадахшон аст.**

**Муҳаммадиқболи Садриддин:** Бубинед, муҷозоти Музаффар Давлатмирови 58-сола, халифаи маҳаллаи “Тирчид” барои 5 сол зиндон ва низ ҳукми абад ба сокинони шаҳри Хоруғ: Ғуломалӣ Абдураҳмонов, писарбузурги Толиб Айёмбеков, Асланшо Гулобов, яке аз лидерони мардумии Бадахшон ва талаби айни ин ҷазо ба генерал Холбаш Холбашев ва Улфатхоним Мамадшоева, ҳамчунин зиндонӣ намудани пайвандони Муҳаммадбоқир Муҳаммадбоқиров ва эътирозгарони рӯшонӣ, ҳамаи ин, ифодакунанда ва баёнгари шиддати хашму нафрати шахси Эмомалӣ Раҳмонов, раиси ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мардуми Бадахшон аст.

Масалан, Музаффар Давлатмиров, руҳонии маъруф, рӯзи 26 июл дастгир шуд (ба КГБ даъват карданд ва дигар ӯро раҳо накарданд) ва дар давоми 5 рӯз ҳукмаш содир шуд. Ғуломалӣ Абдураҳмонов, писарбузурги Толиб Айёмбеков рӯзи 23-июл дастгир ва рӯзи 1 август ҳукми ҳабси умрбод гирифт. Дар ҳамон рӯз бародари вай, Ҳасаналӣ ҳам дастгир ва ӯро додгоҳ 12 сол ҳукм дод.



**Ҳасаналӣ Абдураҳмонов, писари дуввуми Толиб Айёмбеков**

Ҳамин тавр, ҳоло даҳҳо тан аз ҷавонмардони помирӣ дар боздоштгоҳҳову зиндонҳои Раҳмонов қарор доранд. Инчунин дар Русия ҳам шикор ва боздошту истирдод ба шиддат идома дорад. Баъди ба таври мармуз дар Тоҷикистон пайдо шудани фаъолони бадахшӣ Ораз Вазирбеков ва Рамзӣ Вазирбеков, ки шаҳрвандии Русияро доштанд, шоми 17 уми август блогер Мақсуд Ғиёсовро пулиси Маскав ба хонааш зада даромада, ӯро бо худашон burданд. Ғиёсов барои фаъолияти моҳи ноябри соли 2021 боздошт шудааст. Чанд рӯз баъд, хабарашро аз Душанбе мешунавем ва мебинем, ӯ бидуни ҳеч мурофиаи қонунӣ, ба чанд соли зиндон маҳкум мешавад. Иллати боздоштҳои бадахшониҳо то имрӯз чунин буданд. Музаффар Давлатмиров, халифа, ба хотири он ки ҷанозаи Муҳаммадбоқирро хонд ва ӯро ба хок супурд, 5 сол ҳукм гирифт. Писарони Толиб Аёмбековро ба иттиҳомҳои мухталиф аз ҷумла куштори Абдулло Назаров, сардори КДАМ-и вилоят дар соли 2012, муттаҳам кардаанд.

**Раҳмон чанд бор ошкоро гуфт, ки 30 сол тоқат кардааст. Акнун, ки фурсати қасос барояш фароҳам омад, бинобар ин ҷӣ гуна мурофиа баргузор кардан, муҳокима намудан ва ҷӣ хеле мегӯянд, суд шудан, барояш чандон муҳим набуд. Муҳим ҳамон интиқом буд.**

**Зиндониён:** ***Ҳоло, ҷудо аз ин ҳама иттиҳому айбмониҳо, ин нукта боиси нигаронӣ ва ташвиши ҷиддӣ шудааст, ки чаро додгоҳ ба ин нафарон бархӯрди комилан ғайриқонунӣ мекунад?***

**Муҳаммадиқболи Садриддин:** Дар ҳеч додгоҳе, ҳатто дар бастатарин ва дар худкоматарин давлатҳо ин тавр нашудааст, ки нафар баъди як ҳафта ва ё даҳ рӯзи боздошт, ҳукмаш содир шавад ва он ҳам чи ҳукме: ҳабси абад, 25 сол, 18 сол ва аз ин қабил ҷазоҳо, ки бениҳоят золимона ва дур аз инсофи одамӣ аст. Мисли он ки мо дар як шароити ҷангӣ қарор дорем ва додгоҳҳо ҳам айни “трибунали ҳарбӣ” аст, ки бояд ҷазое бидиҳанд, ки дар хӯри замон бошад. Аммо ин “замон” ба ҷуз аз Эмомалӣ Раҳмонов чизеву касе нест.

**Зиндониён:** ***Адвокати тоҷики машҳури муқими Аврупо Ҷамшед Ёров дар саҳифаи худ дар шабакаи иҷтимоӣ навишт, ки барои 250 ҳазор аҳолии Бадахшон ҳамагӣ 7 адвокат хидмат мекунад, яъне барои 35714 нафар як адвокат. Нигоҳи шумо ба ин масъала чист?***

**Муҳаммадиқболи Садриддин:** Раҳмон чанд бор ошкоро гуфт, ки 30 сол тоқат кардааст. Акнун, ки фурсати қасос барояш фароҳам

омад, бинобар ин чӣ гуна мурофиа баргузор кардан, муҳокима намудан ва чӣ хеле мегӯянд, суд шудан, барояш чандон муҳим набуд. Муҳим ҳамон интиқом буд. Барои судяҳо ҳам “тақозои замон” муҳим буд. Яъне “тақозои Раҳмон”. Барои ҳамин ин ҳама ҳукмҳоро саросемавор содир мекарданд. Фарқ надорад, ки адвокат мерасад ё не. Ин ҳукмҳо аз ҳамон укда ва кинаи дарунии Раҳмонов ба мардуми помирӣ маншаъ ва сарчашма мегирад, ки солҳо дар синааш нуҳуфта ва табдил ба аждаҳо шуда ва акнун, ки ҳариф ва душманро ба зер овардааст, бояд тавре ҷазо бидиҳад, (никор гирад,) ки ҳам дили худаш тар шавад ва ҳам сабақе барои амсолуҳум гардад. Раҳмон ҳеч гоҳ танаффурашро нисбат ба помириҳо пинҳон надоштааст.

Соли 2018 ҳам айнан ҳамин тавр буд. Шодихон Ҷамшед, раиси онвақтаи ВМКБ-ро таҳдид кард ва ба сараш дӯғ зад, ки ба чор ҷинояткор зӯратон намерасад, даркор шавад, артишро истифода кунед.

Ин бор ҳам, баъде, ки “амалиёт ба дараҷаи баланди касбӣ” ба анҷом расид, дар яке аз мулоқоташ, хитоб ба Алишер Мирзонабот гуфт, ки он ҷинояткорҳо “симо”-и Бадахшон нестанд, онҳоро ҷудо кунед, “ман ҳамин тавр мекунам”.

**Зиндониён:** ***Яъне парвандаҳо тафтиш намешаванд ба барои писанд омадан ба Раҳмон бо иттиҳомҳои бофта ин ҳама паси дарҳои баста сурат мегирад?***

**Муҳаммадиқболи Садриддин:** Магар тафтишот ин ҳама айбу иттиҳомро, ки бори онҳо кард, чӣ тавр дар чанд рӯзи кӯтоҳ санҷиду хулоса кард ва ин мавод кай ба дасти Прокуратура рафту прокурор-айбдоркунандаи давлатӣ хонду фикри айбдоркуниро тасдиқ кард ва ба суд фиристоду раиси суд хонду судяеро вобаста кард ва судя ҳам хонду ҳукмро эълон кард? Ин кор дар ягон гӯшаи дунё нашудааст. Дар як ҳафта! Судя танҳо тахти шароити фишор ва зӯр чунин мурофиа ва чунин ҳукм мебарорад. Барои мисол, тафтиши парвандаи Ғаффор Мирзое, ки ӯ ҳам ҳабси абад гирифт, беш аз якуним сол тӯл кашид. Аммо чарои руҳонии бадахшӣ дар камтар аз як ҳафта, ҳам дастгир, ҳам тафтиш ва ҳам маҳкум шуд? Магар ин нақзи ҳуқуқи ақаллияти қавмиву мазҳабӣ нест? Чунки инҳо помирианд ва помириҳоро Раҳмонов ҳамин тавр ҷазо дода истодаст. Вале фикр мекунед, ки судяро дар Тоҷикистон кӣ тахти фишор қарор медиҳад ва кӣ судяро водор мекунад, ки даст ба қонуншиканӣ зада ҳамчунин мурофиа доир кунад? Ин нафар ба ҷуз аз Раҳмонов касе дигар нест.

**Тафтиши парвандаи Ғаффор Мирзое, ки ӯ ҳам ҳабси абад гирифт, беш аз якуним сол тӯл кашид. Аммо чарои руҳонии бадахшӣ дар камтар аз як ҳафта, ҳам дастгир, ҳам тафтиш ва ҳам маҳкум шуд? Магар ин нақзи ҳуқуқи ақаллияти қавмиву мазҳабӣ нест? Чунки инҳо помирианд ва помириҳоро Раҳмонов ҳамин тавр ҷазо дода истодаст.**

# “Ман фармони тирпарронро додам!”



Модари Гулбиддин Зиёбекови 29-сола, ки моҳи ноябри соли 2021 дар деҳаи Тавдеми ноҳияи Роштқалъа аз ҷониби мақомоти қудратӣ ба таври ваҳшиёна кушта шуд, борҳо дар муроҷиатҳои худ ишора ба он кард, ки писараш ягон вақт ярок надошт ва тарзи истифодаи онро ҳам намедонист.

Модари Тӯтишо Амиршоеви донишҷӯ ва падари 90-солаи Гулназар Муродбекови солҳо барои пеш бурдани зиндагии хонаводаш муҳоҷиратро ихтиёр кардааст, борҳо такрор карданд, ки фарзандони онҳо шаҳрвандони оддӣ буданд ва ҳеҷ гоҳ касеро озор надодаанд. Ва яке бо пули аз муҳоҷират ба даст овардаи модараш таҳсил мекарду, дигаре бо пули муҳоҷират аробаи зиндагии худ ва падару модари пирашро мекашид.

Хонаводаи ин ҷавонони шаҳидгашта дар муроҷиатҳои худ аз додситонӣ, президенти кишвар, писари президент, Рустами Эмомалӣ, дар ҳар муроҷиати худ хоҳиш менамуданд, ки ба қазия аз дариҷаи адолати додгоҳӣ назар андозанд ва ҳақро ба ҳақдор расонанд.

**Тӯли 6 моҳ мардум фикр мекарданд, ки раисиҷумҳур, оне ки онҳо интихобаш карданд ва масъулияти қариб 10 миллион мардум бар дӯшаш аст, бо сафари расмӣ ба ин минтақае, ки доғаш кардаанд, меояду ҳарфи мардумро гӯш мекунад.**

Мардумро низ маҳз ҳамин мушкил ба майдон кашид, то гунаҳкорон бе ҷазо намонанд. “Комиссияи 44” ҳам ба он хотир арзи ҳастӣ кард, ки пуле байни эътирозгарон ва ҳукумат бошад, то ҳаққу ҳуқуқи касе поймол нашавад ва то тазоҳурот бо роҳи маслиҳатомез ҳал гардаду хуни ноҳақе нарезад.

Мардуми Рӯшон низ моҳи майи солии 2022 ба он хотир пеши роҳи колоннаи мошинҳои

ҳарбиро гирифтанд, ки аз хунрезӣ пешгирӣ кунанд. То моҳи май мардум мунтазир буданд, ки садои онҳо ба гӯши раисиҷумҳур мерасад ва ӯ ба назди онҳо меояд. Тӯли 6 моҳ мардум фикр мекарданд, ки раисиҷумҳур; оне, ки онҳо интихобаш карданд ва масъулияти қариб 10 миллион мардум бар дӯшаш аст, бо сафари расмӣ ба ин минтақае, ки доғаш кардаанд, меояду ҳарфи мардумро гӯш мекунад.

Модари Гулбиддин чашм ба роҳ буд. Модари Тӯтишо ҳам. Падари 90-солаи Гулназар ҳам умед дошт, ки президент ҳатман ӯро мешунавад.

Охир бо гузашти ин чанд моҳ комиссия аз додситонӣ омаду рафт ва кашолкорӣ карду бегунохро зиндонӣ.

Дарахтбурон ба солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон шуданду омилони қатли Гулбиддину Тӯтишо ва Гулназар соҳиби вазифа.



“*Дузди зӯр соҳиби говро бастааст*” гуфтагӣ барин ҳатто хешу табори ин шаҳидон ҳам бо ҷурмҳои сохтаи мақомот мавриди фишор қарор гирифтанд. Писари амаки Тӯтишои ҷавонмарг баъди даъвати мақомот ба худкӯшӣ даст зад.

“Президент аз ин ҳама бехабар аст” - худро тасаллӣ медоданд ҷабридидагон. Дар доираи қонун ҳамааш ҳал мешавад, мегуфтанд, аъзои “Комисияи 44”, ки аз ҳуқуқшиносони соҳибтаҷриба иборат буданду 6 нафари аъзояшон шомили гурӯҳи кории тафтишотии муттафишони додситонӣ.

**“Президент аз ин ҳама бехабар аст” - худро тасаллӣ медоданд ҷабридидагон. Дар доираи қонун ҳамааш ҳал мешавад, мегуфтанд, аъзои “Комисияи 44”, ки аз ҳуқуқшиносони соҳибтаҷриба иборат буданду 6 нафари аъзояшон шомили гурӯҳи кории тафтишотии муттафишони додситонӣ.**

“Пешво вақт надорад, ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ сафар дораду ҷашнҳо бе ӯ намегузаранд.” Бояд дар базмҳои барояш омода намуда иштирок кунаду лентаи корхонаҳои навро барои сӯз додани душманон бибурад. Муҳим нест, ки баъдан ин корхонаҳо фаъолият кунанду маҳсулот истеҳсол, “барои истеҳсолот ҳамсояҳо ҳастанд, ку”.

Ҷаро ин ҳама базму зиёфатро монда Бадахшон равад? Он ҷо ҳастанд Ятимзода, Раҳимзода ва Назарзода, ки шиорашон “Мо метавонем” аст.

Оре, онҳо исбот кардаанд, ки метавонанд. Ба ҳама эътироз либоси “мубориза бо терроризмро” пӯшонда, ҳар амалеро, ки хоҳанд анҷом медиҳанд.

Ин бор ҳам Раҳмон дар як нуқтаи ҷумҳурӣ мерақсиду дар нуқтаи дигар куштору боздошти сар то сари мардум ҷараён дошт. Ва ин бор Раҳмон ба рағми онҳое, ки мегуфтанд, “президент намедонад”, дар ҷаласае дар Хатлон гуфт:

*“Хуб, Мирзонаботов чизе, ки шудааст. Онҳо мардуми Кӯҳистони Бадахшон нестанд. Аз номи мардум баромад мекарданд. Лек онҳо як чизи ҷузъи буданд. Мардум ягон гуноҳ надорад. Мардуми Бадахшон бифаҳмад. Ман инро имрӯз ҳам мегӯям. Ҳар вақт ки сафар кардам, такрор ба такрор мегӯям. Агар мардуми Бадахшон сиёсати пешгирифтаи роҳбари даалатро аз солҳои 90-ум дастгирӣ намекарданд, мову шумо ба ин рӯзҳо баргардонидани роҳи осоишта онҳоро ба ҳаёти зиндагии муқаррарӣ баргардонам. 30-сол. 3-4ҳазор муҳиммоти ҷангӣ гирифтагием мо. Сохторҳои низомӣ дар ҳамин 30 сол, 3-4 ҳазор. Вақте ки корҳои охир карданд, мо маълумотҳоро доштем, инҳоро лаҷомҳояшонро хоҷагони хориҷӣ ба даст гирифтанд. Дар як муддати кӯтоҳ 26 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карданд. 26 миллион. Ҳамин гурӯҳҳо ва роҳбарияшон мекарданд аз хориҷа.*



*намерасидем. Онҳо як гурӯҳи кӯчак буданд. Ҷинояткорон чӣ хеле, ки шумо номбар кардед. Ман тайи 30 сол кӯшиш кардам. Мардум гуноҳ надошт. Мо ҳеч вақт бояд инро фаромӯш накунем. Дар як шаҳри Хоруғ 30 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Бубинед, чанд нафаре, ки “вай” карданд, шумораашон ангуштшумор аст. Онҳо аз номи мардум суистифода мекарданд. Онҳо аз номи мардуми Бадахшон “вай” намекунанд. Ҳамин чизро бояд мо доимо ҷудо кунем дар муносибатамон. Ман шахсан ҳамин хел ҷудо мекунам. Мардуми кӯҳистон. Мардуми Тоҷикистон ҳама кӯҳистонӣ ҳастем. 93 фисад кӯҳ аст. Аслан мардуми эҳсосотӣ ҳастанд, дилҳояшон пок аст. Зиёда аз 15 маротиба ман онҳоро афв кардам. Кӯшиш кардам, ки бо роҳи тарбия кардан Ҳамон ҳизби террористии наҳзат ва хоҷагонаш. Ҳадаф, мақсад, табаддулот, “вай” кардан. Шумо шоҳидед, ки мо ҳамонҳо қатӣ як ҳафта гуфтушунид кардем. Роҳ маҳкам буд. Роҳи байналмилалӣ. Аз ду қисмат. Инро кадом асоси қонунӣ қатӣ. Инро на констутсия, на ягон қонунҳои амалкунанда “вай” намекунад. Рӯшонро “вай” карданд, яъне 220 ҳазор одам дар изолятсия буданд. Дар шаҳри Хоруғ нарху наво дар бозору мағоза дар осмон мерафт. Медонед, ки аксаран маҳсулот аз куҷо меравад? Бо роҳ аз қисмати ҷануб ворид мешуд. Ҳамунба ман то ҳадди имкон равон кардам, гуфтушунидба. Дар Рӯшон раиси ноҳияро лат карданд. Муовини раиси ноҳия, зани тоҷик, духтари тоҷикро заданд, мушт қатӣ. Оё мард ба зан мушт*

*мебардорад? Дигар муовинҳоро “вай” карданд. Бубинед, вақте ки колонна мегузашт, гузаштан ба тирпарронӣ кардан. 13 нафар кормандони амниятро ярадор карданд, як кас талаф ёфт. Хай дигар илоҷ набуд. Мо медонистем, яроқу аслиҳа, мостҳоро метаркондaнд, дар Рӯшон мостҳоро метаркондaнд. Хай амр додам, ки яроқбадастонро бинед, безарар гардонед, ё дастгир кунед. Ва он ҳам ҳоли ба хайр. Дидед, дар шаҳри Хоруғ амалиёти ҳарбӣ намондам. Намондам! Ҳамааш бо роҳи касбияти баланд ҳал шуд. Ин функсияи давлат аст, таъмини амнияти шаҳрвандон. Таъмини амнияти миллӣ, амнияти давлат. Ин функсия ва вазифаи давлат аст ва роҳбари давлат, на каси дигар. 30 сол ин беохир намешуд. Дер мешуд, дигар. Дер. Талабу корҳои онҳо дигар буд.”* [6]



Мурод аз ин суханронӣ аз оғоз то анҷом худсафедкунӣ ва бесалоҳиятии на фақат президент, балки тамоми кобинаи Раҳмонро нишон медиҳад. Намедонам, Раҳмон дар куҷои ваҳшонияти сохторҳои қудратӣ касбияти баландро дида. Шояд ин ҳама муносибати золимонае, ки бо мардуми беяроқ кардан, куштану ҳатто бо мурдаҳо ваҳшониятро раво диданд, барояш касбият аст. Пас дар ин 30-сол инсон, ҳомиву муҳофизи ватан не, золиму хунхорро омода кардаанд. Дар куҷои қонунҳои байналмилалӣ гуфта шудааст, ки бо захмиён ва боздоштшудагон чунин амали ғайриинсониро раво бубинанд? Магар ин касбият аст, ки бо ҳаммиллати худ чунин зулмро раво бубинӣ.

Раҳмон мегӯяд, ки ман 30 сол сабр кардам, 15 бор афв кардам. Киро ва чиро афв кардааст? Агар хукумати Раҳмон демократӣ ва хуқуқбунёд мебуд, пас чаро 30 сол сабр кардаасту аз ҷиноят чашм пӯшидааст? Агар тӯли ин 30 сол ба вилоят беш аз 3-4 ҳазор муҳиммоти ҷангӣ ворид шудааст, бо кадом роҳҳо? Магар сарҳади мо ҳифз намешавад? Ин қадар рутбаҳои баланди ҳарбиро барои чӣ гирифтаанд? Ин қадар маблағҳое, ки барои мубориза бо терроризм донорҳои хориҷӣ медиҳанд. Миллионҳо сомонӣ сафорати Америко тӯли ин ҳама сол барои ҳифзи сарҳад ҷудо кардааст, он ҳама куҷост?

Ин суолҳоеанд, ки мардум тӯли 30 соли ҳукмронии Раҳмон мунтазири посух ба онҳоянд. Ва аз ин баромади Раҳмон бори дигар маълум шуд, ки Раҳмон буғзи 30-солае, ки нисбат ба бадахшониён дошт, кафонд ва ин ҳама аз қабл барномарезӣ шуда буд. Кинае, ки дар дили Раҳмон барои сӯиқасд ба ҷонаш дар Рӯшон монда буд, ӯро тӯли ин ҳама сол ором нагузошта буд ва пайти муносибе, ки меҷуст фаро расид. Ин аст, ки бо ифтихор мегӯяд:

“**Ман фармони оташ кушоданро додам**!”

***Таҳияи сайти Зиндониён***

[6] https://youtu.be/64R20_-t9CU



# Чаро дар Бадахшон қатлу хунрезӣ ҷорӣ шуд?



*Муҳаммадсаъид Ризоӣ, фаъоли сиёсӣ ва фаъоли КШНГЗС*

Имрӯз ин суол посухи қатъӣ мехоҳад: чаро ҳамзамон бо вазидани насими форами истиқлолият дар Тоҷикистон, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) аммо қатлу куштор ҷорӣ шуд ва даҳҳо нухбагони миллат аз ин минтақа ҳиҷрат карданд?

Тайи 30 соле, ки Эмомалӣ Раҳмон қудратро бо зӯр ва кӯмаки бегонагон (хоҷагони хориҷӣ) дар даст гирифтааст, кишварро ба шеваи хоҷагидорӣ идора мекунад. Ва ҳарчанд дар Қонуни асосӣ, Тоҷикистон ба унвони ҷумҳурии президентӣ муаррифӣ шудааст, вале воқеият ғайри он аст. Маъруф аст, ки Раҳмон гуфтааст: “Тоҷикистон аз манӣ!”[7] Ӯ кишварро ба шакли хонаводагӣ (салтанатӣ, монархия) идора мекунад.

**“Ғавғои кӯдакон дар хона аз тақсими нодурусти нон аст”**

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бузургтарин масоҳати замини Тоҷикистонро ба худ ихтисос додааст. Ин минтақаи кӯҳистонӣ дорои сарватҳои табиии фаровон, сангҳои қиматбаҳо ва пур аз маъданҳои зери заминии гуногун мебошад. Бо ин вуҷуд, мардум дар ин вилоят рӯзгори осуда ва шароити хуби зиндагонии оддиро ҳам надоранд. Иллати асосии он бармегардад ба наҳваи муомилаи ҳукумати марказӣ бо мардуми ин минтақа.

Набуди ҷои кор, нодида гирифтани нерӯҳои илмӣ, фикрӣ ва тавонмандии касбии мардум, яктарафа ва бо ҳисоби хусусӣ аз худ кардан ва ба бегонагон дар муъомила (фурӯш) гузоштани замин ва боигариҳои ин минтақа, сабаби асосии эътироз ва норозогии мардум мебошад.

---

[7] https://youtu.be/BtCOYyf52f0

Раҳмон бар ивази тақсими дурусти ҳокимият, рушди ичтимоӣ, тавсиаи ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва маданӣ ва ободӣ, сари ҳар чанд сол ба хотири пахш ва пешгирӣ аз эътирози норозиён, аз қувваҳои низомӣ, амниятӣ ва гурӯҳи махсуси корҳои дохила истифода мекунад.

Бори аввал дар соли 2008, баъди он дар соли 2010 ва аз 2012 то ин дам бо пурқувват кардани қavваҳои низомӣ ва амниятӣ дар ин вилоят озодиҳои мардумро бо баҳонаи мубориза бо "терроризим ва экстримизм" шадидан танг кардааст.

Дар ин муддат даҳҳо ҷавони ғайюр аз тарафи қувваҳои махсуси ҳукуматӣ кушта ва ба шаҳодат расида, садҳо нафар эътирозгарон зиндонӣ ва даҳҳо ҳазори дигар тарки ватан карда, маҷбур ба ҳиҷрат шуданд. Дар ҳоли ҳозир, хонае нест, ки дар он зулм нашуда бошад ва ё мотам надошта бошад.

**"Худам фармони оташ кушодан додам!"**

Ҳодисаи хунини ахир, ки боиси ба шаҳодат расидани сарҳанги бознишаста Муҳаммадбоқир Муҳаммадбоқир ва кушта ва захмӣ гардидани даҳҳо ҷавони бегуноҳ шуд, ношӣ аз сиёсатҳои душманонаи Раҳмон бо мардуми ин минтақа аст, ки аз пеш тарҳрезӣ шудааст. Раҳмон ба мардуми ин вилоят назари хуб надорад ва ба ин мардум, мисли дигар мардуми Тоҷикистон, некӣ ҳам карданӣ нест. Раҳмон пас аз анҷоми ин ҳодиса, дар як суханронӣ (дар воҳӯрӣ бо мақомоти вилояти Хатлон) онро исбот кард. Ӯ гуфт: "*Худам фармони оташ кушодан додам!*"[8]



Сайфулло Сафаров, собиқ муовини мудири Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон, дар барномаи "*Гуфтугӯи озод*"-и *Радиои Озодӣ*, мардуми ин вилоятро сарбаланду ватандӯст ва ҷасур ном бурд, вале бо истинод ба филми "*Фитна*", ки аз тарафи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таҳия ва ҳамзамон бо анҷоми амалиёт дар Бадахшон, дар телевизиони давлатӣ пахш шуд,

[8] https://youtu.be/64R20_-t9CU

ин мардуми шарифро ҷинояткор номид: “*Ҳамроҳ бо баъзе аз гурӯҳе, ки мо онҳоро ҷинояткор мегуфтем, дар ҳақиқат ҷинояткор буданашон исбот шуд.*”[9]

Ин ходими “давлатӣ” дар барномаи мазкур эълом кард, ки мардуми Бадахшонро ҷинояткор меҳисобад. Вай тӯҳматҳои бепояеро, ки дар ин филми нанговар омада такрор кард. Дар ин филм Холбаш Холбашев, генерали ба нафақа баромада ва Улфатхоним, журналисти мустақил, ки ҳар ду аз тарафи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дастгир ва маҷбур ба эътироф ба даст доштан дар ин “дасиса” шуданд, нишон дода шудаанд.

**Раҳмон муқобил бо истиқлолияти кишвар баромада буд, мардуми шарифи Бадхшон дар паҳлӯи дигар истиқлолиятхоҳони Тоҷикистон қарор доштанд.**

Шакке нест, ки мардуми Бадахшон бофаҳм, сарбаланду ватандӯст ва ҷасур мебошанд. Озод будан, озод зистан ва озод гуфтан хислати ин мардум аст, ки бо шири сафеди модарон дар пӯсту устухони онҳо ачин шудааст. Ватандӯстӣ, истиқлолиятхоҳӣ ва ҳақиқатталабӣ як рамзи мардонагӣ ва қарзи ватандорӣ барои онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар асл ҳамин хислатҳои олии онҳо сабаби ин аст, ки Раҳмон ва ҳукматаш бо ин минтақа муносибати душманона дошта бошад. Зеро вақте Раҳмон муқобил бо истиқлолияти кишвар баромада буд, мардуми шарифи Бадхшон дар паҳлӯи дигар истиқлолиятхоҳони Тоҷикистон қарор доштанд.

Раҳмон фикр мекунад, ин маротиба бо дурӯғи дастгоҳҳои амниятияш, бо аз байн бурдани шахсиятҳо ва румузи ин минтақа ва боduздида овардани ҷавонмардони боору номуси бадахшониҳо аз хориҷи кишвар ва зиндонӣ кардани онҳо, мушкилоташ бо ин мардумро барои ҳамеша хатм кардааст. Шояд зоҳиран ҳамин гуна бошад, вале ҳақиқат ин аст, ки мушкилоти мардум дар Бадахшон бо Раҳмон тамом нашудааст ва ба дигар манотиқи кишвар интиқол ва дар ҳоли тавсиа аст.

Мутмаиннан зиндонро ихтиёр кардани Музаффар Давлатмиров,[10] халифаи мардумӣ ва чандин тан аз наздикони шаҳидшудагон ва ҷабрдидагон аз аъзои 44-нафара ба хотири таҳқиқу баррасии ҳақиқати қатли Гулбуддин Зиёбеков,[11] шикояту дуои модари шаҳид дар пешгоҳи Худо ва даъвоҳои садҳо модарону падарони дигари ғайюри ин сарзамин гувоҳ бар як ҳақиқат аст: аз худгузарӣ, истодагӣ дар роҳи ҳақталабӣ, адолтхоҳӣ ва озод будан ва озод мондани ин мардуми ҷасур.

Хушо ба ҳоли шумо! Навиди сарбаландӣ ва пирузӣ муборак бод!

---

[9] https://www.ozodi.org/a/31877387.html

[10] Музаффар Давлатмиров кист? — Зиндониён (zindoniyon.com)

[11] https://www.ozodi.org/a/31911429.html



# БОЗДОШТИ ҶАВОНОНИ ЗОДАИ БАДАХШОН



*Муҳаммади Одинабек, фаъоли сиёсӣ ва узви КШНГЗС*

Яке аз шеваҳои маъмули мубориза Раҳмон бо мардум ин аз дурӯғ ва ваъда кор гирифтан аст. Раҳмон аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат омаданаш, ҳамеша ваъда медиҳад, ки нафароне, ки дар эътирозҳо иштирок кардаанд, ё аз камбудӣ ва мушкилии ҳукумати Раҳмон берун аз Тоҷикистон ҳарфе гуфтаанд, дар сурати ба Ватан баргаштан, афв мешаванд. Ин даъватро ҳатто барои онҳое, ки дар ҷанги Сурия ва Ироқ иштирок кардаанд, дода буд.

Умуман, 30 сол боз Раҳмон ва ҳукуматаш ба мардум ваъда медиҳанд. Ва мардуми фиребхӯрда онҳое, ки ба бегуноҳияшон бовар доранд, ба Ватан бармегарданд, аммо ба онҳо ҳатто имкони аз фурудгоҳ берун шудану бо наздиконашон дидор кардан намедиҳанд ва онҳоро ба самти номаълум мебаранд. Бо гузашти чанд рӯз ва чанд ҳафта, ин нафарон тавассути телевизон эътирофи гуноҳ мекунанд ва бо ҳамин ҳукмашон хонда мешавад. Масалан, баъди кушта шудани **Гулбиддин Зиёбеков,**[12] раиси КДАМ, Ятимов ва вазири ВКД, Раҳимзода тавассути телевизони марказии Бадахшон эълон намуданд, ки нафароне, ки дар тазоҳурот иштирок кардаанд, ҷазо намегиранд. Дар асл бошад, нақша ва тактикаи ҳукумат ин бор ҳам фиреби мардум буд, чун мардуми тоҷик хеле содда ва зудбоваранд. Ҳол он ки ҳукумати кинапарвар ҳатто нафаронеро зери чашм карда буд, ки чандин сол пеш ҷинояти кучаке содир намуда,

[12] https://www.ozodi.org/a/31835885.html

ҳукми ҷазояшонро адо намуда буданд ва ба зиндагии муқаррарӣ баргашта буданд.

Раҳмон, ки иштибоҳи “ҷавонии” Шаҳбоз Раҷабоврo,[13] ки ба Тоҷикистон миллионҳо сомонӣ зарар овардааст, бо як ишора бахшид, аммо ин “авфу бахшиш”-и вай, дар


Содиқ Аҳмадбеков

қазияи ҷавонони Бадахшон дида нашуд. Ду варзишгари ҷавони помирӣ, **Аҳмадбеков** ва **Гулаёзов** ҳангоми бозгашт аз Туркия[14] барои “гуноҳи” чанд сол пеш кардаашон, ки 406 сомонигӣ ҷарима шуда, онро низ пардохта буданд, дар фурудгоҳи Душанбе боздошт шуданд. Дар Душанбе ин боздоштгоҳҳои фурудгоҳӣ низ ғайримуқаррарӣ ва пур аз нақзи ҳуқуқи инсонанд. Айбдоршаванда ҳатто наметавонад бо наздиконаш, ки барои пешвоз омадаанд мулоқот кунад ва ҳамин тавр ӯро ба самти номаълум мебаранд. Ҳатто иҷоза намедиҳанд, ки занг занад ё вакил гирад. Ҳамин тавр чанд рӯз наздикон чандин боздоштгоҳҳои муваққатиро мекобанд, аммо дар ҷое ба онҳо маълумот намедиҳанд. Аҷибаш он ки баъди чанд рӯз ин нафар тавассути телевизион иқрори гуноҳ мекунад.

Бо Аҳмадбеков ва Гулаёзов ҳам чунин иттифоқ афтод. Ҳар ду тавассути телевизион иқрор карданд, ки ҷавонони Бадахшон зери таъсири қувваҳои берунӣ қарор гирифтаанд. Албатта, маълум буд, ки ин ду нафар зери фишор ин корро кардаанд ва матни бегонаро базӯр қироат мекарданд. Ва ҳарчанд мегуфтанд, ки бо хоҳиши худашон ба Тоҷикистон баргаштаанд, то ба мақомот таслим шаванд, аммо садо ва ларзиши дастон зери кадом таъсир қарор доштанашонро аён мекард.

Дунболи ин ду нафар **Салам Имомназаров**,[15] писари лидери ғайрирасмии Бадахшон дар телевизион зуҳур кард ва гуфт, ки


Салам Имомназаров

баъди истироҳат дар Туркия, ба Тоҷикистон баргаштааст ва розӣ аст, барои кирдори чанд сол “пешаш” ҷавоб гӯяд. Ҳол он ки ин бандаи Худо дар назди қонун ва мақомот соф буд ва адои ҷазо ҳам карда буд.

**Чоршанбе Чоршанбиев**[16] ва **Амриддин Аловатшоевро**[17] ҳанӯз дар рӯзҳои аввали тазоҳуроти Хоруғ, ба Душанбе интиқол дода буданд. Бо ҳамин, шикори помириён хотима наёфт ва баръакс ба мавсими тоза шурӯъ шуд. Ва дар ҳоле, ки таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷониби Украин равона аст ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аз бӯҳрони ҷаҳонии иқтисод

---

[13] https://youtu.be/RKI3CtKxJuI

[14] https://youtu.be/ZrnUdzlgBBk

[15] Pamir Daily News: “Салам Имомназаров дар фурудгоҳи Душанбе ҳангоми бозгашт аз Туркия боздошт шуд” — Зиндониён (zindoniyon.com)

[16] Чоршанбиев ба ҷурми “Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ” маҳкум мешавад? — Зиндониён (zindoniyon.com)

[17] Амриддин Аловатшоев кист? — Зиндониён (zindoniyon.com)

мегӯянд, тамоми фаъолияти сохторҳои қудратии Тоҷикистон аммо ба Бадахшон равона шудааст. Ҳамарӯза дар боздоштгоҳҳои Тоҷикистон ду се нафари аз бадахшониён пушти дарҳои баста ҳукм мегиранд. Чун вакили дифоъ надоранд, наздиконашон бехабаранд ва баъди ду ё се ҳафта аз назди дари даромадгоҳи рӯихате, ки барои дидорбинӣ зада шудааст, огоҳ мешаванд, ки пайвандашон чӣ ҳукм гирифта.

Барои он ки додситонҳо "бекор" ва "бепул" намонанд, тибқи қарордоди бастаи додситонии Тоҷикистон бо Русия исми бадахшониёни фаъол дар фурудгоҳҳо ва роҳҳои оҳан зада шудааст ва ҳар нафаре ба даст афтод, ба Тоҷикистон таҳвил медиҳанд.


Ораз Вазирбеков

Се зодаи Бадахшон: **Ораз Вазирбеков, Рамзӣ Вазирбеков**[18] ва **Руслан Пулодбеков**,[19] ки аз Екатеринбург ба Москав бармегаштанд, аслан аз фурудгоҳ берун нашуданд ва баъди чанд рӯз бо ҳамун шеваи қадимии мақомоти Тоҷикистон "бо хоҳиши худамон омадем" тавассути телевизион баромад карданд.

Ҳоло парвандаи инҳо ба додгоҳ нарафта, як сокини дигари шаҳри Хоруғ, Абдуллобеков Акбар дар назди метрои Кузминка боздошт шуд ва акнун наздикон мунтазиранд, ки бо ҳамон сенарияи кадом "коргардони бесалиқа" ин ҷавон ҳам иқрори гуноҳ хоҳад кард.


Рамзӣ Вазирбеков

Ҳоло пойи ин ҷавон ба Тоҷикистон нарасида, **Чоршанбиев Ҷонибек Ҷамшедович**,[20] яке дигар аз ҷавонони фаъоли помирӣ, ки бо амалҳои неки худ дар байни зодагони Бадахшон маъруф буд, дар боздоштгоҳ ё таҳхона, ки он ҳам номаълум мунтазири додгоҳ аст.

Зодаи дигари Бадахшон **Муслим Наврӯзов**[21] ҳам бо дархости ҷониби Тоҷикистон боздошт шуда ба Тоҷикистон истирдод шудааст.

Русияи демократӣ ва озод, ки мардуми кишварҳои бародар барояш қадру қимате надоранд, дар таҳвил, таҳдид, фишор куштор ва зиндонӣ кардани бадахшониён яъне ба генотсиди бадахшониён аз ҷониби ҳукумати Раҳмон ҳамроҳ аст.

---

[18] https://rus.ozodi.org/a/31967525.html

[19] https://rus.ozodi.org/a/31972278.html

[20] https://azda.tv/bozdoshtu-istirdodi-du-tan-az-badakhshonikhoi-mukimi-rusiia-ba-tochikiston/

[21] https://azda.tv/bozdoshtu-istirdodi-du-tan-az-badakhshonikhoi-mukimi-rusiia-ba-tochikiston/



# Боздошт ва зиндонӣ кардани аъзои “Комиссияи 44”



*Ҷамшед Ёров, ҳуқуқдон ва раиси Бунёди “Бузургмеҳр”*

“Комиссияи 44” дар моҳи ноябри соли 2021 ҳангоми эътирозҳо дар Хоруғ баъди қатли Гулбиддин Зиёбеков сокини 29-солаи Роштқалъа ташкил шуд. Ҷомеаи фаъоли шаҳрвандии Бадахшон барои пешгирӣ аз қатлу куштор ва дар асоси адолати додгоҳӣ ҷазо гирифтани ҳомилони қатли Гулбиддин Зиёбеков ин гурӯҳро таъсис доданд.

**Аз рӯзи аввал маълум буд, ки мақсади комиссия бо роҳи осоишта ҳал намудани мушкилоти дар Бадахшон ба вуҷуд омадааст ва комиссия дар чунин рӯзҳои ҳассос метавонист пуле бошад байни ҳукумат ва мардуми эътирозгар.**

Аз рӯзи аввал маълум буд, ки мақсади комиссия бо роҳи осоишта ҳал намудани мушкилоти дар Бадахшон ба вуҷуд омадааст ва комиссия дар чунин рӯзҳои ҳассос метавонист пуле бошад байни ҳукумат ва мардуми эътирозгар. Ҳукумат ҳам дар навбати худ барои ба эътидол овардани вазъи Бадахшон омодагии худро барои ҳамкорӣ бо аъзои гурӯҳ иброз дошта буд. Ҳатто байни ҳукумат ва гурӯҳ ҳуҷҷате ба имзо расид, ки тибқи он, ҳукумат ва аъзои ин гурӯҳ муваззаф гардиданд, ки то анҷоми тафтишот яъне халал ворид нашудан ба тафтишот, на бо хабарнигорон сӯҳбат мекунанду на ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар бораи қазияи мазкур ҳарфе дар миён меоранд. Ҳатто ҳукумат иқрор шуд, ки комиссия дар доираи қонун ташкил шудаасту ягон амали ғайриқонунӣ дар фаъолияти аъзои он дида намешавад.

Аммо дере нагузашта ҳукумат дид, ки мардуми Бадахшон ба ин комиссия эътимоди

қавӣ доранд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ гӯшу хуш ба ҳарфҳои комиссия медиҳад, токтикаи дигарро пеш гирифт. Эътирозгаронеро, ки пароканда шуда буданду мунтазири хулосаи додгоҳ ва боварӣ ба адолати додгоҳӣ ба рӯзгори осоиштаи худ баргашта буданд, таҳти фишор қарор дод. Омилони қатли Гулбиддин ба фаромӯши рафта, мақомоти қудратӣ ба ҷустуҷӯи нафароне шурӯъ карданд, ки дар рӯзҳои тазоҳурот гӯё ба бедартибии оммавӣ роҳ доданд; онҳоеро ҳадаф қарор дод, ки барои ҳимоя аз тазоҳургарон чанд дарахтеро буридаанд, ё онҳое, ки гӯё милисаҳоро мавриди дашному ҳақорат қарор додаанд.

Ҳамин тавр дар фурсати хеле кӯтоҳ чандин нафарон бо иттиҳомҳои бофта равонаи зиндон шуданд. Аъзои комиссия низ ба тадриҷ мавриди тазйиқ ва фишори мақомот қарор гирифтанд. Дар ин байн телевизиони Бадахшон низ маъракаи фаъоли маҳкум кардани эътирозгарон ва шахсони дар байни мардум соҳиби эҳтиромро, ки аз онҳо ба унвони "лидерони ғайрирасмӣ" ном мебурданд, шурӯъ кард.

13 декабр мулоқоти намояндагони "Комиссияи 44" бо раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саймумин Ятимов доир гардид, аммо тарафҳо ба мувофиқа нарасиданд.[22] Ин аст, ки 14 декабр комиссия расман аз ҳамкорӣ бо КДАМ ва ВКД даст кашид ва эълон кард, ки фақат бо прокуратура ҳамкорӣ мекунанд. 18 декабри соли 2021 бошад намояндаи комиссия хабар дод, ки аз сабаби дахолати зиёди додситони ВМКБ Парвиз Орифзода ба кори онҳо, муваққатан фаъолиятро дар комиссия қатъ месозанд.

Ҳарчанд 6 нафари онҳо узви гурӯҳе буданд, ки аз муфаттишони Додситони кул ва Додситони ҳарбӣ иборат буда, ҳодисаҳои моҳи ноябрро таҳқиқ мекарданд, ҳукумат бо ҳар роҳу восита мехост, ки аъзо будани ғайриқонунӣ эътироф кунад. Вақте ки комиссия муфаттишони Додситони кулро ба хунукназарӣ дар таҳқиқи ҳодисаҳои моҳи ноябр айбдор кард, фишор ба аъзои комиссия афзуд.

Охирҳои моҳи майи соли 2022 беш аз 10 узви "Комиссияи 44" боздошт ва бозпурсӣ


Шафтолу Бекдавлатови ва Хуҷамрӣ Пирмаҳмадов

шуданд.[23] Чанд нафар аз аъзоро ҳам барои дарёфти пул аз хориҷа ва ҳамкорӣ бо созмонҳои мамнӯъ муттаҳам донистанд. Ҳамин тавр ду узви комиссия **Шафтолу Бекдавлатови** 64-сола ва **Хуҷамрӣ Пирмаҳмадови** 58-сола ҳар кадоме пушти дарҳои баста будуни ваеили дифоъ ба 18 соли зиндон маҳкум шуданд.[24]

---

22 https://www.facebook.com/pamirdailynews04/posts/6695173963887208

23 https://www.ozodi.org/a/31873951.html

24 https://rus.ozodi.org/a/31922829.html

Шоир ва наворбардори ҷавони зодаи Бадахшон **Муяссар Саъдоншоев** барои ҳамкорӣ бо комиссия ба 11 сол маҳкум шуд.[25] Ӯро ба хиёнат ба давлат гунаҳкор донистанд. Ин наворбардор гӯё ҷаласаҳои “Комиссияи 44”-ро дар интернет паҳн мекардааст.



Муяссар Саъдоншоев

Дар ҳоле, ки ҳукумат дар рӯзҳои аввали ташкили комиссия бо онҳо ба мувофиқа расида буд, ки ҳеч яке аз ҷонибҳо наметавонад то анҷоми тафтишот бо расонаҳо сӯҳбат кунад ё наворе паҳн кунад, комиссия ба ваъдаи мақомот бовар карда, сирри тафтишотро нигоҳ медошт, аммо мақомоти ваъдахилоф тамоми шабакаҳои телевизиониро истифода бурда, бе ҳукми додгоҳ мардумро ҷинояткор эътироф мекард ва ҳанӯз шахсони муттаҳам додгоҳ нашуда, эътирофи гуноҳи онҳоро нашр мекард, ки қонунгузорӣ инро манъ мекунад.

Комиссия борҳо аз Кумитаи телевизион ва радиои назди ҳукумати ҷумҳурӣ дархост намуд, ки ба онҳо ҳам минбар диҳанд, аммо раиси ин кумита Нуриддин Саид ошкоро эълон кард, ки онҳо ба ин комиссия минбар нахоҳанд дод. Пас, “Комиссияи 44” маҷбур шуд, ки тамоми ҷаласаҳо ва нишастҳои худро наворбардорӣ кунад ва дар ин ҷо ягон амали ҷинояткоронае набуд ва сӯҳбати рӯ ба рӯ бо мардум буд, ки инро қонунгузорӣ манъ накардаст. Аз ин рӯ дар амали Муяссар Саъдоншоев ҳам ягон ҳаракати “хиёнат ба давлат” дида намешуд.

Ё **Фаромӯз Эргашеви** ҳуқуқшинос чӣ амали ҷинояткоронае анҷом дода, ки дар боздоштгоҳ



Фаромӯз Эргашев

қарор дорад?

**Манучеҳр Холиқназаров**,[26] ки солҳои зиёд узви эътилофи зидди шиканҷа ва раиси Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир буд, тамоми қонунҳои Тоҷикистонро хеле хуб медонист ва дар доираи қонун мехост омилони ин ҳама беадолатиро ба маҳкама кашанд ва адолати



Манучеҳр Холиқназаров

додгоҳӣ барқарор шавад. Аз саркӯб кардани аъзои ”Комиссияи 44” бармеояд, ки ҳодисаҳои дар Бадахшон рух дода, аз қабл тарҳрезӣ шуда, ҳукумат намехост, ки оромӣ дар ин минтақа барқарор шавад.

---

[25] https://rus.ozodi.org/a/31929887.html

[26] Яке аз аъзои барҷастаи ”Комиссияи 44”-ро дастгир карданд // Бақияи аъзоро дастгирӣ таҳдид мекунад — Зиндониён (zindoniyon.com)




Бону **Улфатхоним Мамадшоева** шахсияти маъруф дар Тоҷикистон аст. Ӯ назди нухбагони тоҷик бахусус дар назди рӯзноманигорон ва ҳунармандон, чеҳраи шинохтае аст. Бино бар он чи рӯзноманигор, Елизавета Пестова дар *Mediazona*[27] навишта, дар 18 май (-и соли 2022) кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон (КДАМ) ӯро ба иттиҳоми созмондеҳии нооромиҳои ахир дар ВМКБ боздошт карданд. Мақомот иддао доранд, ки Мамадшоеваи 65-сола аланан хостори кудато (табаддулот) шудааст.

Дар соли 1979 студияи "Тоҷикфилм" филми се қисмати "*Нисо: аввалин субҳи ҷавонӣ*", ки бар асоси романи рӯзноманигор ва нависандаи замони Шӯравӣ, Павел Лукнитский сохта шудааст, пахш кард. Дар оғози ин филм, зане бо либосҳои кушоди хокистарӣ ва бар сар рӯймол, дар як роҳи санглох қадам мезанад ва духтараке аз паси вай давида меояд. Зан ногоҳ меистад ва мегӯяд: "*Ҳамин аст духтарам, бас аст маро гусел кардан, дав пеши холаат рав! Бо ӯ бимон! Хуб аст духтарам? Ман ба зудӣ хоҳам омад*."

Нақши ин занро бонуи зодаи Бадахшон, Улфатхоним Мамадшоева бозӣ кардааст. Ба гуфтаи дӯсти Улфатхоним Мамадшоева, рӯзноманигор Темур Варқӣ, ки Улфатхонимро аз аввалҳои даҳаи 90-ум (-и қарни пешин) мешиносад, "*Улфатхоним дар замони ҷанг, таниш байни ҷомеаи худмудофиаи Бадахшон ва марзбононро ҳал мекард. Ин солҳои бисёр сахти муҳосираи Бадахшон аз сӯи режими Раҳмон буд. Дар Бадахшон қаҳтӣ шуд. Танҳо артерияи ҳаёт аз Ӯши Қирғизистон*

---

[27] Миротворец по характеру. Кто такая Улфатхоним Мамадшоева, которую таджикские власти объявили зачинщицей памирского «бунта» (mediazona.ca)

*мегузашт. Кӯмакҳои башардӯстонаи Бунёд Оқохон мисли орду шакар, аз онҷо меомад.*”

Баъд аз оштӣ ва поёни ҷанги дохилӣ, Мамадшоева “*дар чаҳорчӯбаи идғоми нерӯҳои опозитсия дар сохторҳои давлатӣ*”, шурӯъ ба хидмат дар нерӯҳои марзбонӣ намуд. Пас аз истеъфо, Мамадшоева ба кори рӯзноманигорӣ бозгашт. Ӯ дар нашрияҳои “*Азия-Плюс*” ва “*Аргументҳои ҳафта*” (“*Аргументы недели*”) кор ва бо “*Фарғона*” (“*Фергана*”) ҳамкорӣ мекард.

Варқӣ Мамадшоеваро зане “*боҳуш, нарм, боотифа ва бисёр таҳаммулпазир*” тавсиф мекунад. Ӯ мегӯяд: “*Улфатхоним ба ҳадде инсони меҳрубон, нарм ва таҳаммулпазир аст, ки ҳатто дар сахттарин рӯзҳо ва дақоиқи ҷанги 1992-1997 аз ӯ ҳеч калимаи нописанде дар бораи аҳаде ва ҳатто дар мавриди афроди вобаста ба ҳукумат шунида нашудааст. Улфатхоним табиатан одами сулҳҷӯст. Ӯ занест, ки ҳамеша порчаи сафед байни тарафайни даргир баланд мекунад ва тарафайн таслими хостаҳои ӯ мешаванд. Ба ҳамин далел, ӯ на танҳо дар ҷомеаи Бадахшон, балки дар кулли ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон мавриди эҳтиром ва муҳаббат аст.*”

*кардааст. Ӯ бештар ба масъалаҳои ҳуқуқ, тарбия ва омӯзиши кӯдакон ва масоили ҳуқуқи зан диққат медод. Дар ҷомеаи мо инҳо осебпазиртарини бахшҳо ҳастанд.*”



**Улфатхоним Мамадшоева дар нақши модари Нисо дар филми “Нисо: аввалин субҳи ҷавонӣ”**

Дар 14 майи соли 2022, додгоҳе дар Душанбе ҳукми мубориз маъруфи ММА аз Помир, Чоршанбе Чоршанбиевро дар парвандаи даъват ба кудато (табаддулот) дар Тоҷикистон эълон кард, ӯро барои муддати 8-уним сол ба зиндон маҳкум кард. Билофосила пас аз он, ноороми дар ВМКБ шурӯъ шуд. Ба гузориши расонаҳо, аз 200 то 1000 нафар аз сокинони шаҳри Хоруғ, маркази маъмурии ВМКБ ба хиёбонҳо рехтанд.

Онҳо хоҳони истеъфои Алишер Мирзонабот, раиси вилоят ва ҳамчунин Ризо Назарзода, шаҳрдори Хоруғ ва низ бардоштани ҳамаи блогпостҳо ва поён додан ба озору шиканҷаи сокинони Бадахшон ба далоили сиёсӣ, шуданд. Онҳо бавежа хостори озодии Чоршанбиев, Амриддин Аловатшоев ва дигар ҳамватанони боздоштшуда шуданд. Мақомоти кишвар ба шиддат вокуниш ни-шон доданд ва помири-ҳоро бо гози ашковар ва гулӯлаҳои резинӣ паро-канда карданд. Ин минтақа дубора аз ҷаҳон мунзавӣ шуд, алоқаи мобилӣ ва интернет аз байн рафтанд.

Дар 17 май, дафтари Додситонии ВМКБ баёнияе содир кард, ки дар он, Улфатхоним Мамадшоеваро ба унвони созмондиҳандаи гирдиҳамоӣ дар Хоруғ ном бурданд ва гуфтанд, ки як парвандаи ҷиноӣ алайҳи ӯ боз кардаанд. Ба гузориши ин ниҳод, шомгоҳи 16 май, раҳбари маҳаллӣ, Муҳаммадбоқир Муҳаммадбоқиров тазоҳуроти ғайриқонуниеро дар Хоруғ ба дастури

Мамадшоева ва Алим Шерзамонов — яке аз чеҳраҳои маъруфи опозитсияи тоҷик, ки дар хориҷ аз кишвар зиндагӣ мекунад, баргузор кардааст, то рӯи мақомот барои “тасмимгирӣ ба нафъи афроде, ки дар фаъолиятҳои ҷиноятӣ ва ғайриқонунӣ фаъолият мекунанд” таъсир гузорад.

Дар ҳамон рӯз, яъне дар 17 май, хабарнигорони “Радиои Озодӣ” ва “Настоящая время” ба хонаи Мамадшоева дар Душанбе омаданд, то бо ин фаъоли ҳуқуқи башарӣ сӯҳбат кунанд. Ба гуфтаи “Радиои Озодӣ”, пас аз мусоҳиба, хабарнигорон мавриди ҳамлаи афроди ношинос қарор гирифтанд ва тамоми васоил ва гӯшиҳои телефони ҳамроҳро бо худ бурданд. Яке аз коркунони ин расона мавриди зарбу шатм қарор гирифт ва ҳамлагар рӯзноманигорро таҳдид ба “пар-рондан” кард.


**Темур Варқӣ, рӯзноманигор ва шоир**

Дар 18 май, Вазорат корҳои дохилаи Тоҷикистон як “амалиёти зидди террористӣ”-ро алайҳи ба қавли онҳо, “аъзоёни як гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ”-и тазоҳуркунандагон дар ВМКБ оғоз кард.

Улфатхоним Мамадшоеваи 65-сола било-фосила пас аз шурӯъи “амалиёт” боздошт шуд. Ба гуфтаи бародараш, рӯзноманигор Марат Мамадшоев, ҳудуди соати 8 субҳ, кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ) ва дафтари Додситонии кулл ин фаъоли ҳуқуқи башариро аз хонааш бурданд. Ӯ гуфт, раиси КДАМ, Саймӯмин Ятимов, мехост бо Мамадшоева сӯҳбат кунад. Хабарнигори Озодӣ гуфт: “*Баъд, дар манзили писар ва духтари Улфатхоним кофтуков гузаронда шуд. Улфатхоним гуфт, ки ба суолҳои муфаттишон танҳо дар ҳузури адвокат посух медиҳад*.”

Чанд рӯз баъд, дар 20 май, маълум шуд, ки нерӯҳои амниятӣ Улфатхоним Мамадшоеваро ба даъвати оммавӣ барои тағйири хушунат-омези сохти конститутсионии Тоҷикистон муттаҳам мекунанд; ҳамон моддаи ҷиноие, ки Чор-шанбе Чоршанбиевро ба он муттаҳам кардаанд.

Темур Варқӣ боздошти Улфатхоним Мамадшоева-ро кори дасти раиси КДАМ, Саймӯъмин Ятимов медонад. Вай дар *ёддоште*[28], бо таъкид бар ин ки Улфатхоним Мамадшоева “*ба кори баъзе “коргардонҳо”-и ташаннуҷи вазъият дар Бадахшон; касоне, ки ба дунболи эҷоди ноороми дар ин минтақаи ором ҳастанд, халал мерасонд*”, тасреҳ кард: “*Фикр мекунам, ӯ бо соф кардани ноҳамвориҳо, аз вуқӯъи як кудато (табаддулоти низомӣ) ҷилавгирӣ мекард; кудато аз сӯи касоне, ки худро барои сарнагуни Раҳмон омода мекарданд*.”

28 https://www.facebook.com/photo.php?fbid=10226236144077599&set=a.2372854808354&type=3



# Генерал Холбаш Холбашев кист?

Дар таърихи 20 феврали соли 2013, Эмомалӣ Раҳмон аз шуморе аз мақомот ва шахсиятҳои сиёсӣ ва низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири хидматҳое, ки барои кишвар намудаанд, қадрдонӣ кард. Аз ҷумла, аз Холбаш Холбашев. Бино бар гузорише дар ҳамин таърих дар сайти *Prezident.tj*[29], дар ин рӯз Сардори Раёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Холбаш Холбашев, ба дасти Эмомалӣ Раҳмон бо рутбаи генерал-майор сарфароз гардонда шуд.

Холбашев Холбаш Мамадназарович 23 апрели соли 1965 дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ӯ дорои маълумоти олӣ мебошад. Холбашев то соли 1992 дар мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ кор карда. Аз тобистони соли 1994 дар Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ машғул ба кор шудааст. Муддате Сардори комендатураи "Рӯшон" буд. Аз декабри соли 2001 муовини фармондеҳи Гурӯҳи сарҳадии оперативӣ ва ҳамзамон Сардори ситод буд. Холбашев то замони боздошташ, дар вилояти Суғд машғули вазифа ва аз марзҳои Тоҷикистон муҳофизат мекард.

Бале, генерал-майор Холбаш Холбашев аз марзҳои Тоҷикистон муҳофизат мекард ва дар Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ машғул ба хидмат буд. Дар бораи қаҳрамониҳои ӯ бахусус дар марз бо Қирғизистон ва дар ҷиҳати муҳофизат аз миҳан, бисёр гуфтаанд.

Генерал-майор Холбаш Холбашев рӯзи 18 майи 2021 ҳангоми бозгашт аз Ворух дар Исфара дастгир шуд. Ҳамсари собиқи ӯ, Улфатхоним Мамадшоеваро субҳи 18 майи ҳамин сол дар Душанбе боздошт карданд.

[29] http://prezident.tj/node/4037

Бино бар гузориши сайти *Бомдод*[30] дар таърихи 19.05.2022, “*Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон шоми 19 майи соли 2022 дар як изҳороти вижа гуфт, нооромиҳои ахиррро дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алим Шерзамонов, Холбаш Холбашев ва Улфатхоним Мамадшоева роҳбарӣ ва сарпарастӣ мекарданд*.”

Режими Раҳмон чизеро ба ин се миҳанпараст бофт, ки ҳатто ба хоби онҳо намеомад. Бар асоси ин гузориш, “*Улфатхоним Мамадшоева рӯзи 18 май дар шаҳри Душанбе ва бино ба иттилои дарёфтии ҳанӯз расман тасдиқношуда, полковник Холбаш Холбашев, фармондеҳи собиқи як қисми марзбонӣ дар Бадахшон низ рӯзи 18 май дар ҳудуди вилояти Суғд дастгир шудаанд. Алим Шерзамонов, муовини раиси Паймони Миллӣ, як эътилофи дар Тоҷикистон феълан мамнӯи нирӯҳои мухолифини тоҷик, аз соли 2017 дар Полша ба сар мебарад*.”



Ва ин дар ҳолест, ки бар асоси ҳамин гузориш, “*ба фарқ аз дигар фармондеҳони собиқи мухолифин аз Бадахшон, Холбаш Холбашев дар ҳаводиси солҳои ахири Бадахшон бетарафиро ихтиёр карда буд ва бо ҳукумат мухолифат намекард. Вале ВКД дар изҳороти ахираш мегӯяд, рӯзҳои 17-18 майи соли 2022, 200 нафар дар ноҳияи Рӯшон шоҳроҳи байналмилалии Душанбе-Хоруғ-Кулмаро дар 3 нуқта баста, ҳаракати тамоми намуди воситаҳои нақлиётро маҳдуд карданд. ВКД дар изҳороти худ эълом кардааст: ”Онҳо таҳти роҳбарӣ ва сарпарастии аъзои дар ҷустуҷӯи расмӣ қарордоштаи ташкилоти экстремистӣ-террористӣ Алим Шерзамонов ва ҳаммаслакони ҷиноятии ӯ Холбаш Холбашев, Улфатхоним Мамадшоева бо мақсади халалдор намудани амнияти давлатӣ, зарба задан ба пояҳои сохти конститутсионӣ, монеа шудан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба таҳлука андохтани аҳолӣ бо силоҳу аслиҳаи ҷангӣ мусаллаҳ гардиданд*.”

Ин иттиҳомот дар ҳолест, ки вокеият тамоман чизе дигар буд. Бино бар гузориши нашрияи британиёии *The Guardian*[31] дар 19 майи 2021, “*дар ҷараёни саркӯби эътирозҳои ахир дар Бадахшон дастикам 25 сокини ин вилоят кушта шуданд. Сокинони Рӯшон мегӯянд, эътирозгарон силоҳ надоштанд ва нирӯҳои қудратӣ болои издиҳоми мардуми осоишта тир кушоданд*.”

30 https://www.bomdod.com/2022/05/19/polkovnik-holbash-holbashev-ba-tashkili-nooromiho-dar-rushon-ajbdor-shud/

31 https://www.theguardian.com/global-development/2022/may/19/twenty-five-ethnic-pamiris-killed-by-security-forces-gorno-badakhshan-tajikistan-protests

Бар пояи гузориши 25.05.2022 дар сайти *Бомдод*[32], шоми 24 май дар Интернет филми мустанаде бо номи “*Шикасти фитна*” нашр шуд, ки зоҳиран аз тарафи Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон таҳия шудааст. Дар ин филм, ки қариб 17 дақиқа давом мекунад, баёноти Улфатхоним Мамадшоева ва генерал Холбаш Холбашев, ду нафаре, ки бо иттиҳоми ташкилу раҳбарӣ ва сарпарастии эътирозҳои ахири Бадахшон дастгир шудааст, низ нашр шудааст.

Гӯянда, ки гузоришҳову филмҳои мустанади қаблии КДАМ-ро ҳам гӯяндагӣ мекард, дар мессенҷер иштирок кардаанд. Ба иддаои мақомоти амниятӣ, дар ин ҷаласа ҳамчунин қарор шудааст, ки Алим Шерзамонов маблағгузории эътирозҳоро ба дӯш мегирад, Холбашев масъулияти ташкили эътироз дар Рӯшон, Боқир масъулияти ташкили эътироз дар Хоруғро. Ба Мамадшоева масъулияти пӯшиши иттилоотии ин эътирозҳоро вогузор мекунанд.

Гӯянда дар филми “*Шикасти фитна*” ҳамчунин иддао мекунад, ки гӯё Алим Шерзамонов аз Аврупо барои ташкили эътирозҳо дар Рӯшон 6 ҳазор доллар ва барои



“*Шикасти фитна*” мегӯяд, тасмими ташкили эътирозҳо дар Рӯшону Хоруғ рӯзи 26 март дар хонаи Зарифбеков ном сокини маҳаллаи Бархоруғ гирифта шуд. Вале Улфатхоним Мамадшоева мегӯяд, ки ин ҷаласа дар як меҳмонхонаи хусусӣ баргузор шуда буд.

Муаллифони филм мегӯянд, дар нишаст Мамадбоқир Мамадбоқиров (Боқир), Холбаш Холбашев ва Улфатхоним Мамадшоева ҳузурӣ ва Алим Шерзамонов аз Аврупо тариқи ташкили эътирозҳо дар Хоруғ 7 ҳазор доллар фиристодааст.

Вале бар асоси ин гузориш, Алим Шерзамонов дар саҳифааш дар Фейсбук ин иддаоро рад карда, бо киноя навишт: ”*Дар Тоҷикистон будам, сер намехӯрдам, вале маблағҳои калон мегирифтам, инак Урупо омадам, монолит мезанам ва ба Тоҷикистон пул равон мекунам, ки инқилоб кунанд. Ҳотами Той будаам.*”

***Таҳияи сайти Зиндониён***

[32] https://www.bomdod.com/2022/05/25/nashri-bayonoti-general-holbash-holbashev-va-ulfathonim-mamadshoeva-video/



# Меҳмоншоҳ Шарифзода: “Фатво” додаанд, ки “кушташудаҳо ҷинояткор буданд ва куштани онҳо воҷиб буд”

**Меҳмоншоҳ Шарифзода, ҷомеашиноси тоҷик, бо ишора ба ҳодисаҳои ғамангези Бадахшон, бо баёни ин ки “дар ин ҳодисаҳо мардумро бо бераҳмӣ, бедодӣ ва беимонӣ мекушанд ва ҷавобгарие ҳис намекунанд”, гуфт: “Ин гурӯҳ мардумро ба фасодзада будан гунаҳгор мекунанд ва фасоди шохдорро, ки солҳо боз миллат ва давлатдории тоҷиконро хароб карда, дидан наметавонад. Ин ҷо бо баромадҳо ва бо навиштаҳои худ ба ин ҳукумати фасодзада “фатво” доданӣ мешаванд, ки “кушташудаҳо ҷинояткор буданд ва куштани онҳо воҷиб буд” ва ҳар киро ҳам, ки садо баланд кард, метавон куштан...”**

*Матни пурраи мусоҳиба бо Меҳмоншоҳ Шарифзода ба шарҳи зайл аст:*

**Зиндониён:** ***Аз бас ки сӯҳбати мо дар пасманзари ҳаводиси хунини ахир дар Бадахшон сурат мегирад, мехостам бипурсам, ки бар асари он ҳаводис авзоъро дар кишвар чӣ гуна мебинед?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода**: Бешак, мардум дар Тоҷикистон ва ба хусус дар Бадахшон дар балоянд, бо фитнаро рӯ ба рӯянд. Борҳо мардум дар Бадахшон чунин таҷрибаҳоро аз сар гузаронидаанд. Чунон, ки пӯлодро дар оташ месанҷанд ё тилло ва нуқраро бо оташ пок мекунанд, ин балоҳо ба истилоҳи абарустод Рудакӣ, мардони “соҳибфазлу бузургмарду солорро” ва ҳамчунин инсонҳои паст, мардони дурӯғин ва холиро ошкор хоҳанд кард.

Воқеан ин як таҷрибаи таърихист, ки мардони огоҳи ин миллат хуб шинохтаанд ва ин муддати бисту чанд соли бо ном соҳибистиқлолӣ давраи санҷиш, балои сахт ё фитна ва давраи пӯхтаву марди тамом шудани Тоҷикони воқеӣ ҳам буд ва ҳаст.

Худованд дар Қуръон мефармояд: “*Фитна бадтар аз куштан аст*.” (2:217). Фитна дар нафси тарбиятнодида реша дорад. Дар давоми ин солҳои бӯҳронӣ, мардум мантиқи аслии ин ҳукуматро кашф кард, ки он “фитна андохтан ва турктозӣ кардан” аст, ба хусус аз солҳои

2008 ин сӯ ин мантиқ ба таври ошкор аз худ дарак дод.

**Зиндониён:** ***“Фитна” чӣ мафҳуме дорад? Чаро мақомот барои тасвири воқеият аз он истифода мекунанд?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода**: Бале, фитна мавҳумест қуръонӣ, ки маънии ихтилоф, ҳарҷу марҷ (хаос), бало, имтиҳон, таҷриба ва ғайраро дорад, ки тоҷикон ин маъниҳоро дар зиндагӣ ва таърихи худ пурра шинохтаанд, ки чист.

Аз як сӯ, фитна дар бораи касонест, ки чунин муҳити ихтилоф ва пурбалоро барои мардум ташкил мекунанд, ҳодисаҳои гуногунро шакл медиҳанд ва дигаронро дар ташкили он гунаҳгор медонанд. Дар раванди фитна, ҳукумат аз вожаҳо, маъниҳо истифода карда, қиссаҳо мебофад ва мухолифини сиёсии худро “экстремист”, “бунёдгаро”, “террорист”, “чинояткор” ва ғайра меномад. Ин кор солҳо боз дар Тоҷикистон вуҷуд дорад ва чӣ гунае, ки дар боло зикр кардем, фитна дар якҷоягӣ бо турктозӣ, ба мантиқи аслии ҳукумат табдил ёфта.

**Дар раванди фитна, ҳукумат аз вожаҳо, маъниҳо истифода карда, қиссаҳо мебофад ва мухолифини сиёсии худро “экстремист”, “бунёдгаро”, “террорист”, “чинояткор” ва ғайра меномад.**

Мақсади аслии ҳукумат аз фитна андохтан, ин зери фишор қарор додан, зиндонӣ кардан, террор кардан ва аз байн бурдани мухолифини сиёсии ҳукумат аст. Баъди куштан ва зиндонӣ кардан, мақомот турктозӣ мекунанд ва моликияти мухолифини сиёсиро зери шиори “миллӣ кардан” аз худ мекунанд.

Ин ҷо метавон аз ҳодисаи кушта шудани Мирзо Зиёев (2009), аз ҳодисаи кушта шудани Ҳоҷи Ҳалим ва бародаронаш (2015), боз ҳам аз ҳодисаҳои Хоруғ (2012) ва ғайра ёд кард.

Имрӯз, воқеаҳои Бадахшон, ки мақомот аз байн бурдани ҷомеаи шаҳрвандии Бадахшонро ҳадаф қарор додааст, мисоли равшани дигари ҳамин фитнаи давомдор дар Тоҷикистон аст. Бубинед, чӣ гуна рӯзноманигор ва фаъоли маданӣ, Улфатхоним Мамадшоева ва шавҳари собиқи ӯ, Холбаш Холбашевро бо “табаддулоти давлатӣ” кардан гунаҳгор кардаанд. Маънии қуръонии “фитна бадтар аз куштан аст” ҳам, ҳамин фазои бӯҳронии пурбалоро дар назар дорад, ки мардум солҳо боз аз сар мегузаронанд.

Аз дигар сӯ, дар фарҳанги тоҷикон фитна, ин раванди имтиҳон, санҷиш ва раванди фардшавии инсон аст ва чунонки, масалан тозагии оҳан, нуқра ё тиллоро бо оташ месанҷанд, ҳамин тариқ инсон будани як одамро дар бало месанҷанд. Ин аст, ки ҳанӯз абарустод Рӯдакӣ дар замони худ (асри X) гуфта буд:

*Андар балои сахт падидояд*
*Фазлу бузургмардиву солорӣ.*

**Зиндониён:** ***Вижагии ҳукмронӣ фақат ҳамин формулаи қадимии “тақсим куну ҳукмрон бош” аст ё вижагиҳои дигар низ мушоҳида мешавад, ки ба равандҳои сиёсиву иҷтимоъӣ асаргузор бошад?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода**: Ҳукумат дар музофотҳо ва маҳалҳо чун дар пойтахт ба ҷои миллӣ кардан, дорад маҳаллӣ - музофотӣ мекунад. Бале, фарҳанги маҳаллӣ - музофотиро ба ҷои фарҳанги миллӣ (ҷаҳонӣ) ниҳодина кардаанд, ки дар ноҳияҳо ба хусус фарҳанги фасод, дуздӣ ва дурӯғро бисёрии мардум, ба хусус дар Бадахшон, наметавонанд таҳаммул кардан. Ва яке аз сабабҳои номуваффақ будани ин ҳукумат ҳамин фарҳанги маҳаллиро ҷойгузини фарҳанги миллӣ кардани он аст ва он ҳам на фарҳанги тозаи музофотӣ, балки фарҳанги фасод ва дуздии аз ҳошияи Шӯравии собиқ бархоста ва дар пойтахт шакл гирифтаро.



**Зиндониён:** ***Аммо ҳукуматиҳо ва афроди ҷонибдори ҳукумат ҳамеша таъкид доранд, ки таи ин солҳо дар ҳама гӯшаву канори кишвар сохтмонҳои азиму муҳим сурат гирифта, яъне ин далели он аст, ки ҳукумат маҳаллӣ нест, маҳалгаро нест, балки миллист.***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода:** Бубинед, ин ҳукумат дар ноҳияҳои марказӣ ва ҳам марзии Тоҷикистон, ба хусус дар Бадахшон, пеш аз ҳама ба сохтани биноҳои амният, пулис ва судҳо машғул буд ва ҳаст, то мардумро “бехтар” идора кунад ва то намояндагони ҳизбҳои мухолиф ва ҷавонмардони огоҳ ва соҳибфикрро аз байн бибарад. Ба роҳбарии ниҳодҳои қудратии ноҳияҳо, шаҳру вилоятҳо аслан намояндагони маҳалли худ, музофоти худ ва касони содиқ ба худро таъйин мекунад ва ин садоқатро бо пул (ришва) мустаҳкам месозад.

Ришва додан ва гирифтан замоне дар Аморати Бухоро амал мекард. Дар ин зинаҳои навкарӣ, амалдорон баъди вазифаро харидан, сармояи барои мансаб сарфкардаааашонро ҷамъ мекунанд ва роҳи ҷоннок кардани ин зинаҳои навкарӣ аст, ки инчунин ҳиссаи болоро ҳам мефиристанд.

Бояд гуфт, ки ин нокасон, ки вазифа харида ба ноҳияҳои марзӣ ва ғайримарзӣ ҳам меоянд, пояи ахлоқии заъиф доранд ва таъриху фарҳанги мардуми маҳаллӣ ва умуман таъриху фарҳанги тоҷиконро дуруст намешиносанд. Ин тӯда фарҳанги бадахшӣ, фарҳанги раштӣ, фарҳанги суғдӣ, фарҳанги хатлонӣ ва умуман фарҳанги инсониро дуруст нашинохтаанд. Қисми зиёди намояндагони маҳомот чунинанд ва кадрҳои амири Бухоро ҳам чунин буданд. Дар замони амири Бухоро ҳам мардуми Бадахшон муқобили фарҳанги пасти кадрҳои амир шӯриш карда буданд, зеро кадрҳои “ҷаноби олӣ” фарҳанги фасод, баччабозӣ ва ғайра аз одатҳои пастро дар кӯҳистон ривоҷ доданӣ буданд.

Ва дар ин зинаҳо раванди таъриф, шиорзанӣ ба хотири тамаъ ҳам дар авҷи хеш аст. Баъзеҳо ба хусус дар Дарвозу Ванҷи Бадахшон, таърихан таърифгар ва маддоҳанд, мутаассифона. Ва ин ноҳияҳо байни худ мусобиқа ҳам доранд, ки дар баробари “шоҳ” ситоиши навтарин ва ҳарфи навтаринро кӣ мегуфта бошад.

Дар ноҳияҳо ва ба хусус дар ноҳияҳои марзӣ, сиёсати "рӯ ба раҳми Худо" амал мекунад ва оилаҳо парокандаанд, қисме дар муҳоҷират ва қисме дар ватан. Дар ватан будагонро ба воситаи авангард, имомхатибҳо ва идеологҳои дигари ҲХДТ мехоҳанд бо шиор ва бо афсонаҳо овора кардан ё воқеиятро пӯшонидан. Касонеро ҳам, ки овоз баланд кардани мешаванд, зери фишор қарор медиҳанд ва ҳатто барои як "лайк" мондан мардумро таъқибу шиканҷа ва ба муддати то шаш-ҳафт сол зиндонӣ мекунанд.

Яъне, бо бесалоҳиятии худ, чуноне ки нависанда Коетзи "*Дар интизори ваҳшиҳо*" ба тасвир кашидааст, мардумро аз худ дур сохта, ба бегонаҳо ва ба душман табдил медиҳанд. Аслан, ин сиёсат дар пойтахт дар ҳукумати марказӣ дар кор аст ва ин ҷо ба сиёсати берун кардан (*state of exeption*), душмансозӣ, истеҳсоли бегона (*strangers*), мардикор, фоҳиша, муҳоҷир ва ғарибҳо машғуланд.

**Дар ин раванд, як мантиқ ҳукмрон аст; ҳар киро, ки дар бораи баробарӣ, адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳарф зад, ба гурӯҳи "душманони халқ", "ҷинояткор" ва "хоин" дохил менамоянд.**

**Зиндониён:** ***Ба назари шумо, ин вазъи мавҷудро дар чорчӯби кадом назария ва мантиқи ҷомеашиносӣ мешавад тавсиф кард? Ё мисли аксари корҳои дигараш дар ин замина ҳам ҳукумати Тоҷикистон истисноист?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода:** Дар ин раванд, як мантиқ ҳукмрон аст; ҳар киро, ки дар бораи баробарӣ, адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳарф зад, ба гурӯҳи "душманони халқ", "ҷинояткор" ва "хоин" дохил менамоянд. Ин гуна мардумро дар дохили мамлакат бо тамғаи "душманони халқ" берун аз ҳимояи қонун мекунанд ва инчунин кӯшиш мекунанд, онҳоро ҳамчун "ҷинояткор", "террорист", "ифротӣ" ва "бунёдгаро" душмани инсоният эълон карда аз ҳимояи қонунҳои дохилӣ ва байналхалқӣ берун карда бошанд. Ва дар ин раванд аз "шоир-сиёсатшинос-хокшап-вакилҳо" бисёр хуб истифода мекунанд.

Аслан онҳо ҳодисаҳо, падидаҳо ва рӯйдодҳоро, ки солҳо боз дар Бадахшон ва умуман дар Тоҷикистон мегузарад, дарк накардаанд. Ин гурӯҳ мебоист муаллифи аслӣ ва ё қаҳрамони аслии ин ҳолатҳо ва воқеаҳоро мешинохтанд.

**Зиндониён:** ***Ҳоло аз дидгоҳи шумо муаллиф ё қаҳрамони ин ҳаводиси озордиҳанда кӣ ва ё киҳо ҳастанд?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода:** Бубинед, дар ин ҳодисаҳо мардумро бо бераҳмӣ, бедодӣ ва беимонӣ мекушанд ва ҷавобгарие ҳис намекунанд ва чигунае, ки яке аз намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Хоруғ мегӯяд "*аслан тоҷик ба чунин бераҳмӣ қодир нест*". Солҳо боз ин ҷиноятҳоро кардаанд ва ҷазо нагирифтаанд, балки унвону нишонҳои фахрӣ гирифтаанд.

Маълум аст, ки паси парда касоне меистанд, ки худ барвақт аз одамият бегона шуда ва қонунро таҷовуз кардаанд ва инчунин фарҳанги ба фазои ягонаи сиёсӣ қабул кардани маҳаллу музофотҳои Тоҷикистонро надоранд. Ҳамин аст танокузи истиқлол, ки ташкилкунандагони ин фитна як пой даруни қонун ва як пойи дигар берун аз қонун доранд ва мехоҳанд тарсро дар вуҷуди мардум ниҳодина кардан.

Афроде мисли Ато Мирхоҷа ва вакилони Бадахшон ин чизро дуруст дарк накардаанд ва ин ҳолат дар Тоҷикистон солҳо боз давом дорад. Дарк карда бошанд ҳам, аз тамаъ ва ё тарс наметавонанд ҳарфи ҳақро гуфтан. Ва ин як хусусият ва маънии дигари фитна аст, ки он ҷаззобият ва афсуни ин гуна рӯйдод аст, ки дар он ҳолат гурӯҳе манфиат меҷӯянд ва барои худ дар ин зинаҳои навкарӣ мақоми баландтаре мехоҳанд.

Ин гурӯҳ мардумро ба фасодзада будан гунаҳгор мекунанд ва фасоди шохдорро, ки солҳо боз миллат ва давлатдории тоҷиконро хароб карда, дидан наметавонад. Ин ҷо бо бароммадҳо ва бо навиштаҳои худ ба ин ҳукумати фасодзада "фатво" доданӣ мешаванд, ки "кушташудаҳо ҷинояткор буданд ва куштани онҳо воҷиб буд" ва ҳар киро ҳам, ки садо баланд кард, метавон куштан.



**Зиндониён**: ***Он чи ин чанд тан қаламбадасту вакили ба қавли шумо "хокшап" анҷом медиҳанд фақат хоси кишвари мо ва ҳосили ҳамин се даҳаи ҳукумати гурӯҳи ҳоким аст ё назирашро дар дигар ҷойҳо ҳам метавон пайдо кард?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода**: Ин як технологияи шинохташуда аст, ки аз қадим боз вуҷуд дошт ва дар охири асри бист ба таври назариявӣ асоснок карда шуда, (бубинед корҳои Агамбен, Антонио Негри ва дигаронро), ки ҳукуматдорон чӣ тавр мардумро берун аз ҳимояти қонун қарор медоданд ва куштани онҳо "воҷиб" буд, вале қурбонӣ карданашон номумкин дониста мешуд. Ва "қурбонӣ карданашон номумкин" ин маъниро дошт, ки касони кушташударо бо ягон ҳақиқате ва ё идеологияе ва ё арзише сафед кардан, бегуноҳ ҳисобидан ва ё шаҳид гуфтан мумкин набуд. Намунааш дар кишвари худамон дар ҳаводиси ахир мушоҳида мешавад, ки мардум шаҳид Гулбиддинро "шаҳид" мегӯяд ва мақомот, қисме аз вакилон ва хокшапҳои ҳукуматӣ ӯро "ҷинояткор" меҳисобанд.

Воқеан, агар ҳокимияти қонун (*the rule of law*) кор мекард, чаро ин ҷавонмардро дар хонааш террор карданд ва ба таври ваҳшиёна куштанд? Ато Мирхоҷа, ки дар бораи таърихи мардуми Бадахшон китоб навиштанист, ин ҳодисаҳо ва ин гуна захмҳову дардҳоро чӣ гуна намедида ва ҳис намекарда бошад? Ҷиноятҳо ва бедодгарии намояндаҳои амири Афғонистонро дар Қалъаи Барпанҷа дар охири асри XIX чӣ гуна метавонад тасвир кардан, вақте имрӯз дар Қалъаи Хоруғ мардуми бегуноҳро ваҳшиёна мекушанд, намебинад ва ҳис намекунад.

Магар шаҳид Сабзалӣ ҷинояткор буд, ки дар Қалъаи Хоруғ бераҳмона бо азоб кушта шуд ва ҷасадашро кашида ба зуболадон партофтанд. Ва ин охири асри нуздаҳ нест, ки Ато Мирхоҷа аз бедодгарии афғонҳо дар сарчашмаҳо маълумоте пайдо карда бошанд, балки ин ҳодисаҳо, куштани Сабзалӣ ва Гулбиддин ва дигарҳо, дар видео сабтанд ва дар интернет маҳфуз.

**Зиндониён:** ***Ба назаратон ин афрод ҳодисаҳоро намебинанд, кушта шудани инсонҳоро нодида мегиранд ё умқи ин фоҷеаро дарк намекунанд? Шояд иллате дорад ин худро ба нодида заданҳояшон?***

**Меҳмоншоҳ Шарифзода**: Бешак, мебинанд, мешунаванд, вале дигар чиз мегӯянд, зеро дар ин раванди фитна ё "балои сахт" на ҳар кас шарофату ҷавҳари инсонии худро метавонад ҳифз кардан. Ҳамин мақомоту вакилони Ванҷ намебинанд, ки чи қадар мардум аз Пойи Мазор сар карда то сарҳади Дарвоз аз барвақт боз дар дигар фазо зиндагӣ доранд? Куҷо пойтахти маъмурии вилоят, ки мардум дар пойтахти ҷумҳурӣ оромӣ ва қарор надоранд. Балки пойтахти ҷумҳурӣ ҳам як истгоҳи навбатист барои сафар ба Русия ва ё ягон мамлакати дигар. Қисми зиёди ҷавонону мардони қобили кор дар Русия ҳастанд ва қисме аз оилаҳо дар ватан. Ҳоло бисёриҳо кӯшиш доранд падару модари солхӯрдаи худро ҳам аз ин "ватани биҳиштосо" берун бурда бошанд. Ин воқеъияти маҷозӣ (*virtual reality*), ки дар бораш ҳарф мезананд, дар Ванҷ пеш аз ин инқилоби диҷитолӣ ба вуҷуд омада буд.



Ба шарофати ин "ҳукумат" солҳо боз мардум дар Бадахшон хонахез қишлоқҳои худро тарк кардаанд. Ин кадом пешравист, ки мардум дигар дар ватани худ бехатарии вуҷудӣ ва иҷтимоӣ надоранд. Аслан ин ҳарфҳоро ин калуш-депутатҳо, ки танҳо дар фикри манфиати шахсии худанд, дарк ҳам намекунанд. Ҳар киро, ки ба роҳбарии ин ноҳия таъйин кардаанд, ба гуфти кампирҳои Ванҷ, "коре накардаанд ва танҳо барои худ Қалъаи Хайбар, сохтаанд". Мафҳуми "Қалъаи Хайбар" агар аз як тараф ба лаганбардорӣ ва дурӯягии роҳбарони ноҳия ишорат кунад аз тарафи дигар ба ин ишорат мекунад, ки вақти аз байн бурдани фасод, дуздӣ ва дурӯғгӯи расидааст.

Инҷо вакилон ва мардуме, ки мардуми Хоруғро ҷинояткор меноманд, чаро аз вазъияти бади мактабҳо, ҳоли бади муаллимон ва харобии маориф ва ниҳодҳои дигар дар ин ноҳияҳо ҳарфе намезананд? Бубинед, роҳеро, ки мардум охири солҳои сиюм, бо белу каланд дар муддати як сол аз Душанбе то Хоруғ кушод, имрӯз бо вуҷуди будани техникаи пурқудрат, як қисмати кӯтоҳи ин роҳ аз Дарвоз то Ванҷу Рушонро дар ду сол сохтанианд ва он ҳам агар Чин пул ҷудо карда бошад. Умуман ҳама таркибҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-сиёсии ин ноҳияҳо харобанд ва дигар вуҷуд надоранд.



## Боздошти рӯзноманигор ва афсари собиқи КДАМ, Муҳаммад Султон

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон (ВКД) дар таърихи 16-уми майи соли 2022 рӯзноманигор ва афсари пешини Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ), полковник Мамадсултон Мавлоназаров маъруф ба Муҳаммади Султони 72-соларо аз хонааш дар Душанбе бурдаанд.




Мавлонназаров Маҳмадсултон маъруф ба Муҳаммади Султон, дар 29 декабри соли 1950 дар деҳаи Шоши ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар оилаи зиёӣ таваллут шудааст.

Вай аз соли 1957 то 1967 дар мактаби миёнаи рақами 67-и ба номи Ф. Энгелс (ҳоло мактаби миёнаи рақами 22-и ба номи Охон Мавлоназар) таҳсил карда.

Дар соли 1968 ба шӯъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии ба номи В. И. Ленин (инак Донишгоҳи миллӣ) дохил ва дар соли 1973 онро хатм кардааст.

Муҳаммади Султон аз соли 1972 то соли 1975 дар рӯзномаи русизабони “Комсомолец Таджикистана” ба унвони мухбир ва ходими адабӣ машғул ба фаъолият шудааст.

Аз соли 1975 то 1977 ба ҳайси мудири шӯъбаи ташвиқу тарғиб, баъдан котиби масъули рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” кор карда.

Муҳаммади Султон аз соли 1977 то 1978 ба унвони муҳаррири калони Саридораи гуфторҳои адабӣ-драмавии Кумитаи давлатии РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ фаъолият намудааст.

Аз соли 1979 ба Кумитаи бехатарии давлатии РСС Тоҷикистон (ҳаминак Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ) номида мешавад) кор карда ва тӯли қариб чоряк аср дар Дастгоҳи

маркази ин сохтор дар вазифаҳои мухталифи масъул фаъолият карда ва аз лейтенанти оддӣ то ба дараҷаи полковники хадамоти амният расидааст.

Мавлонназаров Маҳмадсултон хатмкардаи мактабии олии КГБ-и СССР (Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ) дар шаҳри Киев дар соли 1986 ва ҳамчунин фориғуттаҳсили Маркази Аврупоӣ оид ба масоили амниятӣ ба номи Ҷорҷ Маршалли шаҳри Мюнхени Олмон дар соли 1999 мебошад.



Муҳаммади Султон чанд сол ба ҳайси муовини аввали раиси Маркази иттилоотии "Ховар"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низ шореҳи сиёсии рӯзномаи ҳукуматии "Народная газета" кор кардааст.

Ӯ ба хотири муваффақият дар фаъолиятҳояш, бо ордену медалҳо, ифтихорномаҳо ва раҳматномаҳои Кумитаи бехатарии СССР, Вазорати амнияти РСС Тоҷикистон, Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Муҳаммади Султон Аълочии матбуоти Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мавлонназаров аз соли 1976 узви Иттифоқи журналистони СССР, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 1994 узви Конфедератсияи байналмилалии журналистони ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, СНГ) мебошад.

Муҳаммади Султон солҳои охир дар саҳифааш дар Фейсбук назари худро дар робита ба кори мақомот, аз ҷумла ниҳодҳои қудратии Тоҷикистон менавишт ва раҳбарони онҳоро сахт танқид мекард. Муҳаммади Султон зидди амалиёти нерӯҳои интизомӣ дар Бадахшон буд.

Ӯ бознишаста аст. Дар Фейсбук дар мавзӯъҳои гуногун фикру назарашро менавишт ва баъзан аз Саймӯмин Ятимов, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, низ танқид мекард.

Дар яке аз навиштаҳои охираш, пас аз кофтукови манзили зисташ дар Фейсбук нигошта буд: "*Тамоми қонунҳои ҳуқуқи инсонро зери по карда, хадамоти академик С.Ятимов таъқиботи рӯйиросту ғайрсудиро, ки яқин солҳои пурдаҳшати 37-ум ва Берияро хотиррасон менамоянд, "қаҳрамонона" идома медиҳад.*"

**Боздошти Муҳаммади Султон**

Бино ба *гузорише*[33] дар таърихи 16 июни соли ҷорӣ (2022) таҳти унвони "*Муҳаммади Султон (Мамадсултон Мавлоназаров) куҷо шуд?*" Муҳаммади Султони 72-соларо бурданд. Пайвандонаш гуфтанд, 16-уми июн маъмурони интизомӣ аз хонааш дар Душанбе "бурдаанд", аммо маълум нест чаро ва ба куҷо. Дар идораи милиса ва додситонии пойтахт дар ин бора ҳарфе нагуфтанд.

---

[33] https://www.ozodi.org/a/31901377.html

Муҳаммади Султон дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста рафтори мақомотро танқид мекард. Аз ҷумла, дар мавриди ҳодисаҳои Бадахшон низ.

Муҳаммади Султон чанде пеш аз боздошташ дар саҳифаи худ дар Фейсбук навишта буд, ки маъмурони интизомӣ моҳи апрели имсол кӯшиш кардаанд, ӯро аз хонааш дар маҳаллаи 101-уми Душанбе маҷбурӣ ба бозпурсӣ баранд.

Наздиконаш рӯзи 16-уми июн ба Радиои Озодӣ гуфтанд, "*9 намояндаи мақомот, ки баъзе ба тан либоси милиса доштанд, субҳи панҷшанбе ӯро аз ҷойи хобаш бардошта бурданд.*"



Ба гуфтаи онҳо, "*ҳатто имкон надоданд, ки пойафзолашро бипӯшад… Пойи бараҳна ба самти номаълум бурданд ва то кунун даракаш нест.*"

Дар Шӯъбаи корҳои дохилӣ, Додситонӣ ва Идораи амнияти ноҳияи Синои Душанбе ба пайвандонаш гуфтаанд, ки дар бораи дар куҷо будани Муҳаммади Султон чизе намедонанд. Мақомоти умури дохилӣ ва додситонӣ ба зангҳои онҳо посух надоданд.

Яке аз хешовандони Муҳаммади Султон дар таърихи 28-уми июни 2022 *гуфт*[34]: "*Мақомот ба вохӯрии наздикон ва бахусус ҳамсараш иҷоза намедиҳанд.*"

Ба *қавли*[35] хешовандонаш, Мамадсултон Мавлоназаров ба "тундгароӣ" айбдор Донистa шудааст.

Дар таърихи 17 июни соли 2022, "Бунёди Бузургмеҳр" дар *номае*[36] ба Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (ОБСЕ), хост, ба фишору боздошти рӯзноманигорон дар Тоҷикистон аз ҷумла Муҳаммад Султон расидагӣ кунад.

Ин созмони мустақар дар Аврупо гуфт, дар як моҳи охир дар Тоҷикистон дастикам чаҳор журналисту блогер дастгир ё ба самти номаълум бурда шуда, чанд хабарнигори дигар латукӯб ва таҷҳизоташон рабуда шудааст.

## "Ӯро ҳам аз пайи дигар шаҳидони Бадахшон надиданду нагуфтанд"

Пас аз боздошти Муҳаммади Султон, рӯзноманигор Рустами Ҷонӣ дар ёддоште кӯтоҳ тахти унвони "*Бо калтак садои виҷдонро намешавад "кушт"…*"[37], бо ишора ба боздошти Муҳаммад Султон аз сӯи режими Раҳмон ва низ бо ишора ба сукути бемаънои рӯзноманигорони тоҷик нисбат ба ин қазия, таъкид кард: "*Ӯро ҳам аз пайи дигар шаҳидони Бадахшон надиданду нагуфтанд ва ба*

[34] https://www.ozodi.org/a/31922611.html
[35] https://www.ozodi.org/a/31906138.html
[36] https://www.ozodi.org/a/31903319.html
[37] https://www.facebook.com/rustamjonjoniev/posts/pfbid02FQtqWRVgABc4KpA8rWiMV3B3wQ7DQ1Sihb7p2ovs3i3doFsuzgys199UR3k8gBv4l

*фикрам, ӯ ба гуфтани инҳо ниёз надорад.*” Вай навишт:

“*Муҳаммад Султонро ба хотири забони гӯёаш ҳабс карданд. Ӯ ҳам аз паси Улфатхонум Мамадшоева, Хушом Ғулом ва даҳҳо помирии дигар ҷурмашон ин шуд, ки ситами низомро болои мардум тоқат накарданду фарёд заданд. Фарёди онҳо, нидои номус, исёни ғурур буд аз ин муҳите, ки рӯз ба рӯз дар гӯҳдони лигомдорони давлат меғутад. Ва… Муҳаммад Султон… Ӯро ҳам аз пайи дигар шаҳидони Бадахшон надиданду нагуфтанд. Ба фикрам ӯ ба гуфтани инҳо ниёз надорад, чунки худаш барои таърих аз худ гуфт: Марде аз ҷасорат, марде аз ғурур ва марде аз табори Помэрӣ: ХО-О-ОБО!!!*”




Муҳаммади Султонро дар боздоштгоҳи Душанбе “ёфтанд”

Бар асоси *гузорише*[38] дар таърихи 20 июни соли ҷорӣ (2022), Муҳаммади Султонро баъди се рӯзи бурда шуданаш, дар боздоштгоҳи Раёсати корҳои дохилии Душанбе пайдо карданд.

Яке аз пайвандони Мамадсултон Мавлоназаров рӯзи 20-уми июн ба Радиои Озодӣ гуфт, пас аз талошҳои зиёд маълум кардаанд, ки ӯ дар боздоштгоҳи муваққатии Вазорати корҳои дохилӣ нигаҳ дошта мешавад. Вай гуфт, ду маротиба ба ӯ ғизову либос бурданд, вале иҷозаи мулоқот нагирифтанд ва маълум нест, ки ӯ вакили дифоъ дорад, ё не.

## Муҳаммади Султонро ба Боздоштгоҳи КДАМ бурданд

Бино ба *хабаре*[39] дар таърихи 8 июли соли ҷорӣ (2022), 4-уми июл Муҳаммади Султонро аз Боздоштгоҳи муваққатии умури дохилӣ ба Боздоштгоҳи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бурданд.

Яке аз наздикони Муҳаммади Султон 8-уми июл ба Радиои Озодӣ гуфт: “*Аз рӯзе, ки ба Боздоштгоҳи КДАМ бурда шуд, хӯрок ва либос ҳам бурда наметавонем. Иҷозаи мулоқот намедиҳанд. Намедонем, чӣ ҳол дорад.*”

***Таҳияи сайти Зиндониён***

[38] https://www.ozodi.org/a/31906138.html

[39] https://www.ozodi.org/a/31934588.html



# Ман помириям!

*Зафари Сӯфӣ, шоир ва рӯзноманигор, муассиси хабаргузории “Озодагон”*

Вақте ҳукумат Қонуни асосиро таҷовуз ва ҳамаи арзишҳову муқаддасотро зери по мекунад;

Вақте ҳар мансабдори пастфитрату ҳар ҷоплуси бешараф барои тавҷеҳи ҷиноятҳои мақомот, мардуми як минтақаро бидуни ҳукми додгоҳ ҷинояткору хоину ифротиву терурист мехонад ва ин ҷиноятро расонаҳои ҳукуматӣ ба такрор нашру пахш мекунанд;

Вақте ҳукумат барои шикастани руҳияи озодихоҳӣ ва ворастагии помириҳо тайи бисту анд сол чандин бор амалиёти низомӣ баргузор мекунад ва чандин инсонро мекушад;

Вақте ҳукумат ҳангоми амалиёти охираш фақат дар Вамар даҳҳо нафар шаҳрванди бегуноҳ ва адолатхоҳро бо бераҳмии тамом қатл мекунад;

Вақте ҳукумат беш аз 500 нафар тоҷики помириро фақат ба хотири додхоҳӣ ва талаби ҳаққашон боздошту шиканҷаву зиндонӣ мекунад;

Ҳар инсони озода, ки барояш шарофату каромати инсонӣ арзишманд аст, ошкору пинҳон эътироз хоҳад кард ва худро помирӣ хоҳад донист.

Имрӯз помирӣ будан танҳо тааллуқ доштан ба як минтақа ва мардуми гӯшае аз Тоҷикистон нест.

**Имрӯз помирӣ будан танҳо тааллуқ доштан ба як минтақа ва мардуми гӯшае аз Тоҷикистон нест.**

Имрӯз помирӣ будан баробар бо тоҷик будан аст. Бо тоҷике, ки дар муқобили зулми ҳукумати ғайримиллӣ ва манғитӣ истодааст.

Помирӣ будан ба фасоду тамомиятхоҳӣ ва инҳисоргароии як хонавода, як гурӯҳ ва намояндаҳои як маҳал, ки умури кишвар ва

ҳамаи манобеъ ва имконоту имтиёзоти моливу иқтисодиро ғосибона ва таҷовузкорона дар қабзаи худ гирифтаанд, бо садои расо “НЕ” гуфтан аст.

Имрӯз помирӣ будан адолатхоҳ будан, дар баробари саркӯб, фитна, зӯргӯӣ ва худкома мардонавор қад алам кардан аст.

Помирӣ будан озода будан, ҳатто дар баҳои ҷони худ аз арзишҳои миллӣ, аз ҳамтаборони худ ва инсофу имону ҷавонмардиву пуштибонӣ кардан аст.

Имрӯз помирӣ будан арзишҳои инсонӣ, мисли азхудгузаштагӣ, дӯстӣ, бародарӣ, ҷоннисорӣ, якрӯӣ, садоқат, ҷасорат, самимият, мардумдорӣ, ватанхоҳӣ, каромат, шарофат ва вижагиҳое аз ин дастро таҷассум мекунад.



Шаҳид полковник Мамадбоқир Мамадбоқиров

Пиндору гуфтору кирдоре, ки боиси тафовути як инсони озода дар баробари золим ва ғулом мегардад, нишонаи помирӣ будан аст.

Имрӯз агар Гулбиддинро ноҷавонмардона ва дар пеши чашми шоҳидон шиканҷа карданду паронидanду куштанд, ин ба он маъно нест, ки ғайрати помириро аз байн бурданд. Ҳатман даҳҳо тан Гулбиддин ба майдон хоҳад омад ва номуси хоҳарони худро дар баробари қасди нопок ва чашмони ҳарису танги мансабдорони дарандахӯ, ҳатто ба қиммати ҷонаш, дифоъ хоҳад кард.

Имрӯз агар Ёдгор, он инсони шариф, хоксор, беозор, ватанхоҳ, миллатдӯст, бошараф, якрӯй ва содиқро дар камоли ноҷавонмардӣ ҳамроҳи чанд тан аз ҳамтабору ҳамдиёраш куштаву саҳнасозӣ карданд ва силоҳ рӯйи ҷасад ё канори ҷасадҳо гузошта онҳоро бадном кардан хостанд, ниҳояти кор нест. Ҳатман даҳҳову садҳо Ёдгор ба майдон хоҳад омад, то ҳатто ба қиммати ҷони худ аз ҳамтаборонашон дар муқобили ҳуҷуми чингизонаи одамкушҳои ҳукумати хонаводагӣ саф кашанд ва бо дасти холӣ дар баробари афроди силоҳдор биистанд ва нидо сар диҳанд, ки дигар куштани помирӣ бас аст!

Номи онҳо, то як рӯшониву помирӣ ҳаст, ба некӣ ёд хоҳад шуд, ҳамон гуна, ки хиёнати бархе мансабдорони рӯсиёҳи ҳамдиёрашон фаромӯш намешавад, ҷавонмардии Ёдгору ёронаш фаромӯш нахоҳад шуд.

Имрӯз агар Муҳаммадбоқирро куштанд ин дигар пирӯзии низоҳӣ барои ҳукумати худкома нест. Боқир ҷавонмард буд. Ҳеҷ гоҳ таслим нашуд. Таслим ба номардҳоро таҳқири ҳамаи арзишҳои инсонӣ медонист. Дар камоли ҷавонмардӣ ба истиқболи марг рафт. Барои дифоъ аз манфиати ҳамдиёронаш кушта шуд. Ба пои худ, бидуни ҳеҷ силоҳ рӯ ба рӯи одамкушҳое, ки саропо мусаллаҳанд ва аз хоҷаи бераҳмашон фармони куштанатро гирифтаанд, қадам задан воқеан ҷасорату ҷавонмардӣ мехоҳад. Вижагии як инсони вораставу озодае, ки тамоми генералҳову хоҷаашонро як ҷо ҷамъ орӣ як дар сади ин ворастагӣ, озодагӣ ва ҷавонмардиро надоранд.

Тарсуҳоянд, ки вақте сари қудратанд, ба сӯи мардуму фарзандони сарбаланди кишвар фармони тир парондан медиҳанд.

Имрӯз Муҳаммади Султон, ин мӯйсафеди ҳақталаб ва ҷасур, ин марди ватандӯст ва сарбаландро дар камоли бешарафӣ ва золимӣ боздошт ва зиндонӣ кардан, ба маънои ниҳояти эътироз дар баробари бедод ва талоши ошкор кардани хиёнату ҷиноятҳои мансабдорони ношоистае мисли Саймумин Ятимов нест. Ҳатман даҳҳо тан Муҳаммад Султон ба майдон хоҳанд омад.

Имрӯз агар блогнавис ва пажӯҳишгари хоксору пухтакору беозор Хушом Ғуломро бе ҳеч ҷурму гуноҳ боздошт ва зиндонӣ мекунанд, ба ин маъно нест, ки дигар ҳеч помирӣ блогнависӣ нахоҳад карду ҳавои омӯзишу пажӯҳиши забонҳои помириро дар сар нахоҳад дошт.




Ҳатман даҳҳо тан пайдо мешаванд ва ҳам блог менависанд ва ҳам забонҳои помириро пажӯҳиш хоҳанд кард.

Имрӯз агар Улфатхонум Мамадшоева, ин рӯзноманигор ва бонуи сарбаландро бо иттиҳоми бепоя ва сохтакорӣ боздошт карданд ин охири хат нест. Ҳатман даҳҳову садҳо Улфатхонум дар дифоъ аз манфиати мардумаш мисли як модари ғамхору меҳрубон талош хоҳад кард.

Имрӯз агар бо туҳмат Холбаш Холбашевро боздошт карданд ин охирин фарзанди ватанхоҳ нест, балки даҳҳову садҳо Холбаши дигар ба майдон хоҳанд омад.

Агар имрӯз халифаи вораста ва мардумдор Музаффар Давлатмировро ба хотири фармонбардори мансабдорон ва кормандони мақомоти амниятӣ нашудан ва аз манфиати мардум ва арзишҳои диниву ахлоқӣ ҷавонмардона пуштибонӣ кардан бо туҳмат боздошт ва зиндонӣ карданд, ин ба он маъно нест, ки Бадахшон дигар халифаи вораста нахоҳад дошт ва ҳама руҳониёни помирӣ фармонбардору чоплус хоҳанд шуд.

Билахира бояд бипазиранд, ки помириро тарсондан имкон надорад. Аслан инсонҳои озодаро намешавад тарс дод ва бо тарсондан аз роҳи интихобкардаашон бозгардонд.

Агар чандин тан узви фаъол ва сарбаланди “Комиссияи 44”-ро боздошту шиканҷа ва зиндонӣ карданд, охири роҳ нест. Ҳатман боз ҷавонмардоне аз хонадони ҳар помирӣ барои дифоъ аз ҳуқуқи ҳамтаборонашон ва расондани дархосту талаби мардумашон ба ҳукумат ин гуна гурӯҳҳо таъсис хоҳанд дод ва ба майдон хоҳанд омад.

Имрӯз агар Оразро боздошт мекунанд, ин ниҳояти кор нест. Шояд мисли Ораз натавонанд фаъолият дошта бошанд. Аммо мутмаинам даҳҳо Оrази дигар ба майдон хоҳад омад ва ба қотилон “НЕ!” хоҳад гуфт. Ҳатман садҳову ҳазорҳо тан дар муқобили

амали зиддимиллӣ ва ноодилонаи ҳукумати худкома садои эътироз баланд хоҳад кард.

Агар Рамзиро боздошт карданд, даҳҳо Рамзии дигар дар майдони озодагӣ ва муқобили зӯргӯии намояндаҳои як маҳал ва як хонавода, дар пӯшиши ҳукумат, ҳатман қад алам ва эътироз хоҳад кард.

Имрӯз агар ҳукумати худкома ва хидматгорони ноҷавонмардаш аз ҷасорат, садои расо ва ҷавонмардиву ватандӯстии паҳлавонон Чоршанбе Чоршанбеев, Амриддин Аловатшоев ва чандин тани дигар тарсидаву онҳоро аз кишварҳои дигар дуздида ба Тоҷикистон биоранду дар додгоҳи бехабар аз адолат маҳкум ба солҳои тӯлонии зиндон кунанд, ин поёни адолатхоҳӣ ва ҷавонмардӣ нест. Садҳову ҳазорҳо ҷавонмарди дигар ба майдон хоҳанд омад!



Паҳлавон

Чоршанбе Чоршанбиев

Имрӯз агар даҳҳову садҳо тан помириро фақат бо ҷурми помирӣ будан ва аз помирӣ дар баробари беадолатӣ пуштибонӣ карданашон ба солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон мекунанд, ин поёни садоқату мардумдорӣ ва меҳру бародариву ҳамтаборӣ нест. Ҳазорон тани дигар ҳатман ба майдон меоянд. Зеро ҳамдилӣ, бародарӣ, садоқат, меҳр, самимият, ҳамёрӣ ва пуштибонӣ аз ҳамдигар ҳамешаи таърих мояи бақои помириву ҳамаи тоҷикон будааст. Ин вижагиҳост, ки моро дар бадтарин ва фоҷеабортарин вазъият аз нобудӣ эмин доштааст.

Агар имрӯз хабарнигори ҷасур ва якрӯй, хоҳари арҷманди ман, Анора Саркороваро фақат ба хотири анҷоми вазифа ва рисолати рӯзноманигорӣ таҳти фишор қарор медиҳанд, пайвандону азизонашро дар Тоҷикистон ба идороти амниятиву интизомӣ мебаранду азият мекунанд, ин поёни кор нест. Мутмаинам ва бо камоли масъулият мегӯям, ки на фақат Анораи азиз аз роҳи худ нахоҳад баргашт ва аз гуфтани ҳарфи ҳақ даст намебардорад, балки даҳҳову садҳо Анорабону ба майдон хоҳанд омад, то садои мардуми мазлум ва зулму ҷиноятҳои ҳукумати худкомаро ба гӯши ҷаҳониён ва фардоиёни ин миллат расонанд. То собит кунанд, ки фишору тазйиқу шиканҷаву қатлу куштор роҳи наҷот нест, балки бунбаст аст, бунбасти низоми давлатдорӣ ва ба ҷуз фоҷеа чизе ба бор нахоҳад овард.

Бояд таъкид кард, ки талошу мубориза барои адолат дар ин марзу бум нав нест. Ҳамчунин ҳукумати худкома ва хонаводагии имрӯз давоми он ҳукуматҳои золими асрҳои пешин аст.

Падару падарбузургҳои биологиву идеологии онҳо Чингизу тумурҳо, ки дар сангиндилӣ, саркӯбгарӣ, қотилӣ, тоҷикбадбинӣ, золимӣ ва ҷоҳилӣ аз инҳо камтар набуданд, натавонистанд ин миллатро ба зону шинонанд, мутеъ созанд, нобуд кунанд. Инҳо ҳам, бояд мутмаин бошанд, ин корро наметавонанд,

фарзанду набераҳояшон ҳам нахоҳанд тавонист!

Зеро имрӯз помирӣ будан ҳаммаъни тоҷики адолатхоҳ ва ҷавонмард будан аст.

Ҳар тоҷики озода имрӯз помирист!

Ҳар тоҷики ҳақталабу ватандӯсту адолатхоҳ имрӯз помирист!

Ман помириям!

Ту помирӣ, эй ҳамтабори ман, ки аз беадолатӣ ранҷ мебарӣ ва дар ниҳодат фарёди ҳақталабист. Мо миллионҳо тан помирием! Ҳамаро наметавонанд нобуд кард!

Агар сардамдорон мехоҳанд дар арикаи қудрат бақо дошта бошанд, фақат ва фақат як роҳ доранд; ислоҳ шудан, узр хостан, даст аз одамкушӣ бардоштан, адолатро риоя кардан!

Дигар ҳама роҳу усул ҳатман ба сӯи заволашон мебарад.

**Ту помирӣ, эй ҳамтабори ман, ки аз беадолатӣ ранҷ мебарӣ ва дар ниҳодат фарёди ҳақталабист.**





# Замин аз даст рафт ё ҳақ ба “ҳақдор” расид?

*Умар Амониён, фаъоли сиёсӣ ва узви КШНГЗС*

Ҳудуди 11 сол қабл тайи маросиме қисмате аз хоки Тоҷикистон ба Чин дода шуд. Ин яке аз баҳсбарангезтарин масъалаи Тоҷикистон буд. Маҳз ин масъала ибороти “пирӯзии дипломатия” ва “шикасти дипломатия” дар сисёсати Тоҷикистонро ба вуҷуд овард. Ҳол он ки ин созишномаро мақомоти Тоҷикистону Чин дар 27 апрели соли 2010 имзо карда буданд ва парлумони кишвар 12 январи соли 2011 онро таъйид намуд.

Масъалаи мазкур замоне баҳсбарангез шуд, ки расонаҳои чинӣ аз он иттилоъ доданд. Баҳсҳо ба ҳадде шиддат гирифтанд, ки ҳатто гуфта мешуд, ин замин фурӯхта шудааст. Аммо ҷониби ҳукумат бо такзиби ин гумонзаниҳо мегуфт, ин масъала бар асоси заминҳои баҳсии Чину Русияи подшоҳӣ то замони мо вуҷуд доштааст.

**Давлат Назрӣ**, сардори вақти иттилооти Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон ва сафири феълии кишвар дар Украина гуфта буд, собиқаи ин масъала ба асрҳои 18-19 бармегардад, ки миёни империяҳои Русия, Британиё ва Чин матраҳ буд. Ин дипломати тоҷик тайи як мизи гирд, ки муҳтавои онро сойти “*Миллат*” мунташир кард, гуфта буд, “*миёни Русияву Чин аввалин санад дар робита ба сарҳади Осиёи Марказӣ дар соли 1727 ба имзо расид, ки бо номи Шартномаи Кяхтин маълум буда, хатти сарҳадро то ағбаи Шабиндабоғ муайян мекард. Сипас, дар соли 1860 Русияву Чин бо имзои Шартномаи Пекин идомаи сарҳад аз ағбаи Шабиндабоғ то қисмати ҷанубии Иссиққӯл, Алатов ва кӯҳҳои Қӯқандро мушаххас намуданд*”.

Ба гуфтаи ин дипломати тоҷик, бо гузашти чор сол, яъне дар 25 сентябри соли 1864 дар мавзеи Чугучак санаде ба имзо расид, ки дар таърих бо номи Протоколи Чугучак маъруф буда, бар асоси он, марзи Русияву Чин то каторкӯҳи Тяншан ва қисмати ҷанубии каторкӯҳи Сунлин муайян карда шуд. Бо имзову тасвиби

чанд санад, ки аз соли 1727 то соли 1884 идома доштааст, ба назар мерасад, ҳалли масъала ба сурати марҳалаӣ шакл гирифтааст.

22 майи соли 1884 протоколи ҷадиде миёни тарафҳо ба имзо расид, ки ба номи Протоколи Марғилон маъруф аст. "*Тибқи он, сарҳади Русияву Чин дар Помир аз ағбаи Бедел то Узбел муайян гардид, аммо ҷонибҳо идомаи марзро мушаххас накарда, танҳо дар матни протоколи ёдшуда ин нуктаро таъкид намуданд, ки "...хатти сарҳад аз ағбаи Узбел ба тарафи Ҷанубу Ғарб меравад...", ки он дар байни олимону мутахассисон бо номи "меридиани узбелӣ" машҳур аст. Дар натиҷаи ин санад дар Помир минтақаи сарҳадии мавриди баҳс ба вуҷуд омад, ки тақрибан 28 ҳазор километри мурабба'ро дар бар мегирифт*", - гуфтааст Давлат Назрӣ.




Ба иттилои манобеъ, пас аз ташкил шудани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамчунин Ҷумҳурии Халқии Чин, дар солҳои 50-уми асри гузашта ин бахс дубора зинда шуд. Дар идомаи ин мабоҳис Иттиҳоди Шӯравӣ харитаҳои топографиеро муаррифӣ кард, ки марзҳои Иттиҳоди Шӯравиро мушаххас мекарданд, аммо Чин онҳоро эътирорф накард. Бинобар ин соли 1964 музокироти ин ду кишвар сари ин масъала шурӯъ шуд. Аммо ин музокирот ба наҷита нарасид. Дар соли 1969 миёни ИҶШС ва Чин бархӯрди марзӣ сурат гирифт, ки куштаҳои зиёдеро аз ду тараф бар ҷой гузошт. Пас аз ин воқеа музокирот боз оғоз шуд.

Дар ҳамин ҳол **Шералӣ Ҷонов**, сардори раёсати шартномавӣ-ҳуқуқии ВУХ-и Тоҷикистон дар соли 2011 тайи ин мизи мудаввар гуфта буд, "*Маскаву Пекин дар музокироти худ дар мавриди хатти сарҳади давлатии қисмати ғарбӣ ба мувофиқа расиданд, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои баҳснок усули эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро асос қарор медиҳанд. Ҷонибҳо тайи ду даври гуфтушунид дар робита ба масъалаҳои баҳсноки қисмати ғарбӣ дар мавриди 13 минтақаи сарҳадӣ ба мувофиқа расиданд, вале дар мавриди 8 минтақаи дигар ва аз ҷумла минтақаи Помир баҳс боқӣ монд.*"

Ба назари ин мақомдори тоҷик, дар поёни панҷумин даври музокироти Иттиҳоди Шӯравӣ бо Чин беш аз 90% қаламрави мавриди баҳс роҳи ҳалли худро пайдо кард, аммо баҳси марбут ба минтақаи Помир ва бархе аз қисматҳои хоки Қазоқистону Қирғизистони имрӯзӣ ба натиҷа нарасид. Бо сабаби ихтилофи назар дар масъалаҳои баҳсноки Хабаровск ва Помир музокироти тарафайн ба сардӣ гароид ва ҳудуди даҳ моҳ мутаваққиф шуд. Сипас, дар

моҳи июни соли 1990 ҷониби Чин барои имзои созишномаҳои марбут ба масъалаҳои ҳалшуда ризоият дода, хостори идомаи музокирот дар мавриди масъалаҳои баҳсӣ шуд.

Дар ниҳоят, дар соли 1991 Вазорати умури хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин хулоса расид, ки намояндагоне аз кишварҳои шӯравии ҳаммарз бо Чин ба ин музокирот ҳамроҳ шаванд. Ҳамин тариқ моҳи майи соли 1991 миёни ИҶШС ва Чин созишномаи марзӣ ба имзо расид, ки мутаассифона, қисмати минтақаи баҳсноки Помир, Тоҷикистони имрӯзаро шомил намешуд.



Ба гуфтаи **Амак Сатторов**, мушовири вазири умури хориҷии Тоҷикистон дар соли 2011 ва узви Комиссияи муштараки миёни Чину Русия барои ҳаллу фаслу масъалаҳои марзӣ, манотиқи марзии баҳсӣ миёни Чину Иттиҳоди Шӯравӣ ба 17-то мерасиданд, ки се маврид аз он дар ба марзи Тоҷикистону Чин рост меомад. “*Масоҳати умумии се минтақаи баҳсноки Тоҷикистон (Маркансӯ, Қаразоғ ва Помири калон) 28412 километри мураббаъ ё худ ё 19,9% қаламрави кишварро ташкил медод*”, - гуфта буд ӯ.

Баҳси масоили марзӣ бо Чин ба ҳамин нуқта расида буд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ фурӯ пошид. Ҳамин тариқ ин масъала бидуни ҳал боқӣ монд. Вале Чин аз ин даъво нагузашта буд. Соли 1999 Чин боз ба ин масъала баргашт. Зеро пас барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳое аз аъзои собиқи он ки бо Чин баҳси марзӣ доштанд, ба тавофуқ расиданд, ки ин масъаларо дар якҷоягӣ ҳал мекунанд. Аммо ин “иттиҳод”-и онҳо дар ин росто ба дарозо накашид, пас ягона роҳи ҳалли масъала ин музокироти дуҷониба миёни Чин, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон буд.

Пас аз он ки дар Тоҷикистон сулҳ шуд, соли 1999 Чин ба ин масъала баргашт. Ба гуфтаи **Ҳамроҳхон Зарифӣ**, вазири умури хориҷии пешини кишвар, аввалин созишнома миёни Тоҷикистону Чин соли 1999 имзо шуд. Соли 2011, пас аз он ки ин масъала дар миёни ҳалқаҳои фикрӣ доғ шуд, Ҳамроҳхон Зарифӣ, вазири умури хориҷии вақти Тоҷикистон тайи як нишасти хабарӣ эълон кард, ки ин созишнома соли 1999 миёни Тоҷикистон ба имзо расид ва соли 2002 он такмил шуд, аммо “рӯзноманигорони Тоҷикистон соли 2011 аз хоб бедор шуданд”.

Воқеан, ин масъала дар соли 2011 доғ шуда буд ва вокунишҳоеро ба дунбол дошт. Яке аз онҳое, ки дар ин хусус вокуниши ҷиддӣ дошт, **Муҳиддин Кабирӣ**, раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва намояндаи ин ҳизб дар парлумони ин кишвар буд. Кабирӣ дар зимни бархӯрд бо ин масъала моддаи 7-и Қонуни Асосии кишварро чун далел матраҳ мекард, ки дар он гуфта мешавад: “*Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад. Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст. Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти*

*арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст. Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои маъмурию ҳудудиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд*".

Аммо Ҳамроххон Зарифӣ тайи он нишасти ёдшуда иброз дошт, рӯзе, ки мо Қонуни Асосиро қабул кардем, дар даст санаде надоштем, ки байни ҳамсокишвар ва мо барои муайян кардани хатти марз баста шуда бошад. Яъне аз ин сухани вазири умури пешини Тоҷикистон чунин бардошт мешавад, ки дар замони қабули Қонуни Асосии Тоҷикистон марзи миёни кишвар мушаххас набуд. Бинобар ин аввал бояд марз мушаххас мегашт, баъдан модаи 7 онро шомил мешуд. Ба ин хотир вазири пешин ин гуна иддаҳоро "ҳубоби рӯйи об" унвон кард.



Академик Раҳим Масов

**Раҳим Масов** аз дигар уламои саршиноси кишвар буд, ки даъвои Чинро дар сӯҳбат бо *Радиои Озодӣ* беасос мегуфт. Чун қазия каме нозук аст, лозим аст, суоли Радиои Озодӣ ва посухи марҳум Р. Масов айнан оварда шавад. Суол ба Раҳим Масов чунин буд: "*Шумо узви комиссияи вогузории як пораи замини кишвар ба Чин низ будед, аммо дар он имзо накардед, чаро? Ҷавоб: Чин талаби бештар дошт. Ман розӣ нашудам. Охир, онҳо ягон ҳаққу ҳуқуқи таърихиву қонунӣ надоштанд. Инро исбот кардем ва навиштем, ки чиниҳо ягон ҳақ надоранд. Ин ҷо ҳудуди қадимиву муқимии тоҷикҳост*".

Марҳум Раҳим Масов даъвои Чинро бепоя мехонд ва иддао дошт, далели Чин танҳо ин аст, ки кадом яке аз лашкаркашҳои чинӣ он ҷо омада будааст. Дигар ин ки ба назари Масов, Тоҷикистон набояд чунин созишномаҳоро имзо кунад. Ба назари ӯ, замони имзои чунин созишномаҳо вақте фаро мерасад, ки кишвар қудрат дошта бошад. Ба ин хотир ӯ иддао менамояд, бояд ҳалли масъала мавқуф гузошта мешуд.

Дар ҳамин ҳол, Амак Сатторов мизи гирде, ки зикраш дар боло рафт, узви ин кумиссиюн будани Раҳим Масовро инкор кардааст. Ӯ дар ин бора мегӯяд: "*Гуфтаҳои академики мӯҳтарам Раҳим Масов моро мутаҳайир сохт, зеро он кас ҳеч гоҳе узви ин комиссия набуданд ва аз эшон низ барои имзои санаде дархост нашудааст. Тибқи маъмул, пас аз ҳар мулоқоти ҳайатҳои комиссия протокол тартиб дода мешуд ва онро роҳбарони ҳайатҳои ду тараф имзо мекарданд. Шартномаҳои 13 августи соли 1999 ва 17 майи соли 2002 дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Чин аз ҷониби сарварони ду давлат ба имзо расида буданд*".

Дар ҳамин ҳол ин мақомдори тоҷик мегӯяд, қисмати тоҷикии Комиссияи муштарак барои ҳаллу фасли масъалаҳои марзӣ 26 июни соли 1993 таъсис ёфта буд, ки он аз мақомоти Саридораи геодезия ва картография, Дастгоҳи раёсатҷумҳурӣ, Кумитаи сарҳадот ва ВМКБ иборат буд.

Ба ҳамин минвол 1 158 километри километри мураббаъ аз ҳудуди Помир ба Чин дода шуд, “пирӯзии дипломатия” пайдо шуд. Ин ибора ба Ҳамроҳхон Зарифӣ рабт дода мешавад, ки ӯ

**Академик Раҳим Масов: “Охир, онҳо (чиниҳо) ягон ҳаққу ҳуқуқи таърихиву қонунӣ надоштанд. Инро исбот кардем ва навиштем, ки чиниҳо ягон ҳақ надоранд. Ин ҷо ҳудуди қадимиву муқимии тоҷикҳост.”**

ки гуфта мешавад, 0,77%-и кулли ҳудуди Тоҷикистонро ташкил медод. Дар аввал иддао мешуд, ки заминҳои баҳсии Чин дар ҳудуди кишвар 28412 километри мураббаъро ташкил медиҳанд. Аммо вақте 0,77 замини Тоҷикистон ба Чин дода шуд, ибораи соли 2011 гуфт, ин ибораро ба забон наовардааст. Аммо ибораи “шикасти дипломатия”-ро ба Муҳиддин Кабирӣ иртибот медиҳанд. Ва ҳамин тариқ замин аз идораи Душанбе ба Пекин гузашту ин ду ибора ба ёдгор монданд.





## Муносибат бо язғуломиён дар тӯли 30 соли раҳбарии Раҳмон аз назари Шоҳнаими Карим

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон мардумоне ҳастанд, ки забони махсуси қадимии худро нигоҳ доштаанд ва онҳо нигаҳдорандаи хуби расму ойин ва урфу одатҳои худашон ҳастанд.

Яке аз онҳо мардуми Язғулом ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, дар канори язғуломиҳо шуғниҳо, рӯшониҳо, ишкошимиҳо, вахониҳо ва ғайра низ зиндагӣ мекунанд.

Инҳо ҳама мардумони таҳҷоии тоҷикони Бадахшон мебошанд.

Дар тӯли таърихи худ мардумони ин минтақа бо шароит ва вазъиятҳои мухталифи сиёсӣ зиндагӣ намудаанд, ки инҷо мехоҳем бо яке аз шахсиятҳои сиёсии мардуми он минтақа ҷаноби **Шоҳнаими Карим,** фаъоли сиёсии тоҷик, муовини раиси ҲНИТ ва узви Шӯрои ПМТ, пиромуни мавзӯи “*Муносибат бо язғуломиён тӯли 30 соли раҳбарии Раҳмон*” сӯҳбату гуфтугӯе доша бошем.

**Зиндониён:** ***Ибтидо ташаккур мекунем аз шумо ҷаноби Шоҳнаими Карим ба хотири ҷудо намудани вақт ва пазируфтани ин мусоҳиба. Мехоҳам бипурсам, ки шумо шахсе ҳастед, ки ҳам дар замони хукмронии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, ки Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои он маҳсуб мешуд зиндагӣ ва кору фаъолият намудаед, вазъи сиёсии мардуми Язғулом дар он замон ва муносибат чӣ гуна буд?***

**Шоҳнаими Карим:** Язғулом як минтақаи баста ва саъбулъубур буду ҳаст ва аз замони қадим ва дар замони Шӯравӣ низ рафту омад ба ин минтиқа чандон сурат намегирифт. Аммо аз солҳои 1950 ба баъд, ки ҷобаҷокунии аҳолии Язғулом ба ноҳояи Куйбишев (Ҷомии ҳозира) ба баҳонаҳои мухталиф сурат гирифт, пойи мардуми Язғулом ба дигар манотиқ аз ҷумла Душанбе боз шуд. Язғуломиҳои ин манотиқ вориди сиёсат шудаанд.

Банда аз соли 1979 вориди ҷунбиши сиёсие, ки баъдҳо ба ҲНИТ маъруф шуд, фаъолияти сиёсӣ доштам. Аммо қабл аз ин ки ҲНИТ дар соли 1990 тавассути давлати Шӯравӣ расмият пайдо ва баъдҳао шохаи низомӣ пайдо кунад, ҳалқаи аввалияро дар канори устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, толибилмон ва андешамандон ба унвони мотори ин ҳаракати сиёсии муҳаррик монанди дигар инқилобҳои ҷаҳонӣ, ташкил медоданд.

Ҳалқаи аввалия, ки умдатан муташаккил аз хуҷрагӣ ва ҳофизи Қуръон ва андешманди бисёр қавие буд, шогирдони зиёдеро барои тарбияи динӣ тарбият карда буд, ки яке аз онҳо шаҳид Махдуми Абдусаттор буд, ки дар соли 2019 дар зиндони "Кирпичний"-и Ваҳдат аз дасти муздурони Эмомалӣ Раҳмон шаҳид карда шуд. Яке дигар Эшони Ҷамолидлини Фархорӣ - фарзанди Эшони Аслам – буд.

Дар воқеъ аз лиҳози фикрӣ, маънавӣ ва руҳӣ низ, ки дар солҳои 70-ум ҳалқаи аввали ҲНИТ-ро ташкил медод, мардуми Язғулом бо тарбият



толибилмон буданд, касоне буданд, ки дар минтақаи "Мясокомбинат"-и Душанбе таълим мегирифтанд. Дар ин минтақа умдатан язғуломиҳо буданд ва домуллоҳои калони зиёде доштанд. Аз ҷумлаи онҳо устод Муҳаммадсаиди Язғуломиро метавон ном бурд, ки одами бисёр фарҳехта ва донишманд буд. Мардуми язғуломии "Мясокомбинат" дар хонаҳои худ толибилмонеро, ки аз дигар манотиқи Тоҷикистон аз ҷумла аз Кӯлоб омада буданд, искон медоданд.

Домулло Муҳаммадсаиди Язғуломӣ, ки таҳсилкардаи ҳалқаи дарсии домуллоҳои ва тақдими шахсиятҳои барҷаста дар саффи аввали сиёсат ва мубориза сиёсӣ буданд.

**Зиндониён:** ***То он ҷо, ки мо маълумот дорем, шумо ҷузъи ҷавонони истиқлолхоҳ ва дар ҷараёнҳои истиқлолхоҳӣ фаъол будед. Бифармоед, ки вазъи онрӯзаи мардуми Язғулом ва фикру андешаашон нисбати истиқлолият чи буд?***

**Шоҳнаими Карим:** Чӣ хеле ки ҳамаи аъзои оппозитсия, чӣ онҳое, ки дар раъси ҲНИТ ва эътилофи оппозитсия буданд ва ба шаҳодат расиданд ва чӣ онҳое, ки ё феълан ҳастанд, аз сарбозону қӯмандонон гирифта то

муҳоҷирони оддӣ, ҳама медонанд, ки мардуми Язғулом мардуми шуҷоъ, исломдӯст, шаҳодатталаб, варзида ва аз ҳама ҷиҳат барои хидмат ба ислому озодихоҳӣ омода буданд. Барои истиқлоли миллӣ ва динӣ тақрибан ҳамаи мардуми Язғулом аз марду зан фикру зикрашон ҳамин буд. Таърихи ин мардум нишон додааст, ки инҳо озодихоҳ, зулмситез озодизоҳ нафрат дошт, баъди имзои созишномаи сулҳ ҳамаро якто ба якто қатл ва равонаи зиндон кард. Дар маҷмӯъ Раҳмон бо тиру тӯпи хоҷагони хориҷияш ва бо макру ҳила ва фиреб, ба сари ҳукумат омад. Дар ибтидо гуфт, ман як давра президент мешавам. Вале чи тавре, ки ҳама шоҳидед ва дида истодаед, 30-сол аст, ки дар раъси ҳукумат аст.



**Шаҳид Сафаров Шермуҳаммад маъруф ба "Шери Язғулом"**

ва таслимнопазиранд. Ба ин ҳақиқат метавон аз осори Борис Николаевич Тагеев, ки дар соли 1893 дар Язғулом буда ва китоб навиштааст, ошно шуд.

**Зиндониён:** ***Чӣ гуна ва чӣ омилҳо боис шуд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар он замон сари ҳукумат омад?***

**Шоҳнаими Карим:** Дар даврони муқовимату мубориза бартарият дар тарафи оппозитсияи тоҷик буд, вале ба хотири нигоҳ доштан ва пароканда нашудани миллат, оппозитсия гузаштҳое кард ва ба хотири истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо ҷониби муқобил созишномаро имзо кард, ба умеди он ки сулҳ дар кишвар тантана мекунад. Аммо Раҳмон, ки кина дар дил ва аз мардуми сулҳхоҳ ва Кишвари Тоҷикистонро табдил додааст ба як ҳукумати хонаводагӣ ва диктаторӣ, ки на шарофати инсон дар он риоя карда мешавад, на каромат.

***Муносибати Эмомалӣ Раҳмон бо мардуми Бадахшон махсусан мардуми Язғулом, пас аз расидан ба қудорат чӣ тавр буд?***

**Шоҳнаими Карим:** Эмомалӣ Раҳмон як инсони дарундор, ҳасуд, кинагир ва ҳайвонсифат аст, ки ҳама инро худ медонанд ва ниёзе ба гуфтани ман нест. Ӯ аз мардуми Язғулом бисёр сахт норозӣ аст. Масалан, то ҳозира дар Язғулом барқ нест, дар ҳоле ки барои баркдор шудани мардум, чандон пули зиёде даркор нест. Дар Андарбак худи мардум ҷамъ шуда, нерӯгоҳи кучаки обӣ сохтаанд,

бинобар ин маблағи андаке даркор аст, ки турбин харида шуда насб шавад.

Аммо чаро Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба язғуломиҳо дар дил кина дорад? Чанд далел дорад, ки баъзеяшро арз мекунам:

1) Мардуми Язғулом қазияи дашти Язғуломро ба вуҷуд оварданд, ки хоҷагони хориҷии Эмомалӣ Раҳмон яъне Русия ӯро маҷбур ба музокира карданд, дар ҳоле, ки ӯ тамоман қасди музокира бо ҲНИТ-ро надошт. Аммо қазияи дашти Язғулом ӯро ба зону даровард ва маҷбур кард, Эмомалӣ музокира кунад;

2) Баданаи низомии ҲНИТ-ро бисёре аз язғуломиҳо ташкил медоданд, ки қатъан барои Эмомалӣ Раҳмон бисёр талх буд ва ҳаст;

3) Вуҷуди афроди стратег ва ҷангӣ ва шуҷое монанди шаҳид Шери Язғулом, шаҳид Эшони Зайнидин, шаҳид шайх Мирзониёз, шаҳид Абдурашид ва ғайра инҳо хобро бар Эмомалӣ Раҳмон ҳаром карда буданд;

4) Бештари муҳофизони устод Нурӣ, ки то охирин лаҳза бо ҷону дил аз раҳбари ҲНИТ муҳофизат мекарданд ва намегузоштанд, ки ба ӯ осебе расад, аз ин минтақа буданд;

5) Сӯиқасде, ки ба Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2001 шуда буд, шахсе ба номи қӯмандон Акбаршоро режими Раҳмон гунаҳкор донист, ки ӯ низ язғуломӣ буд. Гарчӣ ӯ 10 сол ба ҷурми сӯиқасд ба Эмомалӣ Раҳмон дар сахтарин шароит, зиндонӣ шуд, аммо билохира натавонистанд ҷурми ӯро собит кунанд. Ва ин кина аз язғуломиҳо ҳамчунон дар дили Эмомалӣ Раҳмон монд;

6) Эътирофи Раҳмон ба ин ки ин минтақа минтақаи муборизхез аст ва бояд нобуд шавад.

**Зиндониён:** ***Имрӯзҳо вазъ дар Бадахшон хеле бӯҳронӣ аст. Ҳукумати Эмомалӣ Раҳмон бо гузаронидани ба ном “амалиёти махсус” ҳамаи муътаризон, равшанфикрону мунтақидон ва дигарандешонро ё ба қатл расонд ва ё ба зиндон кашонд ва ин вазъ то ҳол идома дорад. Вазъият дар Язғулом чӣ тавр аст ва умуман арзёбии шумо дар бораи ҳаводиси ахир чӣ аст?***

**Бадахшон барои Эмомалӣ Раҳмон танҳо минтақае дар Тоҷикистон аст, ки ба зулму истикбору таҷовузҳои Эмомалӣ Раҳмон эътироз карда ва аз роҳи мусолиматомез эътирози худро ба тамоми ҷаҳон мерасонанд, аммо Эмомалӣ ба ҷои ин ки мушкили мардумро ҳал кунад, онҳоро кушта, хонаводаву оилаашонро дар бадтарин ҳолат қарор медиҳад.**

**Шоҳнаими Карим:** Бадахшон барои Эмомалӣ Раҳмон танҳо минтақае дар Тоҷикистон аст, ки ба зулму истикбору таҷовузҳои Эмомалӣ Раҳмон эътироз карда ва аз роҳи мусолиматомез эътирози худро ба тамоми ҷаҳон мерасонанд, аммо Эмомалӣ ба ҷои ин ки мушкили мардумро ҳал кунад, онҳоро кушта, хонаводаву оилаашонро дар бадтарин ҳолат қарор медиҳад.






*Ҷамшед Ёров, ҳуқуқдон ва раиси Бунёди "Бузургмеҳр"*

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон расман дар 2 январи соли 1925 бар асоси Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ дар таркиби Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил шуда ва минбаъд ба таркиби ҶШС Тоҷикистон дохил гардидааст.

Вазъи ҳуқуқии ВМКБ дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби ҳафтуми Сарқонун ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "*Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*" оварда шудааст. Тибқи ин санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ин вилоят дар сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, қонунгузори ва ғайра мухторият дорад.

Вале дар асл, албатта чунин нест. Ҳукумати марказии Тоҷикистон тамоми аломатҳо ва хусусиятҳои мухториятро дар Бадахшони Кӯҳӣ аз байн бурдааст. Ягон амал ва иқдом бе ризоият ва иҷозати марказ оғоз намешавад, аз интихоби вакилони мардуми то оддитарин амру фармони раисони ноҳияву шаҳрҳо.

Яке аз нишонаҳои набудани чунин мухторият он аст, ки раиси вилоятро на мардуми вилоят, балки аз марказ таъйин мекунанд. Ва айни ҳол дар ин мақом намояндаи мақомоти амниятӣ таъйин шудааст. Мардуми ВМКБ ягона мардуми муттаҳид ва ҳақҷӯе мебошанд, ки барои адолат дастчамъона вокуниши худро ба ҳукуматдорон нишон медоданд. Маҳз баъди таъйини раиси нави вилоят, корманди мақомоти амниятӣ **Мирзонабот Алишер**, ҳодисаҳои хунини моҳҳои ноябри 2021 ва майи 2022 имконпазир шудаанд. Ягона роҳи интихобкардаи ҳукумати

**Яке аз нишонаҳои набудани чунин мухторият он аст, ки раиси вилоятро на мардуми вилоят, балки аз марказ таъйин мекунанд. Ва айни ҳол дар ин мақом намояндаи мақомоти амниятӣ таъйин шудааст.**

марказӣ дар бархӯрд ба ҳақталабии мардуми Бадахшон ин эҷоди фазои тарсу ваҳшат, ҳабсу куштор, бадномкунию таҳқир аст.

Дар ҳақикат, агар мардуми ВМКБ ва ё ягон намояндаи он аз соҳиб шудани мухторияти пурра ва ё ҷудо шудан аз ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ҳам кунад – ин ҳуқуқи конститутсионии он кас аст. Сарқонун ба ҳама шахс озодии ибрози ақида ва андешаро кафолат додааст. Вале чунин ибрози ақида айни ҳол дар Тоҷикистон ҳамчун амали экстремистию террористӣ ҳисобида шуда, гӯяндааш ба зиндон маҳкум карда мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии “диққати махсуси” мақомоти қудратӣ ба мардуми Бадахшон он аст, ки дар фарқият бо мардуми дигар минтақаҳо, маҳз мардуми ин вилоят муттаҳидтар, соҳибилм ва ҷасуртар мебошанд. Ин мардум на фақат тайёр ҳастанд, ки ҳуқуқу озодиҳои худро ҳимоя кунанд, ҳамчунин дар пуштибонӣ аз якдигар ҳамеша омодаанд. Чунин муттаҳидӣ албатта ба ҳукумати марказӣ маъқул нест ва он бо ҳар гуна роҳу восита ин хусусияти мардумиро аз байн бурда аз аҳолии Бадахшони кӯҳӣ навкарони содиқи режими авторитарӣ сохтанианд. Албатта то имрӯз дар ин фитнаашон муваффвқ набудаанд ва вақт нишон медиҳад, ки бо саркӯбу эҷоди тарсу ваҳшат, ки ахиран шиддат бахшидаанд, то куҷо муваффақ мешаванд.

**Яке аз сабабҳои асосии “диққати махсуси” мақомоти қудратӣ ба мардуми Бадахшон он аст, ки дар фарқият бо мардуми дигар минтақаҳо, маҳз мардуми ин вилоят муттаҳидтар, соҳибилм ва ҷасуртар мебошанд.**








*Салмон Султонзода, фаъоли сиёсӣ ва узви КШНГЗС*

Тоҷикистон бештар аз ҳар вакт ба накзи ҳуқуқи инсон ва истифодабарандагони интернет роҳ дода, ҳар соату замон, ки хост дастрасии мардумро ба шабакаҳои ичтимоӣ қатъ месозад. Агар соли 2012 раиси хадамоти алоқаи Тоҷикистон Бег Сабуров қатъ кардани интернет дар ВМКБ аз мушкилоти фаннӣ унвон карда буд ва дар як нишасти хабарӣ ҳам, ки рӯзи 26 июл баъди чанд рӯзи амалиёт дар ВМКБ баргузор гардида буд, ишора ба он кард, ки дар рӯзи аввали амалиёт дар шаҳри Хоруғ гулӯлае ба хатти иртиботи телефонӣ бархӯрда, ҳама гуна иртиботро бо Бадахшон қатъ сохтаст.

**Соли 2012 раиси хадамоти алоқаи Тоҷикистон Бег Сабуров қатъ кардани интернет дар ВМКБ-ро аз мушкилоти фаннӣ унвон карда буд ва дар як нишасти хабарӣ ҳам, ки рӯзи 26 июл баъди чанд рӯзи амалиёт дар ВМКБ баргузор гардид, ишора ба он кард, ки дар рӯзи аввали амалиёт дар шаҳри Хоруғ, гулӯлае ба хатти иртиботи телефонӣ бархӯрда, ҳама гуна иртиботро бо Бадахшон қатъ сохтаст.**

Ин ҳарфҳо он солҳо боиси мазоқи кормандони алоқа дар ҷомеа гардида буд ва шаҳрвандон дарк карданд, ки ҳукумат барои пинҳон кардани ҳар гуна ҷинояти худ аз дурӯғҳое кор мегирад, ки назирашон дар олам нест. Қатъ кардани интернет ҳангоми ҳодисаҳои хунини соли 2012, баъдан солҳои 2016, 2018 нишон медиҳад, ки ҳукумати Тоҷикистон бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекунад, ки воқеиятро аз мардум пинҳон дорад ва бадахшониёни ҳақҷӯ ва адолатхоҳро дар назди аҳолии дигар минтақаҳои кишвар ба унвони “террорист” ва “экстремист” муаррифӣ кунад.

Бо ин амали худ агар ҳукумат аз як тараф тухми нифоқро дар байни минтақаҳои гуно-

гуни ҷумҳурӣ корад, аз ҷониби дигар тахти унвони “мубориза бо терроризм” маблағҳои зиёдеро дастрас мекунад. Ин аст, ки ҳукумат на фақат интернетро масдуд мекунад, балки сафари хабарнигорони мустақилро ба ин минтақа иҷозат намедиҳад ва ҳангоми рафту ойи аҳолӣ низ аз эҳтиёт кор гирифта бо нақзи ҳуқуқи сокинони ин минтақа телефонҳои онҳо дар постгоҳҳо тафтиш мешаванд ва ҳатто хона ба хонаи мардум низ гашта, телефону дигар таҷҳизотҳои сабткунанда мусодира мешаванд. Аз ин бармеояд, ки ҳукумат сирҳоеро барои пинҳон кардан дорад. Бино ба гуфти Суйнат Султоналиев – пажӯҳишгари Созмони Дидбони ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ, “*Қатъи интернет дар ВМКБ на танҳо поймол кардани озодии баён, балки зиндагиро ба тамоми мардум душвор ва хатарнок мекунад. Ҳарчанд ин ҳомии ҳуқуқи инсон ва чандин созмони дигар аз қатъи интернет дар Бадахшон изҳори нигаронӣ карда бошанд ҳам ҳукумат дар ростҳои ин талабу дархостҳо хомӯширо ихтиёр карда, тӯли беш аз 6 моҳ сокинони ин минтақаи дурдастро дар муҳосираи комсуникатсоинӣ нигоҳ дошт. Гарон будани нарху навои маводи ғизоӣ, таҳқиру фишори аҳолии осоишта аз тарафи сохторҳои қудратӣ як ҷониби зери фишори равонӣ қарор гирифтани мардум гашта бошад, нигарони барои вазъи хонавода, иртиботи телефонӣ ва шабакавӣ надоштан бо хешовандон аз хушунати ҳукумат ба мардуми вилоят дарак медод. “Ман аз қатъ шудани мудовимии интернет дар ин минтақа тааассуф мекунам. Чунин басташавӣ ба таври ошкоро ҳуқуқи инсонро поймол мекунад.*”

**Бино ба гуфти Суйнат Султоналиев - пажӯҳишгари Созмони Дидбони ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ, “Қатъи интернет дар ВМКБ на танҳо поймол кардани озодии баён, балки зиндагиро ба тамоми мардум душвор ва хатарнок мекунад. Ҳарчанд ин ҳомии ҳуқуқи инсон ва чандин созмони дигар аз қатъи интернет дар Бадахшон изҳори нигаронӣ карда бошанд ҳам ҳукумат дар ростҳои ин талабу дархостҳо хомӯширо ихтиёр карда, тӯли беш аз 6 моҳ сокинони ин минтақаи дурдастро дар муҳосираи комсуникатсоинӣ нигоҳ дошт...”**

Дар 16 марти соли 2022 Сафорати Амрико дар Тоҷикистон низ бо нашри эъломияе аз набудани интернет дар Бадахшон изҳори нигаронӣ кард ва аз ҳукумати Тоҷикистон даъват кард, ки ба озодии баён эҳтиром гузорад. Чунин даъватҳо 10 сол мешавад, ки садо медихад, лек Тоҷикистон ба ҳеҷ яке аз инҳо эҳтиром нагузоштаву даъваташонро напазируфтааст.

Соли 2012 як гурӯҳ шаҳрвандони Тоҷикистон зимни як муроҷиатнома ба СММ ва САҲА хостгори мудохила ба қазияи озодии баён шудаанд. Аммо бо гузашти 10 сол аз ин муроҷиат он низ чун қонунҳои Тоҷикистон рӯи коғаз монд ва ҳатто намояндагони ин созмонҳо, ки на як бору ду бор аз Тоҷикистон дидан кардан ба ғайр аз аксгирӣ бо раисиҷумҳур ва иштирок дар зиёфату базмҳо аз ин дархости худ фаромӯш карданд.

Бар акси ҳамаи ин, раиси Хадамоти алоқа Бег Сабур, ки аз соли 2004 яъне 18 сол ин сохторро дар даст нигоҳ медоранд, тираш на фақат ба “хатти интернет”, балки ба соҳибони Фейсбуку Гугл ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ

расида, онҳоро маҷбур кард, ки молиёт пардохт кунанд. Дар зарфи 9 моҳи соли гузашта ширкатҳои хориҷӣ барои хизматрасонии электронӣ чанд миллион молиёт пардохт кардаанд. Ин ҷо мафҳуми иқтисодии “пул-мол-пул” зери суол меравад. Ва чаро ҳар дархост ва пешниҳоди Тоҷикистон ба СММ ва дигар созмонҳо бидуни шарт иҷро мешаваду тӯли ин ҳама сол Тоҷикистон ягон талаби ҷомеаи байналмилалиро ба инобат намегирад? Ин чиро нишон медиҳад? Заифии ин созмонҳо ё қудрати Тоҷикистонро?

Дигар ин ки чун Тоҷикистон кишваре аст, ба зери санади байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ имзо гузоштааст ва аҳд кардааст, то ҳуқуқи инсонро риоя ва иҷрои онро таъмин кунад, чаро аз он фақат хоҳиши иҷро мекунанд, лек фишораш намеоранд, ки зери санад, ки имзо гузоштӣ, иҷрои онро ҳам таъмин кун.





# Халифаи сарбаланд



*Зафари Сӯфӣ, шоир ва рӯзноманигор, муассиси хабаргузории “Озодагон”*

Музаффар Давлатмиров, ин халифаи сарбаланд ва озодаро додгоҳи бедодгар панҷ сол маҳкум ба зиндон карда.

Танҳо ҷурме, ки ӯ дошт, чоплус набуд, имонашро ба савдо нагузошт, ҷавонмардиву садоқатро усули зиндагияш қарор дода буд.

Ӯ ба сифати як руҳонӣ ва як мусалмон вазифаву карзи худ донист, ки ҷанозаи Муҳаммадбоқирро баргузор кунад.

Ҳукумат мехост, ки ҷаноза баргузор нашавад ва ё хеле камрангу камҷамъият барпо гардад.

Ҷасорати халифа Музаффар дар ин амал, яъне баргузор кардани ҷаноза, ҳаммаънои қад алам кардан дар баробари пуррӯиву зулму беадолатии ҳукумат буд. Ҳоло гӯё бо пушти панҷараи зиндон бурдан ӯро муҷозот карданд. Аммо ин ғуломакон намедонанд, ки расми озодагӣ чист.

**Вақте видеои маросими ҷаноза ва ба сафари охират гусел кардани Муҳаммадбоқирро бори аввал дидам, дарвоқеъ бароям собит гашт, ки тавон ва ҷасорати ин ҷавонмард такяи самимонаи ӯ ба мардумаш буд.**

Як инсони озода ва баимон дар сиёҳчол ҳам озод асту бо Худои хеш ва аз эътирози худ дар муқобили зулм эҳсоси қаноату ризоият мекунад.

Аммо дар мавриди ташйеъи ҷанозаи шаҳид Муҳаммадбоқир. Имрӯз, пас аз хондани хабари зиндонӣ шудани халифа Давлатмиров боз як бори дигар он видеои кӯтоҳ, вале аз ҷиҳате ғамангез ва аз ҷиҳате ифтихорбарангезро бори дигар тамошо кардам.

Вақте видеои маросими ҷаноза ва ба сафари охират гусел кардани Муҳаммадбоқирро бори аввал дидам, дарвоқеъ бароям собит гашт, ки тавон ва ҷасорати ин ҷавонмард такяи самимонаи ӯ ба мардумаш буд.

Имрӯз ҳам боз бар ин амр боварам афзуд.

Як фарди ҷомеа, ки содиқона сарсупурдаи мардумаш буд, мардум низ садоқату самимияти ӯро шинохтаву аҷр гузоштанд ва самимона дӯсташ медоштаанд. Ин амр мояи рашку ҳасаду нигарониву тарси мақомот то болотарин сатҳи ҳукумати Тоҷикистон гашта, ки вокунишашон дар шакли саркӯби мардум гувоҳи он аст.

Воқеан ин ташйеъи ҷаноза, ки алорағми ҳама таҳдиду фитнаи мақомоти ҳукумати худкома ва саркӯбгар садҳо тан омаданд то бо фарзанди қаҳрамонашон худоҳофизӣ кунанд. Ин амал бори дигар нишон дод, ки мардуми Бадахшон сарбаланд, озода, самимӣ, содиқ ва қадршинос ҳастанд.

Ба садоқати онҳо Боқир эътимод дошт ва ин бовари ӯ ба мардумаш буд, ки дар баробари мошини азим ва бераҳму саркӯбгари ҳукумати худкома қад алам кард ва бо дасти холӣ дар муқобили одамкушҳои ҳукумат мардона истод ва гуфт: «ни шагу назад!»

Мардум бовари ӯро дар амал ва бо ҳузури густарда дар вопасин лаҳзаҳои бадрақаи ӯ собит карданд. Ин ҷасорати мардуми сарбаланд ҳукумати худкомаро сахт нороҳат кард ва ҳоло ошкору ниҳон ба дунболи муҷозоти фаъолон ва аз байн бурдани хотираву осори ин ҷавонмардиву қадршиносии помириҳост. Вале ҳар инсони озода медонад, ки ин кор об дар ҳован кӯфтан аст.

Аз сӯи дигар помириҳо собит карданд, ки барои чунин мардум то пои ҷон майдондорӣ кардан ва ҷоми шаҳодат нӯшидан меарзад. Ва ман ҳам ба такрор мегӯям: Мурдан дар роҳи хидмат ба шумо ва шуморо дифоъ кардан аз фитнаву хатарҳои душманони дӯстнамо шараф аст, зеро қадршиносед.

**Узум ту живч, мардуми сарбаланду озодаи Бадахшон!**

**Равони Муҳаммадбоқир шод, ҷойгоҳаш дар биҳишт ва ёдаш барои ҳамеша гиромӣ бод!**





# Имрӯз ва фардои Бадахшон

*Дадоҷон Ёқубов, фаъоли сиёсӣ-иҷтимоӣ, собиқ устоди донишгоҳ*



Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дорои захираҳои бузурги табиӣ, бахусус маъданҳои фоиданок аст, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ яке аз бойтарин минтақаҳо ба шумор меравад.

Дар солҳои Шӯравӣ, ин минтақа ба монанди минтақаи Урал захираи тиллои ИҶШС ба шумор мерафт. Ҳоло Бадахшонро “Дарвозаи тиллоии Тоҷикистон” меноманд. Аммо чӣ дар замони Шӯравӣ ва чӣ дар замони ҳозира, минтақа дотатсионӣ аст. Аз 75 то 80 фоизи хароҷоти вилояти Бадахшон, аз ҳисоби буҷаи давлат таъмин карда мешавад.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳаи геология, дар айни замон дар Бадахшон беш аз 200 кони канданиҳои фоиданок омӯхта ва ба коркард омода шудааст. Мутаассифона, аз сабаби ҷалби ғайриодилонаи сармоягузорӣ рушди иқтисодӣ ба роҳ монда нашудааст. Ин амр боиси рушд накардани минтақа ва дар болотарин сатҳ қарор гирифтани бекорӣ дар он ҷо гаштааст.

Соҳибкорони ватанӣ омодаанд, ки дар якҷоягӣ бо сармоягузоронӣ хориҷӣ барои коркарди конҳо ширкатҳо таъсис диҳанд. Вале бино бар монеъаҳо дар гирифтани иҷозатнома аз вазорату идораҳои дахлдор нияти худро амалӣ карда наметавонанд.

Аз як тараф вазорату идораҳоро фасод зер карда, аз сӯи дигар дар мақомоти Тоҷикистон соҳибкорон, дар умум тамоми миллатро ба худию бегона ҷудо мекунанд, ки барои бегона роҳҳои рушд сарбастааст.

Дар қаъри заминҳои Бадахшон тилло, нуқра, мис, флюорит, волфрам, сурб, никел, манган, слюда, маъдани оҳан, ангиштсанг, мармар, сангҳои қимматбаҳо ба монанди лаъл, лазурит

ва ғайра воқеъ аст. Аммо аз ин ҳама дороӣ мардуми минтақа камтарин суде ба даст намеоранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қаламрави ВМКБ, ҳамроҳ бо роҳбарон, вазирон ва депутатҳои нотакрори худ, ду “кашфиёт” карданд. Шояд ҳеч миллате дар таърихи худ, чунин кашфиёти беназирро надида ва нахоҳад дид:

1) Кашфи аввал - 1,58 ҳазор км.кв. пораи дили миллат (замин) бо аломати × ( икс )... фурӯхта шуд.

Дар мавриди ба Чин додани ин миқдор хоки кишвар азбас зиёд гуфта шуда, ба ҷузъиёти он намепардозем.

2) Кашфи дуюм бо аломати 0 (сифр), кони нуқраи Якҷилва (Якҷилға, Акҷилға) ба ширкати чинии “Кашн Синюи Дади Майнинг Инвестмен“ вогузор карда шуд. Кони нуқраи “Якҷилва“ дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ, дар баландии 4500 м. воқеъ аст. Якӯми апрели соли 2019, МН МО Тоҷикистон қонунеро ба тасвиб расонд, ки кони нукраи “Якҷилва“ -ро ба ширкати чинии “Кашн Синюи Дади Майнинг Инвестмент“ вогузор намуда ширкатро аз пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ озод кард.

Ҳамчунин ширкати чинӣ вазифадор аст, ки дар се соли аввали корӣ, 60%-и қувваи корӣ ва пас аз се сол 80%-и қувваи корӣ, аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ба кор таъмин карда шавад.

Вале рӯзноманигори Радиои Озодӣ Абдулло Ашӯров, маълумотҳои пинҳонии пурасрори кони нукраи “Якҷилва“-ро муайян мекунад, ки на 60% бар 40%, балки 40%-и коргарон аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ буда, 60%-и қувваи корӣ аз ҳисоби шаҳрвандони чинӣ аст.

Тарафи дигари масъала, озод намудан аз андоз ва боҷи гумрукӣ, на 5 солу 7 сол, балки 18 сол, яъне то соли 2037 будааст.

Намояндаи ширкати чинӣ Юан Ин Ху, зимни суханронӣ дар ҷаласаи МН МО, захираи умумии кони нуқраи “Якҷилва“ -ро 113 тонна ва ҳар соле то 40 тоннагӣ истихроҷ карда мешавад гуфт. Лекин аз рӯи маълумотҳои идораи геологӣ, захираи кони нукраи “Як-ҷилва” 205 тонна аст. Ҳукумати ВМКБ онро 415 тонна эълон мекунад.

Собиқ раиси ВМКБ Ёдгор Файзов дар мусоҳибае захираи конро 450 тонна гуфт. Ҳамин як мавриди тафовути чандбаробарӣ дар бораи захираи кони “Якҷилва” кофист, ки ба кори он шубҳа падид ояд. Ҳатман пушти парда муомилаҳое сурат кирифта, ки дар он дасти мақомоти радаи аввали Тоҷикистон ҳаст.

> **Дар қаъри заминҳои Бадахшон тилло, нуқра, мис, флюорит, волфрам, сурб, никел, манган, слюда, маъдани оҳан, ангиштсанг, мармар, сангҳои қимматбаҳо ба монанди лаъл, лазурит ва ғайра воқеъ аст. Аммо аз ин ҳама дороӣ мардуми минтақа камтарин суде ба даст намеоранд.**

Ба ширкати чинӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки ашёи хом (консентрат)-и нукраро бо пуррагӣ ба мамлакати Чин содир ва дар дохили он кишвар коркард карда мешавад. Дар натиҷа, миқдори нукраи истеҳсол шуда номаълум мемонад, ба замми он, бо маъдани нуқра дар якҷоягӣ, дигар маъданҳои аст.

Геологӣ машҳури кишвар Зуҳур Ёров, мегӯяд, ки дар таркиби ашёи хоми нукра, рух ва курғошим дорад ва дар наздикии кони нуқраи

“Якҷилва“, дигар маъданҳои ранга ва қимматбаҳо воқеъ аст.

Ин як далели бесалоҳиятӣ ва фасодзадагии ҳукумати Тоҷикистон буд, ки дар муносибат ба дороиҳои зерзаминӣ ва табиии минтақа чунин бархурди ҷинояткорона дорад. Мисолҳои зиёде ба ин монанд вуҷуд дорад, ки баёнгари қурбонии манфиати шахсӣ ва гурӯҳии мақомоти Тоҷикистон шудани манфиати миллиро бозгӯ мекунад.

Ба замми ин ҳама канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, Тоҷикистон дорои бузурги захираҳои обӣ, нерӯи барқи арзон, гармӣ ва равшании офтоб, замини ҳосилхез низ ҳаст. Вале миллат дар сатҳи пасттарини рушди иқтисодӣ, нафақа ва моҳонаи пасттарин, аз ҷумла, моҳонаи пасттарини кормандони маорифу тандурустӣ, андозбандии баландтарин аст. Фасод, беадолатӣ ва истибдод миллатро ба хорию зиллат оварда расонд, ки кормандони маориф, тандурустӣ, қисме аз зиёиён ва сиёсатмадорон аз лоилоҷӣ роҳи муҳоҷиратро интихоб намуданд.



Аммо барои бурунрафт аз вазъи бӯҳронӣ дар саросари кишвар, ба вижа дар минтақаи Бадахшон, чи корҳое бояд анҷом гирад?

Ба назари мо ҳукумати ҷумҳурӣ бояд талош кунад, ки аз ҳисоби буҷа, грантҳо, қарзҳои дарозмуддат, соҳибкорони дохилию хориҷӣ, дар соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок, саноати маъданҳои кӯҳӣ, нерӯгоҳҳои барқии обӣ, сайёҳӣ, роҳҳои автомобилгард ва кишоварзию чорводорӣ маблағгузорӣ шавад.

Ҳамзамон барои рушди устувори соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва фарҳангӣ бумии помирӣ бояд фасод решакан карда шавад. То фасод ва бюрократия вуҷуд дорад, то замоне ҳукумат миллатро ба худтю бегона тақсим мекунад, то вақте имтиёзу имкониятҳо тибқи ниёзҳо ва барномаи рушди кишвар ба ин ё он минтақа ва гурӯҳ ихтисос намеёбанд, банда бо боварии комил гуфта метавонам, ки иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақа рушд намекунад. Ва дар ҷомеа суботу амнияти пойдор барқарор нахоҳад шуд.



# Умед охирон мемирад

*Мавҷуда Соҳибназарова, рӯзноманигор, муовини раиси КШНГЗС*



Бенатиҷа будани талошҳои пай дар пайи модари Гулбиддин Зиёбекову чанд нафар шаҳиди дигари помирӣ, номаҳо ва муроҷиатҳои “Комиссияи 44”, ки дархости мусоидати президент ба тафтиши одилонаи қазияи Гулбиддин Зиёбеков ва дигар нафаронро карда буданд, на мижаи президентро паронду на сохторҳои қудратиро ба адл овард.

Ин ҳама моҳ мардум ба умед буданд, ки агар аз серкорӣ ва сафарҳои пай дар пай ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дасти президент нарасад, Рустам ё Озода вазъро таҳти контроли худ мегиранд. Ҳол он ки агар дили сарвари давлат ба Бадахшон месӯхту онро “баччаи угай”-и худ намешуморид, сафарро ба Хатлон ё Суғд мавққф гузошта ба Бадахшон сафар мекард.

**Ин ҳама моҳ мардум ба умед буданд, ки агар аз серкорӣ ва сафарҳои пай дар пай ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дасти президент нарасад, Рустам ё Озода вазъро таҳти контроли худ мегиранд.**

Мутаассифона, мардум инро дарк накарданд, ки президент аслан дар фикр ва ғами мардуми ин минтақа нест. “Умед охирон мемирад”, гуфта талошҳои зиёде барои барпо кардани эътирозҳои осоиштаи мардумӣ ҳам ба он хотир буд, ки таваҷҷӯҳи марказро ба Бадахшон ҷалб кунанд ва бори дигар ба ҳукумат хушдор диҳанд, ки мардуми ин минтақа адлро аз ҳама чиз боло мегузоранд, ба қонун бовар доранду фасод ва хушомадгуии дурӯғинро намепарастанд.

Ҳадафи эътирозгароне, ки охирҳои ноябри соли 2021 бо ҷанозаи Гулбиддин ва нафари

дигар ба майдон омаданд, фарёд аз ноҳақӣ буд. Мақомот ба мардум ваъдаи дурӯғин дод ва боз ҳам ҳамон умеди тантанаи адолат мардумро пароканда сохт. Румиҳо мегӯянд: “*То замоне, ки инсон нафас мекашад, умедвор аст. Умедвор аст, ки сарнавиштаашро дигар мекунад, то фардояш беҳтар аз имрӯз бошад*”.

Он мардуме, ки рӯзи 17 майи соли 2022 дар Рӯшон беярок пеши роҳи колоннаи ҳарбӣ ва

Ҳеч яки аз онҳо намехост, ки фарзандашон мисли духтари Гулбиддини шаҳид сағера шавад.

Ҳеч яке аз онҳо намехост падару модарашон дар дами пирӣ бе мутако монанд.

Ҳеч яке аз онҳо намехост, падару модари сарбозони аз оғуши падару модар базури рабудашуда ва дар ҳайати колона буда сиёҳпӯш шаванд.

Аз қадимулайём дар Бадахшон одамкӯшӣ



сарбозони яроқбадастро гирифтанд, ҳеч вақт бовар надоштанд, ки президенте, ки барои ҷони 9 миллион шаҳрванди Тоҷикистон бо шири модараш қасам мехӯрад, амри куштан, маҷақ карданро медиҳад. Ин ҷавонон бе ярок пеши роҳи колонаи ҳарбиро гирифтанд, ки боз хуни ноҳақе дар сарзаминашон нарезад, боз модаре ҷигарсӯхта нагардад. Инҳо сафирони сулҳ буданд. Ин кабӯтараконӣ хостгори оромишу осоиш, ки қалби пок доштанд, ба дилсиёҳии қалби дигаре бовар надоштанд.

Онҳо ба тазоҳуроти осоишта рафтанд, ҷанг дар зеҳнашон набуд, агар Бадахшон ва минтақаро нооором карданӣ мебуданд, дар кӯҳҳу ғорҳо камин мегирифтанд.

гуноҳи азиме шуморида мешуд. Бадахшонӣ дар назди хонаву дари худ одам намекушт, сарзаминашро пок нигоҳ медошт. Покдилӣ ва бекинагии бадахшониён аст, ки дар тӯли таърих ҷабри зиёд кашидаанд. Исботи ин моҳи майи хунин аст. Тазоҳурот дар Рӯшон рӯзи 17 май шурӯъ шуда буд ва Раҳмон саросемавор амри паронданро дод, гӯё чунин фурсат дигар дасташ намедод. Дар майдон мардумро куштанд, имкони берун омадан ба касеро надодан, ҳатто ба захмиён раҳм накарданд.

Рӯшон “Дашти Карбало”-ро мемонд. 30 соли нафрати дар дил дошта ҷӯш мезаду месӯхту мекушт.

Кинаи 30-сола чун вулкон фаввора мезад ва дар симои ҳар ҷавони паҳлавонсурат қотили худро медид. Мисли Заҳҳок исми қурбониёни худро пинҳон мекарду расонаҳо аз кушта шудани 16 нафар узви гурӯҳи ҷинояткор ва захмӣ шудани афсарону сарбозон, мегуфтанд.

Ҳол он ки дар ҳеҷ ҷое аз исми сарбозони захмишуда намеоранд. Чаро онҳо аз қаҳрамониҳояшон қисса намекунанд, ки чӣ гуна "террористон"-ро безарар гардонданд?

Чӣ қаҳрамоние дар ин майдон ба муқобили "гурӯҳҳои муташшакили ҷиноӣ" анҷом доданд?

Чаро телевизионҳои давлатӣ, расонаҳои давлатӣ аз террористҳо мегӯянду аз қаҳрамонии онҳое, ки гӯё марзу бумро ҳимоя карданд хомӯшанд?



Ҳукумат аз чӣ метарсад?

Чаро ин "қаҳрамонҳо" дар марази омм қадрдонӣ намешаванд?

Чаро аз қаҳрамонии онҳо ба наслҳои оянда қиссаву "афсона" нақл намекунанд?

Дастгоҳи таблиғотӣ ку дар дасташон аст. Дар ҳама ҷо аз кушта шудани 16 террорист мегӯянд.

Чун нафарони осоиштаро куштанд ва бо ифтихор аз нест кардани гурӯҳи терористӣ ҳарф мезананд, пас чаро аз шумори бештари кушташудагон ба унвони "террорист", ки боиси ифтихори президент бошад, намегӯянд?

Дар ҳоле, ки ҳукумат ҳатто исми ин 16 нафарро намеорад, ин навбатам мардум дурӯғҳои ҳукуматро фош намуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ исми нафарони дар рӯзҳои 17-18 май кушташуда ва баъди онро ҳам нашр намуданд ва ҷиноятҳои дар ин рӯзҳо содирнамудаи ҳукумати Раҳмон ном ба номи қурбониён дар ҳуҷҷатҳо ва дилу дидаи мардум сабт гашта.

Ва ин рӯйхате, ки мо дар зер меорем, то ҳанӯз пурра нест ва мардум баъди аз ҳолати шокӣ баромадан дигарҳоро низ ифшо хоҳанд кард. Як рӯз як рӯз ҷинояткорон барои ин амали хеш дар додгоҳи байналмилал ҷавоб хоҳанд дод:

1. Салим Ширинбеков, 42-сола, сокини шаҳраки Вомар;
2. Исмат Шарипов, 43-сола, сокини шаҳраки Вомар;
3. Амонҷон Содиқов, 48-сола, сокини шаҳраки Вомар;
4. Шогунбек Назриев, 55-сола, сокини шаҳраки Вомар;
5. Алишер Қиматшоев, 47-сола, сокини шаҳраки Вомар;
6. Шӯҳрат Руштов, 44-сола, сокини шаҳраки Вомар;
7. Руслан Абутуробов, 30-сола, сокини шаҳраки Вомар;
8. Мунаввар Ғуломшоев, 35-сола, сокини шаҳраки Вомар;
9. Алихон Низокатов, 25-сола, сокини шаҳраки Вомар;
10. Ҷумаъназар Баёзов, 55-сола, сокини шаҳраки Вомар;
11. Ховар Гулобшоев, 45-сола, сокини деҳаи Дерзуд;

12. Қурбонмамад Қурбонмамадов, 41-сола, сокини деҳаи Шучанд;
13. Далер Озодмамадов, 38-сола, сокини деҳаи Деҳрӯшон;
14. Завқибеков Нусрат, 37-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
15. Эҳсон Мизробов, 25-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
16. Тоҷиддин Назарбеков, 23-сола, сокини деҳаи Деҳрӯшон;
17. Ардашер Муносибов, 26-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
18. Мирулоев Мунир, 26-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
19. Ёдгор Ғуломхайдаров, 48-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
20. Ҷангибек Шейхбуров, 30-сола, сокини шаҳраки Вомар;
21. Мавлододов Ҳабиб Феткаевич, 35-сола, сокини деҳаи Дерзуд;
22. Дохунда Паллаев, 53-сола, сокини шаҳраки Вомар;
23. Неккадам Мамадназаров, 53-сола, сокини деҳаи Деҳрӯшон;
24. Муҳиддин Курбонасенов, 35-сола, сокини шаҳраки Вомар;
25. Аслиддин Хурсандов, 30-сола, сокини шаҳраки Вомар;
26. Умед Нурмамадов, 33-сола, сокини шаҳраки Вомар;
27. Хушбахт Хушачинов, 58-сола, сокини шаҳраки Вомар;
28. Каримов Ризвон, 55-сола, сокини деҳаи Баррӯшон;
29. Сафдаркул Паллаев, 54-сола, сокини деҳаи Баррӯшон;
30. Алишер Почоев, 46-сола, сокини шаҳраки Вомар;
31. Ёдгор Амрихудоев, 35-сола, сокини шаҳраки Вомар.

Ин рӯихати нафароне аст, ки дар ҳодисаҳои ноҳияи Рӯшон аз тарафи сохторҳои қудратӣ бо беҳрамии махсус кушта шуданд.

**Рӯшониҳои ба адолати президент умед доштаро президент террорист эълон намуд. Мардуме, ки моҳҳо хостгори адолат ва вохурии рӯ ба рӯ бо президент буданд ба “террорист” табдил ёфтанд.**

Раҳмон дар баромади хеш дар Хатлон ишора ба он кард, ки роҳи аҳамияти стратегӣ доштаи Душанбе-Кулмаро бастанд, яъне пахш намудани тазоҳурот бо ҳадафи кушодани роҳ буд. Мақсад агар аз истмфодаи ярок пароканда кардани эътирозгарон буд, пас чаро дар рӯзҳои баъдӣ ҳам аз ярок кор гирифта, чанд нафарро барои пурсиш даъват карда, беҳрамона куштанд?

Ва оё сохторҳои қудратӣ иҷозаи куштани нафари боздоштшударо доранд?

Дар кадом қонуни Тоҷикистон ин омадааст?

Оё президент ваколати фармони қатл кардани нафари ба бозпурсӣ даъватшударо дорад?

Мутмаинем, ки ин фармон аз ҷониби президент шуда ва ин, аз худкомагии президенти Тоҷикистон дарак медиҳад. Агар нафар ба терроризм ҳам муттаҳам шуда бошад, касе ҳақ надорад ҳатто агар президент ҳам бошад, бе ҳукми додгоҳ ва сухани охирин ӯро муҷрим ҳисобад.

Рӯшониҳои ба адолати президент умед доштаро президент террорист эълон намуд. Мардуме, ки моҳҳо хостгори адолат ва вохурии рӯ ба рӯ бо президент буданд ба “террорист” табдил ёфтанд.

Яке аз паҳлӯҳои терроризмро назоратчиён чунин тавзеъ медиҳанд, ки террорист аз модар террорист таваллуд намешавад. Он як системаи печида ва мукаммал аст, ки гароянда ба низоми иқтисодӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва маҳалӣ аст.

Дар маҷмӯъ, имрӯз терроризм ба унвони як дархости ба таърих афтода дар ҳоли мушкилоти фаврии иҷтимоӣ, сиёсӣ, қавмӣ ва ғайра арзёбӣ мешавад. Раҳмон ҳам аз мардуми Бадахшон ба таври сунъи террорист сохт, то хостаҳо ва кинаи 30 солаи худро бароварда гардонад. Бо ба карӣ ва гунгӣ андохтани худ медонист, ки мардум хоҳ нохоҳ ба тазоҳурот мебароянд ва ӯ ба ҳадафҳои худ барои несту нобуд кардани ин мардум ва гапдаро шудани онҳо хоҳад расид.








*Салмон Султонзода, фаъоли сиёсӣ ва узви КШНГЗС*

Дар ин хроника мо ҳодисаҳои дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ ва атрофи он, инчунин вобаста ба зодагони ин минтақа оғоз аз санаи 25 ноябри соли 2021 то ба 20 августи соли 2022-ро ҷамъоварӣ кардем.

**Манбаъҳои хабар:** Гурӯҳи кории Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсии Тоҷикистон (КШНГЗС), ВАО, сомонаи мустақили *Pamirdailynews*, Радиои Озодӣ, *Бомдод.ком*, саҳифаи фейсбукии журналистон Анора Саркорова, Рустами Ҷонӣ ва дигар манбаъҳои мустақилу боэътимод.

**25 ноябри соли 2021.** Гулбиддин Зиёдбеков сокини ҷамоати Тавдеми ноҳияи Рошткалъа аз ҷониби мақомоти қудратӣ кушта шуд;

**25 ноябр.** Наздик ба 5 ҳазор сокини Хоруғ ва атрофи он дар майдони марказии шаҳри Хоруғ гирдиҳамоӣ барпо карданд;

**25 ноябр.** Интернет дар ҳудуди шаҳри Хоруғ қатъ карда шуд;

**26 ноябр.** Дар натиҷаи пароканда кардани тазоҳургарон аз ҷониби мақомоти қудратӣ, ду нафар аз тазоҳургарон: Тӯтишо Амиршоев ва Гулназар Муродбеков кушта шуданд;

**26 ноябр.** Дар шаҳрҳои калони дунё ба мисли Берлин, Москва, Ню-Йорк, Варшава гирдиҳамоии зодагони Бадахшон ва дигар тоҷикон барои ҳамгироӣ бо тазоҳургарони Хоруғ барпо шуд;

**27 ноябр.** Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оиди гирдиҳамоӣ изҳорот дода, тазоҳургаронро муттаҳам ба қонунвайронкунӣ кард;

**28 ноябр.** Гирдиҳамоӣ пароканда шуд. Барои гуфтушунид бо мақомоти давлатӣ, аз ҷониби тазоҳургарон “Комиссияи 44” як гурӯҳи корӣ аз 44 нафар фаъолонаи шаҳрванди таъсис дода шуд;

**30 ноябр.** Агентии давлатии иттилоотии “Ховар” тазоҳуротгарони шаҳри Хоруғро “баъзе гурӯҳҳои манфиатдор” номид;

**2 декабри соли 2021.** Натиҷаи экспертизаи судӣ маълум кард, ки ба Зиёбеков Гулбиддин ҳафт тир зада шудааст. Чаҳор тир ба пойҳо, як тир ба шикам, як тир ба дил ва як тир ба чашм;

**2 декабр.** Сардори КДАМ Ятимов дар ҷаласаи фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Зиёдбековро ҷинояткор эълон кард ва гуфт, ӯ ҷазояшро гирифт;

**25 декабр.** Депутати маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ноҳияи Дарвоз бо таклифи ҷудо шудани ноҳияи Дарвоз аз ҳудуди ВМКБ баромад кард;

**29 декабр.** Чоршанбе Чоршанбиев, варзишгари бадахшонӣ аз Русия ба Тоҷикистон истирдод шуд. Дар Тоҷикистон ӯро бо моддаҳои 189 ва 307 муттаҳам карданд;

**11 январи соли 2022.** “Комиссияи 44” аз Прокуратураи вилоятӣ даъват кард, то ба кирдорҳои ёвари прокурор Абирзода ва милиса Маҳмадов баҳои ҳуқуқӣ диҳад. Дар посух Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) “Комиссияи 44”-ро гурӯҳи ғайриқонунӣ эълон кард;




**11 январ.** Дар телевизион “Бадахшон” пахши наворҳо бо мазмуни сиёҳкунии тазоҳуротгарони 25-27 ноябр ба роҳ монда шуд;

**11 январ.** Амриддин Аловатшоев, фаъоли ҷамъиятӣ ва яке аз роҳбарони ҷомеаи шаҳрвандии зодагони Бадахшон дар Русия ғайб зад;

**12-13 январ.** Аловатшоев ба мақомоти қудратии Тоҷикистон супорида шуд;

**17 январ.** Пешвои исмоилиёни ҷаҳон, Имом Оғохони чаҳор аз пайравонаш дар Бадахшон даъват кард, “амалҳое, ки ба қонунҳои сарзамин мухолифанд, рад кунад”;

**25 январ.** Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон зодаи Бадахшон Ҷумъа Далер Шофақир ба дидори модари Тӯтишо Амиршоев, ки дар пароканда кардани тазоҳуроти 25-27 ноябр аз тири мақомоти қудратӣ кушта шуда буд, омад;

**31 январ.** Сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Лутфулло Наврузов аз телевизиони Бадахшон баромад карда, даъво кард, ки собиқ полковники низомӣ Муҳаммадбоқир Муҳаммадбоқиров (Мамадбоқир) ӯро латукӯб кардааст. Телевизиони Бадахшон навореро пахш кард, ки гуфта шуд, дар он вақти латукӯб Наврузов

акс шудааст. Баъдан он навор сохта ва дурӯғ буданаш ошкор шуд;

**1 феврал.** Мақомоти Тоҷикистон дастгир кардани Амриддин Аловатшоевро баъд аз 20 рӯз тасдиқ карданд;

**5 феврал.** Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон, Рамазон Раҳимзода талаби боздошти 6 нафар сокинони шаҳри Хоруғ шуд, ки иборатанд аз: Акназаров Акназар (1992), Зикилобеков Сино (1993), Шабона Ҷамшед (1986), Носиралиев Сафаралӣ (1973), Шеров Манучеҳр (1986), Султоншоев Хуршедшо (1993).

**5 феврал.** Мақомоти қудратӣ эълон кард, бар зидди полковник Муҳаммадбоқиров амалиёт мегузаронад ва ба ин мақсад ба Хоруғ қувваҳои иловагии низомӣ сафарбар шуданд;

**7 феврал.** Амриддин Аловатшоев то ҳол вакили дифоъ надорад. Прокурори генералӣ гуфт, Аловатшоев истирдод шуд. Вазири корҳои дохилӣ изҳор дошт, Аловатшоев бо ихтиёри худ ба Тоҷикистон баргашт;

**8 феврал.** Навори мурочиати Муҳаммадбоқиров ба мардум ва Ҳукумати Тоҷикистон пахш шуд. Дар он ӯ аз ҷумла изҳор дошт, ки “талабгори ягон вазифаи давлатӣ нест” ва хоҳиш кард “ӯро ба ҳоли худ гузоранд”;

**9 феврал.** Певистамоҳ, модари Гулбиддин Зиёбеков, ба Прокуратураи вилоятӣ нома навишта, толиби посухи ҳукумати Тоҷикистон барои куштани фарзандаш шуд;

**10 феврал.** Ораз Вазирбеков, яке аз роҳбарони диаспораи зодагони Бадахшон дар Русия, бо воситаи навор изҳор дошт, ки ӯ шаҳрванди Русия аст ва нияти сафар ба Тоҷикистон надорад. Ӯ инчунин таъкид кард, ки мақомоти тоҷик мехоҳанд ӯро дуздида ба Тоҷикистон баранд;

**12 феврал.** Ҳукумати шаҳри Хоруғ мардумро ҳушдор дод, то фардо аз хонаҳои худ берун набароянд. Гуфта мешавад, ин супориши раиси вилоят аст ва ҳар нафаре аз Муҳаммадбоқиров дифоъ кунад, бар зидди ӯ парвандаи ҷиноӣ боз карда мешавад;




**12 феврал.** Дар интернет навори Амриддин Аловатшоев аз боздоштгоҳи муваққатии КДАМ пайдо шуд. Дар он ӯ худро айбдор эътироф кард. Коршиносон ва наздиконаш гуфтор ва рафтори ӯро ғайриоддӣ ва дар чеҳрааш нишонаҳои латукӯбро диданд;

**13 феврал.** Аслишо Вазиров, фаъоли ҷамъияти шаҳрвандӣ Русия, яке аз зодагони Бадахшон, тариқи навор нигаронии худро аз эҳтимоли дуздӣ шуда ва ба Тоҷикистон бурда шуданаш изҳор кард. Ӯ инчунин аз кишвари Русия хоҳиш кард, то ӯро ҳимоят кунад;

**17 феврал.** Зодагони Бадахшон аз муомилаҳои дағал ва поймолшавии ҳуқуқҳояшон аз ҷониби

кормандони мақомот дар фурудгоҳҳои Тоҷикистон, вокзалҳо ва ҳангоми ворид шудан ба хоки Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карданд;

**18 феврал.** Навори дуюми Аловатшоев аз боздоштгоҳи муваққатӣ нашр шуд. Дар ин навор Амриддин Аловатшоев аз мардум хоҳиш кард, то фикри наздикону пайвандони ӯро кунанд;

**19 феврал.** Генерал Навҷувонов, роҳбари Ситоди байниидоравӣ дар Бадахшон ба Муҳаммадбоқиров пешниҳод кард, то ӯ ду ҳафта дар беморхонаи касалиҳои руҳии ноҳияи Роштқалъа бистарӣ шавад ва бо ҳамин аз таъқиботи мақомот халосӣ ёбад. Муҳаммадбоқиров ин пешниҳодро рад кард;

**22 феврал.** Эълон шуд, ки додгоҳи Чоршанбе Чоршанбиев рӯзи 1 март дар боздоштгоҳи муваққатии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ) паси дарҳои баста баргузор мешавад;

**4 март.** Ба ҷони Муҳаммадбоқир Муҳаммадбоқиров сӯиқасд карданд. Ҳодиса рӯзи равшан дар маркази шаҳри Хоруғ анҷом ёфт. Дар натиҷаи сӯиқасд Муҳаммадбоқир аз ноҳияи дасташ захм бардошт. Ҳамроҳи ӯ дар дохили автомобил фарзанди хурдсолаш низ буд, ба кӯдак осебе нарасидааст;

**17 март.** Дар фурудгоҳи Душанбе Тӯтиё Амиршоев, сокини 31-солаи Роштқалъа ғайб зад. Тӯтиё писарамаки Тӯтишо Амиршоеви кушташуда бо тири мақомоти қудратӣ вакти гирдиҳамоӣ 25-28 ноябри соли 2021 мебошад. Маълум шуд, ки Тӯтиё Амиршоев дар боздоштгоҳи муваққатии КДАМ қарор дорад;

**18 март.** Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон эълон кард, ки интернет дар ҳудуди вилоят рӯзи 21 март дубора фаъол хоҳад шуд. (Интернет аз охири моҳи ноябри соли гузашта дар минтақа маҳдуд шуда, танҳо по идораҳои давлатӣ фаъол буд);




**20 март.** Ҳушом Ғулом (Хушрӯз Ҷумъаев), журналист ва блогери ҷавон, аз ҷониби КДАМ дар Хоруғ дастгир шуда баъдан озод шуд;

**20 март.** Мақомот изҳор доштанд, ки Амриддин Аловатшоев аз вакили дифоъ даст кашидааст. Аловатшоев то имрӯз вакил надошт. Ӯ гуфтааст “ба адолат бовар надорад”;

**31 март.** Дар Хоруғ Манучеҳр Шерови 36-сола аз ҷониби милиса боздошт шуд. Ӯро ба низоъ бо корманди милиса дар охири моҳи ноябри соли гузашта айбдор мекунанд;

**13 апрел.** “Комиссияи 44” дархости такрорӣ ба Прокуратураи генералӣ равон кард, то куштори Гулбиддин Зиёбеков таҳқиқ шавад;

**16 апрел.** Додгоҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Шеров Манучеҳрро ба 10 сол аз озодӣ маҳрум кард. Ӯро ба таҳқири намояндаи ҳокимият муттаҳам карданд;

**29 апрел.** Дар боздоштгоҳи муваққатии КДАМ дар Душанбе додгоҳи Амриддин Аловатшоев оғоз шуда, баъд аз чанд соат додгоҳ Амриддин Аловатшоевро ба мӯҳлати 18 сол аз озодӣ маҳрум кард. (Моҳи марти ҳамин сол хонаи нав сохтаи Аловатшоев дар Хоруғ аз ҷониби мақомоти давлатӣ вайрон карда шуда буд);

**7 май.** Ба рӯзноманигори зодаи Бадахшон ва сокини Аврупо Анора Саркорова мақомоти қудратии Тоҷикистон парвандаи ҷиноӣ боз карданд. (Коршиносон ин амали мақомотро амали қасдгирӣ аз фаъолияти касбӣ ва мавқеи шаҳрвандии Анора Саркорова медонанд. Анора Саркорова собиқаи кор дар ВВС дошта дар қазияи Бадахшон ҳамарӯза маълумот ба нашр мерасонад);

**9 май.** Журналист Анора Саркорова рӯйхати зодагони Бадахшонро, ки чанд моҳи охир аз ҷониби мақомоти Тоҷикистон дар ҷустуҷӯ буда, дастгир ва маҳкумшуда инчунин кушта шудаанд нашр кард, аз ҷумла дар ҷӯстуҷӯ:

1. Ҷамшед Шабонов (моддаи 237қ3; 328қ1; 330қ1);
2. Акназаров Акназар (233қ3; 328қ1; 330қ1);
3. Сино Зикилобеков (237қ3; 328қ1; 330қ1).

- дастгиршудагон:

1. Содиқ Ахмадбеков (моддаи 237);
2. Манучеҳр Шеров. 10 сол.(237қ3; 330қ1);
3. Сайфулло Сайфуллоев;
4. Хуршедшо Султоншоев (18 сол, 237қ3; 328қ1; 330қ1);
5. Шодиҷон Фармонбеков (4 солу 6 моҳ);
6. Муслим Наврузов;
7. Чоршанбе Чоршанбиев (8 солу 6 моҳ, моддаи 307);
8. Ошурбеков Кишварбек;
9. Диловар Хуррамов (1982);
10. Олим Насриддинов (1983);
11. Лоиқ Таваллоев (27/04/1992);
12. Ҷалол Билолов (1995);
13. Қурбоналӣ Галчабеков (1970);
14. Самад Аловатшоев (12/08/1983);
15. Хушдил Акимбеков (05/04/1975);
16. Муминшо Искандаршоев (15/08/1982);
17. Абад Ахмадбеков (16/06/1989);
18. Фаридун Нодилёбов (28/02/1989);
19. Тӯтиё Амиршоев (1991);



20. Амриддин Аловатшоев (18 сол, моддаи 181қ2; 182қ3; 187; 189; 302қ2);
21. Муяссар Соҳибназаров (21/12/1986. (м.237);
22. Фирӯз Саидиброҳимов (26/03/1991, м.237);
23. Далер Шукрихудоев (1996);
24. Умед Муродасенов (1987, м.237);
25. Шокир Одилов (1982, м.328). Вай дар натиҷаи шиканҷа маъюб шудааст);
26. Фаридун Пулодов (м.328).



**Дар 17 майи 2022 расонаи иттилоърасонии Азия-Плюс хабар дод, ки аз гузориши ҳодисаи Бадахшон худдорӣ мекунад. Сабабашро фишор ва огоҳии мақомоти давлатӣ гуфт.**

- кушташудагон;
1. Гулбиддин Зиёбеков (31/05/1992);
2. Гулназар Муродбеков (07/01/1977);
3. Тӯтишо Амиршоев (1998);

Ҳар се аз ҷониби ҳукумати қудратии Тоҷикистон кушта шуданд.

Аз рӯи хабарҳо, боз ҳадди ақал 80 нафар дар ҷустуҷӯ қарор доранд.

**13 май.** Додгоҳ Чоршанбе Чоршанбиевро бо 8 молу 6 моҳ аз озодӣ маҳрум кард. Чоршанбиев худро бегуноҳ медонад;

**16 май.** Дар шаҳри Хоруғ садои тир шунида шуд. Мардум ба эътироз даст заданд. Сабаби ба майдон омадани мардум поймолшавии ҳуқуқҳояшон, ҳабсҳои бе асос, ҳукмҳои ноодилонаи сокинони ин минтақа;

**16 май.** Мақомот ба сӯи эътирозгарон тир кушоданд. Дар Хоруғ интернет қатъ шуд;

**16 май.** Pamirdailynews аз захмиҳо хабар дод;

**16 май.** Дар натиҷаи пароканда кардани тазоҳургарон аз ҷониби мақомоти қудратӣ Замири Назаршоев, сокини 30 солаи Хоруғ кушта шуд;

**17 май.** Расонаи иттилоърасонии Азия-Плюс хабар дод, ки аз гузориши ҳодисаи Бадахшон худдорӣ мекунад. Сабабашро фишор ва огоҳии мақомоти давлатӣ гуфт;

**17 май.** Сокинони шаҳраки Вомари маркази ноҳияи Рӯшон роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғро бастанд, то қуввaҳои иловагии низомӣ барои пахш кардани эътирозоти мардумӣ вориди Хоруғ нашаванд. Мақомот ба эътирозгарони Рӯшон то соати 16 мӯҳлат доданд, то роҳро боз кунанд, дар акси ҳол мақомот гуфтанд, аз силоҳ истифода мебаранд;

**17 май.** Дар Берлин тоҷикони муқими Олмон гирдиҳамоӣ ташкил карданд, то таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Бадахшон ҷалб кунанд. Дар Маскав назди сафорати Тоҷикистон қуввaҳои полис омадагӣ барои пароканда кардани гирдиҳамоии тоҷиконро мебинад;

**Дар 13 майи 2022 Додгоҳ Чоршанбе Чоршанбиевро бо 8 молу 6 моҳ аз озодӣ маҳрум кард. Чоршанбиев худро бегуноҳ медонад**

**17 май.** 150 нафар сокинони ҷахон ва Ишкошим сӯи Хоруғ равон шуданд, то ба тазоҳурот ҳамроҳ шаванд. Дар минтақаи Андароб

низомиён роҳи онҳоро баста онҳоро ба Хоруғ роҳ надоданд;

**18 май.** Мақомот дар Рӯшон аз силоҳ истифода бурданд, кушташудагон ва захмиҳо ҳастанд;

**18 май.** Интернет дар тамоми ҳудуди вилояти Бадахшон қатъ гардид. Ҳукумати Тоҷикистон мардуми бесилоҳи гирдиҳамомадаи Рӯшонро “террористони байналмиллалӣ” эълом кард;

**19 май.** Хабаргузории мустақили Pamirdaily-news аз интиқоли ҷасади 17 нафари мулкӣ ба пайвандонашон дар Рӯшон хабар дод;

**19 май**. Дар Душанбе хонаи иҷораи мушовири калони фармондеҳи нерӯҳои марзбонӣ генерал-майор Холбаш Холбашев аз ҷониби КДАМ кофтуков шуд. Макони будубоши худи генерал Холбашев номаълум аст;

**19 май.** Шӯҳрат Руштов, сокини 44 солаи Рӯшон, аз ҷониби мақомот дар хонааш боздошт шуда баъд аз бозпурсӣ ба қатл расонида шуд;

**19 май.** Журналист ва блогери ҷавон, Ҳушом Ғулом боздошт шуд;

**19 май.** Аз рӯи маълумотҳо, мақомоти қудратӣ чанд нафар эътирозгарони Рӯшонро баъд аз пурсуҷӯ парронданд ва ин ҳамаро “амалиёти зиддитеррористӣ” номидаанд;

**22 май.** Дар маркази шаҳри Хоруғ полковник Муҳаммадбоқиров дар натиҷаи сӯиқасди мақомоти низомӣ кушта шуд;

**22 май.** Дар Душанбе зодаи Бадахшон журналист ва ҳомии ҳуқуқи инсон, Улфатхоним Мамадшоева боздошт шуд;

**29 май.** Дар Хоруғ аъзоёни аршади “Комиссияи 44” дастгир шуданд. Аз ҷумла Фаромӯз Иргашев, Музаффар Муборакшоев, Манучеҳр Холиқназаров;

**13 июн.** Ҳукумат рамзи Исмоилиёнро дар доманакӯҳи Помир тахриб кард. Садҳо нафар аз Хоруғ ва Рӯшан боздоштшуда ба Душанбе интиқол ёфтанд;

**16 июн.** Pamirdailynews хабар дод, ки дар Хоруғ соҳибкор, Сорбон Юноев дастгир шуд;

**16 июн.** Дар Душанбе собиқ афсари амнияти (КГБ), зодаи Бадахшон Мавлоназаров Мамадсултони 72-сола, машҳур бо номи Муҳаммад Султон, дастгир шуд. Ӯ журналист низ ҳаст;

**17 июн.** Сомонаи мустақили Pamirdailynews аз таҳдидҳо аз ҷониби кормандони амнияти хабар дод;

**24 июн.** Додгоҳи Хоруғ наворбардорони “Комиссияи 44”, Муяссар Садоншоев ва Ифтихор



Pamir Daily News
13 июня

В Хороге военные разрушили символ Имамата исмаилитов

В ночь на 13 июня таджикские военные полностью разрушили созданный над Бархорогом флаг Имамата исмаилитов.

Этот символ был создан ещё в 2007 году населением Верхнего Хорога и все годы считался достопримечательностью города.

Но, видимо, таджикские силовики желают уничтожить все что связано с идентичностью памирцев.

Саидбековро якеро ба 11 ва дуюмро ба 10 сол аз озодӣ маҳрум кард;

**25 июн.** Ҳушом Ғулом аз боздоштгоҳи ВКД ба боздоштгоҳи муваққатии КДАМ интиқол дода шуд. Ба ӯ бо моддаи 307 қисми 2 айбнома эълон карданд;

**25 июн.** Тӯтиё Амиршоев, писарамаки Тӯтишо Амиршоевро додгоҳ ба 8,5 сол аз озодӣ маҳрум кард. Ӯ замоне дасгир шуд, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба Душанбе баргашт. Ӯ модари Тӯтишо Амиршоевро ҳамроҳӣ мекард;

**27 июн.** Мақомот модар ва бародари рӯзноманигор Анора Саркороваро бо худ бурданд;

**8 июл.** Сокини 32-солаи Хоруғ Адис Тӯтишоев баъд аз бозпурсӣ дар раёсати КДАМ дар Бадахшон раги хунгарди худро бурид. Хайромамад Дӯстматов аз аз бозпурсии мақомот ба беморхона интиқол дода шуд, дар онҷо ӯ ба ҷони худ қасд кард. Табибон ӯро наҷот доданд;

**26 июл.** Дар Хоруғ халифа (рӯҳонӣ) Музаффар Давлатмиров дастгир шуд;

**29 июл.** Муслим Шерзамонов, бародари Алим Шерзамонов, муовини роҳбари Паймони Миллии Тоҷикистон ба 18 сол аз озодӣ маҳрум шуд. Ӯро мақомот ба ташкил кардани тазоҳу-



Дар 29 июли 2022 Муслим Шерзамонов, бародари Алим Шерзамонов, муовини роҳбари ПМТ ба 18 сол аз озодӣ маҳрум шуд. Ӯро мақомот ба ташкил кардани тазоҳурот айбдор карданд.

**29 июн.** Шафтолу Бекдавлатови 64-сола ва Хуҷамри Пирмамадови 58-сола, ду нафар аъзоёни “Комиссияи 44” ба 18 сол аз озодӣ маҳрум шуданд;

**29 июн.** Ҷонибек Чоршанбиев ва Муслим Наврузов аз Русия ба Тоҷикистон истирдод шуданд. Онҳо ба тариқи навор аз мақомоти Тоҷикистон хоста буданд, қатли Гулбиддин Зиёбековро таҳқиқ кунанд ва аз истифодаи қувва бар зидди мардуми бесилоҳ худдорӣ кунанд;

**6 июл.** Дар вақти пурсуҷӯ дар ШКД дар Хоруғ Абдураҳим Ғуломов 66 сола даргузашт;

рот айбдор медонанд;

**29 июл.** Дар Москва Ораз Вазирбеков ва Рамзӣ Вазирбеков инчунин Руслан Пулодбеков ғайб заданд. Онҳо аз роҳбарон ва фаъолонаи ҷамъиятӣ буданд;

**31 июл.** Ораз Вазирбеков ва Рамзӣ Вазирбеков дар Душанбе пайдо шуданд. Онҳоро мақомоти Русия ба мақомоти тоҷик супориданд;

**1 август.** Ҳасаналӣ Абдураҳмон, писари собиқ қӯмандони марзбонӣ, Толиб Айёмбеков ба 12 сол аз озодӣ маҳрум шуд. Ӯ рӯзи 23 июл дастгир шуда буд;

**3 август.** Дар Душанбе додгоҳи “Парвандаи Рӯшон” оғоз шуд. Додгоҳ парвандаи генерал-майор Холбаш Холбашев, зодаи Рӯшон ва ҳамроҳи ӯ парвандаи наздик ба 70 нафарро баррасӣ мекунад. Додгоҳ паси дарҳои баста баргузор мешавад. Холбаш Холбашев бо ҳамроҳии 20 нафари дигар паси панҷара дар додгоҳ ҳузур доранд, боқӣ берун аз панҷара;

**3 август.** Музаффар Давлатмиров, рӯҳонӣ, ба 5 сол аз озодӣ маҳрум шуд. Ӯ рӯзи 26 июл дастгир шуда буд. Аз боздошт то ҳукми суд, як ҳафта тӯл кашид;

**5 август**. Писари дигари Толиб Айёмбеков, Ғуломалӣ Аёмбекови 33-сола ба мӯҳлати як умр аз озодӣ маҳрум шуд. Мақомот ӯро дар қатли генерали амнияти Назаров дар соли 2012 айбдор донистанд. Ӯро рӯзи 23 июл дасгир карда буданд;

**7 август.** Аслан Ғуломов ва бародари ӯ Азим Гулобов сокинони маҳаллаи “Бизмич”-и Хоруғ, якуми яъне Аслан Ғуломов ба мӯҳлати як умр ва Азим Гулобов ба мӯҳлати 18 сол аз озодӣ маҳрум шуданд;

**11 август.** Дар Маскав зодаи Бадахшон Абдуллобеков Акбар соли таваллуд 1993 дастгир шуда ба Тоҷикистон интиқол ёфт;

**16 август.** Додситони аз додгоҳ барои генерал-майор Холбаш Холбашев ҳукми абад ва ба журналист ва ҳомии ҳуқуқи инсон, Улфатхоним Мамадшоева 25 сол маҳрум аз озодиро талаб кард;

**17 август.** Додгоҳ бародари полковник Муҳаммадбоқиров Акрам Муҳаммадбоқировро ба 8 сол аз озодӣ маҳрум кард. Бародари дигари полковник Муҳаммадбоқиров Тоҳир Муҳаммадбоқировро додгоҳ ба 28 сол аз озодӣ маҳрум кард. Дӯсти полковник Муҳаммадбоқиров, Гулназар Имомёрбеков 20 паси панҷара рафт. Мазорбонов Мазорбон муаллими тарбияи ҷисмонӣ дар маҳаллаи Бархоруғ ба 8 сол аз озодӣ маҳрум шуд;

**17 август.** Дар Москва блогер Мақсуд Ғиёсов дастгир шуд;

**17 август.** Дар Тоҷикистон собиқ раиси




консулгарии Исмоилиён дар Тоҷикистон хонум Шарофат Мамадамбарова аз ҷониби КДАМ мавриди бозпурсӣ қарор гирифт. Аз ин пеш рӯзҳои 13-14 август ду рӯз паи ҳам Мамадамбарова бозпурсӣ шуда буд;

**18 август.** Хабаргузории мустақили Pamir-dailynews хабар медиҳад, ки аз Душанбе ба Москва наздик ба 30 нафар кормандони мақомоти қудратӣ сафар карданд. Гуфта мешавад, мақсади ин гурӯҳи 30-нафара дастгир ва истирдод кардани фаъолони шаҳрвандии Тоҷикистон, ки аксар зодагони Бадахшон ҳастанд.